# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ОКТЯБР-ДЕКАБРИ 2020

**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

**Анатолий Изюмников,** менеҷер
**Фируза Файзуллоева,** иқтисодчӣ
**Раҷабов Нозимҷон,** коршинос
**Умеда Рахманова,** иқтисодчӣ

*Имрӯз фурсате расидааст, ки ба қадри яке аз рамзҳои давлатдорӣ – пули миллӣ бирасем, ифтихор намоем ва ба он эҳтиром гузорем.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

БАРОИ ЧӢ МАН ПАСАНДОЗ МЕГУЗОРАМ? 64

ЦЕНТРАЛЬНО-АЗИАТСКАЯ ФОНДОВАЯ БИРЖА СПОСОБСТВУЕТ РАЗВИТИЮ РЫНКА ЦЕННЫХ БУМАГ 22

ADB PLANS $323 MILLION IN GRANTS TO SUPPORT TAJIKISTAN DURING 2021–2023 63

ДУРНАМОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2021 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ 42




## ПУЛИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН 20 СОЛА ШУД



*Зарур аст, ки дар соли 2020 ва солҳои минбаъда шароити инфрасохтори сайёҳӣ дар ҳамаи мавзеъҳои сайёҳӣ беҳтар карда, сатҳу сифати хизматрасонӣ боз ҳам баланд бардошта шавад.*

***Эмомалӣ Раҳмон***

# 2019–2021

## “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»

# ДАР ИН ШУМОРА:


**3**

**ПРЕЗИДЕНТ**
БАРОИ МАН ИСТИҚЛОЛУ ОЗОДИИ ВАТАНИ АЗИЗАМ, СУЛҲУ ОРОМӢ ВА СУБОТИ СИЁСИИ КИШВАРИ МАҲБУБАМ, ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ИТТИҲОДУ САРҶАМЪИИ ХАЛҚИ...

**8**

**ТАЪЙИНОТИ КАДРӢ ДАР БМТ**
20 ноябри соли 2020, №83 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин гардид.

**22**

**ЦЕНТРАЛЬНО-АЗИАТСКАЯ ФОНДОВАЯ БИРЖА СПОСОБСТВУЕТ РАЗВИТИЮ РЫНКА ЦЕННЫХ БУМАГ**




**31**

**РАҚОБАТ БАРОИ CBDC - АСЪОРИ РАҚАМИИ БОНКИ МАРКАЗӢ БО ЧӢ АНҶОМ ХОҲАД ЁФТ?**
Бино ба пажӯҳиши Бонки марказии Аврупо ҳоло қариб нисфи истеъмолкунандагони аврупоӣ омодаанд, ки харид

**49**

**ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҚАРЗИ ИСТЕЪМОЛӢ БА ТАҲДИДУ ТАКМИЛ НИЁЗ ДОРАД**
Айни замон, яке аз навъҳои қарзи истеъмолӣ, ки вазифаи пешниҳоди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо)-ро ба шахсони воқеӣ аз тарафи марказҳои савдою хизматрасонӣ бо миёнаравии ташкилотҳои. . .

**37**

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ИНДИКАТОРОВ И ПОРОГОВЫХ ЗНАЧЕНИЙ ФИНАНСОВОЙ БЕЗОПАСНОСТИ**
Понимание финансовой безопасности конкретизируется на основе системы количественных и качественных индикаторов. . .

**42**

**ДУРНАМОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2021 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ**

**62**

**THE EDB TRANSFERS AN EFSD FINANCIAL CREDIT TO TAJIKISTAN**
The Eurasian Development Bank (EDB), acting as the Resources Manager of the Eurasian Fund for Stabilization and Development. . .




**15**

**“ВАЗЪИ ПАСАНДОЗҲОИ МУҲЛАТНОК, ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗ ВА ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ ДАР ДАВРАИ ГУСТАРИШИ ПАНДЕМИЯИ “COVID - 19”**

# В ЭТОМ НОМЕРЕ:




**54**

**БМТ ВАЙБЕР ЧАТ-БОТИ «САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ»-РО РОҲАНДОЗӢ НАМУД**

Чат-бот ин мусоҳиби виртуалӣ буда, метавонад ба суолҳои шахс посухҳои мушаххас дода, муошира намояд ва дархостҳои мухталифро оид ба пешниҳоди маълумот иҷро кунад. Қайд кардан. . .





**74**

Анатолий Изюмников:
**“МО ҲАМЧУН ШИРКАТИ НАВОВАР, БИСЁР ХИЗМАТРАСОНИҲОИ НАВИНРО АВВАЛИН ШУДА ҶОРӢ МЕКУНЕМ”**

**64**

**БАРОИ ЧӢ МАН ПАСАНДОЗ МЕГУЗОРАМ?**

Сарфа кардани пул зарур ва муҳим аст, ҳатто дар сурате ҳам, ки Шумо ягон мақсади муайян надошта бошед ё даромадатон на он қадар баланд аст.

**79**

**ТАДЖИКСКИЕ ИВЕНТЫ: ЭТНОФЕСТИВАЛЬ «КРЫША МИРА»**

«Крыша мира» – ежегодный музыкальный фестиваль в Хороге, который собирает тысячи любителей этнической музыки не только со всего Таджикистана, но и ближнего и дальнего. . .



**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ

4 (91) ОКТЯБР-ДЕКАБР, 2020



**Тел:** +992 (44) 600- 31- 24
**Факс:** +992 (44) 600- 32- 49

**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt. tj**



**РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ҳ. Холиқзода

**АЪЗОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:**
Н. Ҳикматуллозода, Ҷ. Нуралиев,
М. Накҳатзода, А. Миралиев,
Т. Ҳақназаров, А. Қурбонов.

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: А. Қурбонов
Сармутахассис: А. Мӯминов
Мутахассиси дараҷаи I: Л. Имомова



Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №114/МҶ- 97, аз 20 июни 2019 с.



Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.



Теъдоди нашр: 511 нусха.
Дар матбааи
ҶСП «НАШРИЁТИ МУОСИР»
чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Зарнисор, 3.

# Барои ман истиқлолу озодии Ватани азизам, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии кишвари маҳбубам, ваҳдати миллӣ ва иттиҳоду сарҷамъии халқи бузургворам аз ҷумлаи муқаддасоти азизтарин мебошад.



**Ҳамватанони азиз!**

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар ин лаҳзаҳои пурифтихор бо камоли эҳтиром ва муҳаббату садоқати фарзандӣ ба тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамон, ки рӯзи 11 октябри соли равон дар чорабинии бисёр муҳимми сиёсӣ – интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътиқоду бовари бузург зоҳир намуда, сарнавишти худ ва тақдири мамлакатро ба дӯши ман вогузор карданд, сипоси бепоён ва миннатдории самимӣ баён менамоям.

Ҳамчунин, бо эҳтироми бениҳоят бузург изҳор медорам, ки ман ҳамчун як фарзанди халқи азизи Тоҷикистон ҳанӯз аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ дар мансаби Роҳбари давлат аз пуштибонии самимии мардуми шарафманди кишвар, дуои хайри падарону модарон, собиқадорону пирони рӯзгор ва махсусан, дастгирии фаъолонаи ҷавонони ватандӯсту бонангу номус рӯҳу нерӯи тоза гирифта, дар ҷодаи рафъи мушкилоти ниҳоят сахту сангини сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии кишвар бо иродаи мустаҳкам ва азми қавӣ қадам мегузоштам.

**Ман аз мардуми азизи Тоҷикистон як ҷаҳон сипосгузорам, ки заҳмату талошҳои маро бо иштироки фаъолонаи худ қадрдонӣ карда, муҳаббату самимияти нисбат ба ман доштаашонро бо додани раъйи хеш исбот намуданд.** Ин муҳаббату самимияти халқи азизам маро водор месозад, ки ба хотири ободии Тоҷикистон, оромии Ватан ва осоиши ҳар як хонадони кишвар даҳчанд заҳмат кашам. Имрӯз хуб дарк мекунам, ки ихлосу эътимоди мардум масъулияти маро барои ба ҷо овардани рисолати бузурги давлатдорӣ, яъне роҳбарӣ кардани давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ҳифзи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, таъмин намудани фаъолияти муназзаму босамари рукнҳои давлатдорӣ, амнияти ҷомеа ва давлат, волоияти қонун, рушди бомароми иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва муҳимтар аз ҳама, боз ҳам беҳтар гардонидани шароити зиндагиву рӯзгори сокинони мамлакат бамаротиб меафзояд.

Ман имрӯз садҳо маротиба шукрона мекунам, ки сазовори эътимоду бовари халқи азизам ҳастам ва барои ин эътиқоду ихлоси бузург ва дастгириву дуои хайри падарону модарон дар назди тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон сари таъзим фуруд меорам. Ман ҳамаи шумо - халқи азизам ва хурду бузурги Тоҷикистонро сидқан дӯст медорам ва то нафаси вопасин ба шумо содиқона хизмат мекунам.

Мехоҳам як нуктаи бисёр муҳимро бо ифтихору қаноатмандӣ изҳор намоям: дар фосилаи ҳамагӣ ҳафт моҳ баргузор гардидани ду чорабинии муҳимми сиёсӣ, яъне интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва махсусан, интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар собит намуд, ки дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон фазои комили ҳамдигарфаҳмӣ, ваҳдати миллӣ, садоқат ба ормонҳои таърихии халқи куҳанбунёди тоҷик, пойдории сулҳу субот ва фарҳанги баланди сиёсии шаҳрвандӣ ба нерӯи воқеан бузург табдил ёфтааст. Ин падидаи нек маро ба ояндаи дурахшони Тоҷикистони маҳбубамон ва зиндагии осудаи халқи азизам умедвору дилпур месозад ва эътимоди маро барои фардои орому босуботи давлат ва мардуми кишвар боз ҳам қавӣ мегардонад.

Дар ҳафт соли охир ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои олии давлат ва дар навбати аввал, бо мақсади муҳайё намудани шароити арзандаи зиндагӣ барои мардуми кишвар хеле корҳои назаррас ба анҷом расонида шуданд. Ҳоло мехоҳам баъзеи онҳоро мухтасар хотирнишон намоям.

Дар солҳои 2013-2020 ҳаҷми воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ беш аз ду баробар афзуда, суръати миёнаи солонаи рушди он ба 7 фоиз баробар гардид. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар як сокини мамлакат 1,7 баробар, даромади пулии аҳолӣ беш аз 2 баробар ва музди меҳнати миёнаи як корманд 2,4 баробар афзоиш ёфт. Зиёда аз як миллион ҷойи корӣ таъсис дода шуда, шумораи шаҳрвандоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ меравад, аз 1 миллиону 100 ҳазор то 460 ҳазор нафар, яъне дуюним баробар кам карда шуд. Дар натиҷаи амалӣ гардидани санадҳои стратегӣ сатҳи камбизоатӣ аз 38,3 фоизи соли 2013 то 26,3 фоиз дар соли 2020, яъне 12 фоиз паст шуда, дарозумрии миёнаи шаҳрвандон аз 73 то 75 сол боло рафт.

Дар ин лаҳзаҳои воқеан хотирмони таърихӣ ба тамоми саноатчиёну сохтмончиён, инчунин, соҳибкорони бонангу номус ва шахсони саховатпеша барои заҳмати содиқона ва ташаббусҳои ватандӯстонаашон, ки боиси рушди соҳаҳои саноату сохтмон, ободии шаҳру деҳоти мамлакат, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар шудани шароити зиндагии мардум гардид, изҳори миннатдорӣ менамоям.

Ҳамчунин, хотирнишон месозам, ки дар натиҷаи пешбурди сиёсати самарабахши молияи давлатӣ дар ин давра ҳаҷми умумии даромади буҷети давлат ду баробар зиёд шуд. Ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ беш аз 100 миллиард сомонӣ сармоя, аз ҷумла 30 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб гардид. Дар давраи зикршуда муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 245 ҳазор хонанда, муассисаҳои тандурустӣ бо 9 ҳазор кат ва манзили истиқоматӣ ба масоҳати 9 миллион метри мураббаъ сохта, ба истифода дода шуданд. Дар ин давра беш аз 1500 километр роҳҳои мошингард, 190 пул, 50 километр роҳи оҳан бунёд гардида, имкониятҳои транзитии кишвар тавсеа пайдо карданд.

Дар ҳафт соли охир ба соҳаи энергетикаи кишвар ҷиҳати таҷдиди иқтидорҳои амалкунанда ва бунёди иқтидорҳои нав беш аз 32 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Аз ҷумла бо саъю талоши Ҳукумати мамлакат ва дастгириву заҳмати содиқонаи мардуми кишвар мо дар роҳи расидан ба ҳадафи стратегии худ – истиқлоли энергетикӣ боз як қадами бузургу устувор гузоштем, яъне ду агрегати нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба истифода супоридем, ки ин рӯйдод дар таърихи навини Тоҷикистон яке аз дастовардҳои муҳим гардид. Дар натиҷа ҳаҷми умумии истеҳсоли нерӯи барқ дар мамлакат ба 21 миллиард киловатт - соат расид ва маҳдудияти интиқоли он дар фасли зимистон бартараф карда шуд.

Бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳои кишвар, бо шуғли пурмаҳсул таъмин кардани аҳолӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии сокинони мамлакат солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, инчунин, давраи омодагӣ ба таҷлили сазовори 30-солагии истиқлоли давлатӣ эълон карда шуданд. Дар доираи иқдомоти зикршуда то моҳи сентябри соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои кишвар беш аз 25 ҳазор иншооти иҷтимоиву истеҳсолӣ ва сайёҳӣ бунёд ва ба истифода супорида мешавад, ки ин боиси ташкили даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ ва ҳалли бисёр мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ мегардад. Бо вуҷуди ҳама дастовардҳои зикргардида, мехоҳам хотирнишон созам, ки мо ҳанӯз дар оғози марҳалаи бисёр муҳимми рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва раванди ободонии Ватани азизамон қарор дорем ва барои амалӣ намудани нияту нақшаҳои некамон бояд боз ҳам бештар ва содиқона заҳмат кашем.

**Дар ҳафт соли оянда бо роҳи истифодаи самараноки захираҳои миллӣ ва тамоми имкониятҳо мо бояд ба истиқлоли комили энергетикӣ ноил гардем, Тоҷикистонро аз бунбасти коммуникатсионӣ пурра раҳоӣ бахшида, ба кишвари транзитӣ табдил диҳем. Дар ин муддат мо бояд ба ҳадафи дигари стратегӣ – ҳифзи амнияти озуқаворӣ наздик шавем, раванди саноатикунонии босуръатро, ки ба ташкили садҳо ҳазор ҷойи нави корӣ ва кам гардидани муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат мекунад, густариш бахшем.**

Дар навбати аввал, моро зарур аст, ки тавассути вусъат бахшидани татбиқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” нисбат ба имрӯз беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии мардумро таъмин намоем, зеро ҳар як фарди кишвар сазовори зиндагии шоиста ва ҳаёти осудаву арзанда мебошад. Дар ҳафт соли оянда дар бахши иқтисодӣ ба се вазифаи асосӣ - бо роҳи баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ таъмин намудани рушди устувор, афзоиш додани ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ва расидан ба сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодии кишварҳои даромадашон миёна афзалият

дода мешавад. Дар ин раванд, тавассути саноатикунонии босуръати кишвар сифати рушди иқтисоди миллӣ таъмин гардида, дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ густариш дода мешавад.

Дар ҳафт соли оянда мо бояд афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро то ду баробар ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолиро ба 45 фоиз расонида, сатҳи камбизоатиро то 15 фоиз коҳиш диҳем. Мо, бо дарназардошти рушди иқтисодиёт, барои ҳалли саривақтии масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити зиндагии арзандаи мардум, аз ҷумла бо роҳи мунтазам таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, зиёд намудани ҳаҷми даромадҳои пулии аҳолӣ, баланд бардоштани музди меҳнати кормандон, нафақа ва стипендияҳо тадбирҳои зарурӣ меандешем.



Сифати хизматрасонӣ дар соҳаи илму маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тадриҷан баланд бардошта шуда, ба ин соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, бо дарназардошти нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ, зиёда аз 123 миллиард сомонӣ равона мегардад. Сатҳи дастрасии аҳолии кишвар ба маводи ғизоӣ беҳтар гардонида, вобастагии иқтисоди кишвар аз воридоти молҳои озуқа кам карда мешавад.

Дар робита ба ин, ба кишоварзони мамлакат, ки тавассути баланд бардоштани маданияти заминдорӣ ва истифодаи самараноки замин ба хотири афзун намудани истеҳсоли маҳсулот, фаровон гардонидани бозори истеъмолӣ ва таъмин кардани аҳолӣ бо маводи ғизоӣ, яъне ҳифзи амнияти озуқаволии кишвар софдилона заҳмат мекашанд, миннатдорӣ баён менамоям. Мо тасмим дорем, ки ислоҳотро дар самти таъмин намудани рушди соҳибкорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ идома бахшида, ташаббусҳои созандаи соҳибкоронро минбаъд низ ҳаматарафа дастгирӣ ва ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро ҳимоя кунем ва низоми маъмурикунонии андозро такмил диҳем.

**Аз ҷониби низоми бонкии кишвар барои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҳафт соли оянда беш аз 100 миллиард сомонӣ қарз ҷудо карда, ин нишондиҳанда нисбат ба ҳафт соли гузашта якуним баробар афзоиш дода мешавад.**

Мо барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар ба рушди соҳаҳои саноати маъдан, металлургияи ранга, мошинсозӣ, саноати сабук, хӯрокворӣ ва дорусозӣ афзалият дода, барои коркарди ҳарчи бештари ашёи хом, афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатноки ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда ҳамаи тадбирҳои зарурӣро роҳандозӣ мекунем.

Дар ҳафт соли оянда бо мақсади густариш бахшидани корҳо дар самти таъмини истиқлоли энергетикии кишвар мо сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва хатҳои интиқоли барқи оғозгардида, таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии амалкунанда ва бунёди иқтидорҳои нави истеҳсоли нерӯи баркро идома мебахшем. Тибқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ ҳоло Тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли "энергияи сабз" дар қатори шаш кишвари пешсафи сайёра ҷой дошта, баъди пурра ба истифода додани нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" дар қатори чоргонаи аввали кишварҳои мазкур қарор мегирад, яъне мавқеи Тоҷикистон боз ду зина боло меравад. Ба ин васила, саҳми Тоҷикистон дар беҳдошти вазъи экологии минтақа ва сайёра вобаста ба коҳиш додани ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ зиёд гардида, дар кишвар барои рушди "иқтисоди сабз" заминаи боз ҳам мусоид фароҳам оварда мешавад.

Ҷиҳати васеъ намудани ҷуғрофияи ҳамлу нақли молу маҳсулот ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ дар ҳафт соли оянда мо 1500 километр роҳҳои мошингарди сатҳи байналмилалӣ бунёд мекунем. Бо истифода аз имкониятҳои мавҷудаи кишвар, рушди ҳунармандӣ, аз ҷумла ҳунарҳои мардумӣ ва соҳаи сайёҳӣ, бахусус, сайёҳии экологӣ, табобативу солимгардонӣ, таърихиву этнографӣ ва фарҳангӣ, кӯҳнавардӣ ва дигар намудҳои сайёҳӣ, инчунин, таъсиси инфрасохтори соҳа таъмин карда мешавад. Барои таъмин кардани рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум мо дар оянда низ тамоми захираву имкониятҳоро ҷиҳати ташкили инфрасохтори муосир дар деҳоти кишвар сафарбар менамоем.

Қобили зикр аст, ки ҳоло шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва муносибати Ҳукумати мамлакат бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва шариконии рушд дар сатҳи хубу созанда қарор дорад ва мо ҳамкориҳои судмандро бо онҳо минбаъд низ густариш медиҳем.

**Ҳамватанони азиз!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо дарназардошти он, ки илму маориф соҳаҳои калидии сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб меёбад, мо ислоҳотро дар ин самт идома дода, пояҳои моддиву техникии ин соҳаҳоро таҳким мебахшем ва мақоми омӯзгорро дар ҷомеа минбаъд низ баланд мебардорем.

Дар ҳафт соли оянда барои боз ҳам беҳтар намудани солимии ҷомеа тамоми тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, маблағгузории соҳаҳои тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ мунтазам зиёд карда мешавад.

Бо истифода аз фурсат, ба тамоми кормандони соҳаи тандурустӣ, махсусан, ба табибон ва ҳамшираҳои шафқат, ки дар давраи бисёр мушкили пандемияи коронавирус ба хотири ҳифзи саломатии мардуми Тоҷикистон ва табобати беморон шабонарӯзӣ ва ҷасуронаву содиқона заҳмат кашиданд ва имрӯз низ софдилона фаъолият карда истодаанд, миннатдориву сипос баён менамоям.

Дар оянда ҷиҳати беҳтар намудани имкониятҳои шуғл барои занон, шахсони маъюб ва гурӯҳҳое, ки имконияти маҳдуд доранд, барномаҳои махсус таҳия ва қабул гардида, истеҳсоли воситаҳои техникии тавонбахшӣ барои онҳо васеъ ба роҳ монда мешавад. Доир ба ҳифзи иҷтимоии ятимону маъюбон, оилаҳои бесаробону камбизоат ва дигар гурӯҳҳои осебпазиру ниёзманд тадбирҳои иловагӣ амалӣ карда мешаванд.

Бо дарназардошти он, ки мо фарҳангро ҳастии миллат ва яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум эълон кардаем, дар ҳафт соли оянда ҷиҳати рушди маънавиёти ҷомеа, забони давлатӣ, фарҳанг, санъату мусиқӣ, театр, кино, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, иттилоот ва баланд бардоштани завқи зебоипарастии шаҳрвандон тадбирҳои мушаххасро амалӣ менамоем ва барои истеъдодҳои ҷавон шароити арзанда муҳайё мекунем.

Мо ба масъалаи тарбияи ҳамаҷонибаи ҷавонон ҳамчун самти муҳимтарини сиёсати давлат диққати аввалиндараҷа дода, дар ҳафт соли оянда мақсад дорем, ки ташаббусҳои созандаи ҷавононро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, доир ба оммавигардонии варзиш ва тарзи ҳаёти солим як силсила тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоем. Масъалаи тарбияи кадрҳо аз ҳисоби ҷавонон ва дар ҳамаи зинаҳои хизмати давлатӣ ҷобаҷо намудани онҳо дар сархати фаъолияти мо қарор хоҳад дошт. Мо ният дорем, ки дар ҳафт соли оянда беш аз 540 ҳазор нафар ҷавонони мамлакатро барои гирифтани маълумоти олӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул карда, то 40 ҳазор нафар ҷавонони болаёқату боистеъдодро ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои пешрафтаи дунё фиристода, барои соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллиамон кадрҳои баландихтисос тайёр намоем. Мо ба ҷавонони даврони истиқлол эътимоди бузург дорем ва барои онҳо тамоми шароиту имкониятҳои заруриро фароҳам месозем, ки ҷавонони мо ҳамчун насли ояндасоз зимоми фардои давлат, Ватан ва халқи худро ба даст гиранд, сарзамини аҷдодиро соҳибӣ кунанд, онро обод созанд, яъне кори моро ба хотири пешрафту ободии Тоҷикистони маҳбубамон идома диҳанд.

Имрӯз занон дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва хизмати давлатӣ нақши бисёр арзишманд доранд ва мо дар оянда барои онҳо шароити ҳарчи беҳтар муҳайё мекунем ва ташаббусҳои занону бонувони мамлакатро ҳамаҷониба дастгирӣ менамоем. Ба хотири боз ҳам баланд бардоштани мақоми иҷтимоии занон ва васеъ намудани фаъолияти онҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030” - ро таҳия ва амалӣ месозем.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон бо сиёсати хориҷии сулҳҷӯёна ва мутавозини “дарҳои кушода” ба ҳайси шарики боэътимоду хайрхоҳ дар арсаи байналмилалӣ мақому манзалати шоиста пайдо намуда, ҳамчун яке аз кишварҳои ташаббускор дар ҳалли як қатор мушкилоти глобалӣ, бахусус, масоили мубрами амният, обу энергетика, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим эътироф гардид. Шиддат гирифтани рақобату бархӯрдҳои тиҷоратӣ, низоъҳои мусаллаҳона дар минтақаҳои гуногуни олам, вусъат пайдо кардани терроризму ифротгароӣ, тағйирёбии иқлим ва ба таври бесобиқа афзоиш ёфтани бемориҳои нави сироятӣ дар миқёси сайёра собит месозад, ки инсоният ҳанӯз ҳам рӯ ба рӯи таҳдиду хатарҳои замони муосир осебпазир аст ва ба тақвияти ҳамкориву ҳамгироӣ ниёз дорад.

Ба ин манзур, мо минбаъд низ муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судмандро бо ҳамаи кишварҳои олам ва пеш аз ҳама, бо кишварҳои ҳамсоя, инчунин, шарикони стратегиамон

густариш дода, робитаҳоямонро бо онҳо ҷиҳати таъмин намудани манфиатҳои миллии кишвар дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуддат ва бо дарназардошти воқеиятҳои даврони муосир дар чорчӯбаи ташкилоту созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ вусъат мебахшем.

**Ҳамватанони азиз!**

Таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, аз ҷумла терроризму экстремизм, ҷиноятҳои киберӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, таъмини амнияти давлату ҷомеа ва ҳифзи истиқлоли давлатӣ ба сифати вазифаи асосии давлат боқӣ мемонад. Зеро амалишавии мақсадҳои стратегии мо, корҳои созандаву ободгарона ва пешрафту тараққиёти кишвар маҳз дар фазои орому осоишта, ваҳдату сарҷамъӣ ва адолату қонуният имконпазир мебошад. Ман ба тамоми сарбозону афсарони Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат - фарзандони ҷасуру ҷоннисор ва далеру шуҷои Ватан барои хизмати содиқона ва саҳми бузургашон дар барқарорсозии сохти конститутсионӣ, сулҳу оромӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, истиқлолу озодии Тоҷикистони маҳбубамон, таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва қонуният, яъне волоияти қонун самимона миннатдориву сипос баён менамоям.

Вазъияти зудтағйирёбандаи минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла тавсеа пайдо кардани фаъолияти ташкилоту гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ моро водор месозад, ки сохтор ва фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро такмил диҳем, заминаҳои моддиву техникии онҳоро тақвият бахшем ва омодабошии доимии ҳайати шахсии сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барои ҳимояи марзу буми кишвари азизамон ва амнияти давлату ҷомеа таъмин созем.

Ҳамчунин, бо эътимоди комил иброз медорам, ки нақшаҳои барои ҳафт сол пешбиникардаи мо барои рушди устувору бемайлони Тоҷикистони азизамон дар даҳсолаҳои оянда заминаи мустаҳкам мегузоранд. Мо дар ҷараёни татбиқи барномаҳои худ тавсияву пешниҳодҳои дигар ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои онҳоро, ки ба манфиати иқтисодиву иҷтимоии давлат ва мардуми кишвар мебошанд, ба эътибор мегирем.

Ман имрӯз низ бо эътимоди қавӣ изҳор медорам, ки рисолати худро дар мансаби Президенти мамлакат дар ҳафт соли оянда танҳо бо пуштибонӣ ва такя ба халқи азизам идома медиҳам.

**Ман ба мардуми шарифи Тоҷикистон аҳди ҷавонмардӣ медиҳам, ки тамоми ҳастии худро дар роҳи ҳифзи истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи комилу пойдори сиёсӣ, сарҷамъии миллат, ваҳдати миллӣ ва пешрафту ободии Тоҷикистони азизу маҳбубамон мебахшам.** Барои ман истиқлолу озодии Ватани азизам, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии кишвари маҳбубам, ваҳдати миллӣ ва иттиҳоду сарҷамъии халқи бузургворам аз ҷумлаи муқаддасоти азизтарин мебошад. Бори дигар сипосу миннатдории самимӣ ва садоқату вафодории фарзандии худро ба сарзамини муқаддасам, халқи бузургворам ва ҳар фарди Ватани ба ҷон баробарам - Тоҷикистон сидқан изҳор медорам.

Ман аз хурду бузурги Тоҷикистон муҳаббату самимият ва меҳрубонии ниҳоят зиёд дидаам ва ба чунин халқи азизу меҳрубон шабу рӯз, содиқона, бо виҷдони пок, дасту дилу нияти нек ва бо тамоми ҳастӣ хизмат мекунам. Итминони комил дорам, киояндаи Тоҷикистон дурахшон аст ва мо якҷо бо халқи азизамон ва миллати фарҳангсолору тамаддунсозамон заҳмат кашида, Ватани маҳбуби аҷдодиамонро ободу зебо ва пешрафтаву нерӯманд гардонида, обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем. Ман Ватани маҳбубам ва халқи азизамро сидқан ва беш аз ҷони худ дӯст медорам, зеро ман бо нону намаки халқи бузургворам ба ин мартаба расидаам ва ин нону намакро то нафаси вопасини ҳаётам пос медорам ва ба он хиёнат намекунам.

**Савганд ба номи поки Худо, ба нону намаки мардуми шарифи Тоҷикистон, ба номи хурду бузурги ин диёри бостонӣ, ба поси хотири ҷовидонаи фарзандони фарзонаи он ва ба ҷони қариб нӯҳуним миллион шаҳрвандони Ватани маҳбубам, ки тамоми донишу таҷриба, саъю талош ва ҳастии худамро фидои ин обу хоки муқаддас, ин халқи дар ҳақиқат бузургу қаҳрамон, соҳибмаърифату тамаддунсоз, меҳрубону қадршинос, заҳматдӯсту матинирода ва Тоҷикистони соҳибистиқлолу озод месозам.**

Бигзор, хуршеди истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва бахту саодат ба сари Тоҷикистон ва ҳар як хонадони мардуми шарафманди он то абад нурафшон бошад!

Тоҷикистон, ба пеш! Ба сӯи қуллаҳои баланди пешрафту тараққиёт!

***www.president.tj***

# Таъйиноти кадрӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон



Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло 27-уми июли соли 1973 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик.

**Таҳсилот:**

Маълумот олӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз ва Академияи хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Русияро бо ихтисоси идоракунӣ хатм намудааст.

**Унвони илмӣ:** номзади илмҳои иқтисодӣ

**Фаъолияти меҳнатӣ:**

Солҳои 1995-1996 - муҳосиби дараҷаи II, Муассисаи хуроки умумии ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанбе;

Аз 11.06.с.1996 то 15.08.с.1996 - муҳосиби Иттиҳодияи истеҳсолии ба номи «Зайнаббибӣ»-и шаҳри Душанбе;

Солҳои 1996 -1998 - иқтисодчии калони шуъбаи қарздиҳии «Тори-бонк» дар ш.Душанбе;

Солҳои 1998-1999 хазинадори Идораи амалиётии БДА ҶТ «Амонатбонк»;

Солҳои 1999-2003 – муҳосиби калон оид ба хизматрасониҳо ба шахсони ҳуқуқии Идораи амалиётии БДА ҶТ «Амонатбонк»;

Солҳои 2003- 2005 муовини сармуҳосиби Идораи амалиётии Раёсати БДА ҶТ «Амонатбонк»;

Солҳои 2005-2009 сардори Идораи амалиётии Раёсати БДА ҶТ «Амонатбонк»;

Аз 3-юми апрели соли 2007 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Раёсати БДА ҶТ «Амонатбонк»;

Солҳои 2009 - 2015 Директори Департаменти хазинадории Раёсати БДА ҶТ «Амонатбонк»;

Солҳои 2015 - 2020 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати панҷум);

Аз 1 марти соли 2020 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати шашум);

17 марти соли 2020 дар ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати шашум Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб гардид;

Аз 20.06.2020 то 20.11.2020 Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон;

**20 ноябри соли 2020, №83 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин гардид;**

Узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон;

Оиладор, соҳиби 4 фарзанд.




# АХБОР

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

## ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Ба муносибати Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 ноябри соли равон дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки Роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ва аҳли кормандони бонк ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.

Дар оғоз Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ҳама иштирокчиёни чорабиниро бо ин ҷашни фархунда табрик намуда, иброз доштанд, ки Парчами давлатӣ, Нишони давлатӣ ва Суруди миллӣ барои ҳар як давлату миллат рамзи истиқлолу озодӣ, дӯстию рафоқат, бахту иқбол, меҳанпарастӣ, ору номуси ватандорӣ ва нишон аз ҳувияти миллӣ ба шумор меравад. Парчами нави давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол самараи ҷонбозиҳову муборизаҳо аст, ки 24 ноябри соли 1992 дар иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, соли 2009 бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» тағйирот ворид карда шуд ва мувофиқи он рӯзи 24 ноябр Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид ва ҳамасола дар саросари кишвар ҳамчун рӯзи ид бо тантана ҷашн гирифта мешавад.

Номбурда таъкид намуд, ки се рукни муҳимми давлатдории имрӯзаи миллии мо, яъне таҳкими пояҳои Истиқлол ва давлатдории миллӣ, қабули Парчами давлатии Тоҷикистон ва ба мақоми роҳбарии Тоҷикистон расидани Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як замон, дар ҷараёни баргузории иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқӯъ пайвастааст. Ба ибораи дигар, ба фаъолияти давлатдорӣ шурӯъ кардани Пешвои миллат аз адои савганди садоқат зери ҳамин Парчами давлатӣ оғоз шудааст ва баркарории сулҳу субот ва дигар музаффариятҳои минбаъдаи мардуми мо аз қабул ва афроштани он ибтидо мегирад.

Сипас, Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Моҳбону Накҳатзода ҳамагонро бо ҷашни бошукӯҳ муборакбод гуфта, нақши парчамро дар фаъолияти давлатдорӣ, аз ҷумла дар гузаронидани маъракаҳои расмию ғайрирасмии давлатӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, ҳамчунин дар муносибатҳои байналмилалӣ ва дар ҳаёти ҳамарӯзаи ҷомеа муҳим арзёбӣ намуд. Парчами давлатии мо, - гуфт Моҳбону Накҳатзода, - рангҳои сурху сабзу сафед мубориза барои озодӣ ва истиқлол, бахту иқболи сафед, ояндаи дурахшон, сулҳу субот, саъю кӯшиши ҳамвора бахри сарсабзию хуррамии кишвар ва бақову пойдории онро ифода намуда, тоҷ ва ҳафт ситора соҳибдавлатӣ ва соҳибихтиёрии миллатро таҷассум менамоянд. Аз ин лиҳоз месазад, ки Парчами давлатӣ ҳамчун муқаддасот ва рамзи миллии давлат мавриди эҳтиром ва қадршиносии ҳар як сокини мамлакат қарор бигирад.



Дар идомаи ҷамъомади тантанавӣ Сардори Идораи назорати суғуртавӣ Дилбар Хусейнова сардори Шуъбаи тарҷумаи Дастгоҳи роҳбарияти БМТ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоҳасан Султонов аз таърихи парчам ёдоварӣ карда, изҳор доштанд, ки парчам ба сифати рамзи давлату миллат аз рӯзгорони қадим мавҷуд буд ва аз ҳастии давлату миллат гувоҳӣ медод ва имрӯз Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун рамзи ин кишвари соҳибистиқлол дар Тоҷикистон ва дигар ақсои олам парафшонӣ мекунад ва ба оламиён аз мавҷудияти давлати ҷавону тозаистиқлоле дар дили Осиё бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон мужда мерасонад.”

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

## БА КВД БОНКИ САНОАТИВУ СОДИРОТИИ ТОҶИКИСТОН "САНОАТСОДИРОТБОНК" ИҶОЗАТНОМА ДОДА ШУД




Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 2020, таҳти №140, мутобиқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва моддаҳои 7, 10 ва 15-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ба Корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон "Саноатсодиротбонк" барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

Дар ҷараёни воҳӯрӣ ва ба Раиси Корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон "Саноатсодиротбонк " Ҳокимшо Бобозода супоридани иҷозатнома роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати васеъ кардани доираи фаъолият дар манотиқи кишвар, таъсиси филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии нав, мусоидат ба миёнаравии молиявӣ дар ҷумҳурӣ ва ба ин васила саҳм гузоштан дар дастгирии соҳибкории хурду миёна, махсусан, дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва истеҳсолоти воридотивазкунанда ва дар маҷмӯъ рушди иқтисодиёти кишвар комёбиҳо хостанд.

Ҳамчунин ба роҳбари боз як бонки навтаъсис барои фаъолияти пурсамар ва амалӣ намудани нақшаҳои тарҳрезишуда ҷиҳати саҳмгузорӣ дар рушди низоми бонкӣ ва сазовор гардидан ба боварии Сарвари давлат муваффақият орзу намуда, роҳбарияти БМТ омодагии хешро барои ҳамкории судманд ва дастгирии ҳамаҷониба баён дошт.

Қобили қайд аст, ки Корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон "Саноатсодиротбонк" дар заминаи Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ташкил карда шудааст.

## МАҚСАД- БАЛАНД БАРДОШТАНИ САВИЯИ ТАХАССУСИИ КОРМАНДОНИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВӢ



Бо ташаббуси Маркази омӯзишӣ–методии Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон аз 23 то 27 ноябри соли 2020 дар Маркази омӯзишии Бонки миллии Тоҷикистон дар ш. Гулистон, курси омӯзишӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО) баргузор гардид. Дар курси мазкур кормандони шуъбаи Бонки миллии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ва қариб 90 нафар мутахассисони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла БДА ҶТ "Амонатбонк", ҶСК «Ориёнбонк»; ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"; ҶСК "Тавҳидбонк"; ҶСП "Бонки Эсхата", ҶСП "Спитамен Бонк", ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон», ҶСП Бонки "Арванд", ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл", ҶСК ТАҚХ "Ҳумо"; ҶДММ ТАҚХ "Азизӣ Молия"; ҶДММ ТАҚХ "Душанбе Сити", ҶДММ ТҚХ "Оксус", ҶДММ ТАҚХ "МАТИН" ва ҶДММ ТАҚХ "Тамвил" дар вилояти Суғд иштирок намуданд.

Нахуст мудири шуъбаи Бонки миллии Тоҷикистон дар вилояти Суғд Наврӯз Валиев ҷорабиниро ифтитоҳ намуда, оид ба зарурати баргузории чунин курсҳои омӯзишӣ ҷиҳати баланд бардоштани савияи тахассусии кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ сухан ронд ва ба аҳли нишаст комёбиҳо орзу намуд.

Сипас, лекторони Марказ – кормандони Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон сохтори барномаи омӯзиширо, ки аз қисми назариявӣ ва қисми

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

амалӣ бо машғулиятҳои соҳавӣ дар бар мегирад, муаррифӣ намуданд. Чорабинии мазкур тибқи Барномаи омӯзишии Маркази омӯзишӣ – методии Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ гардид. Дар бахши ҷамъбастӣ ба иштироккунандагони чорабинии омӯзишӣ сертификати хатми курси мазкур тақдим карда шуд.

Қобили қайд аст, ки баргузории чунин чорабиниҳо барои баланд бардоштани савияи дониши тахассусии кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти МҚД/МТ/МПСКО ва беҳтар намудани сифати ҳисоботҳои пешниҳодшаванда аз ҷониби онҳо мусоидат хоҳад намуд.

Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон нақша дорад дар оянда чунин чорабиниҳоро баргузор намояд.

## UNIONPAY INTERNATIONAL CO., LTD СОҲИБИ ИҶОЗАТНОМА ГАРДИД

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2020, мутобиқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ", моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва дар асоси моддаи 77 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ба UnionPay International Co., Ltd. (ЮнионПэй Интернешнл), барои фаъолияти оператори низоми пардохтии UnionPay International ба мӯҳлати 3 (се) сол иҷозатнома дода шуд.

Тибқи қарори мазкур Идораи низоми пардохт уҳдадор карда мешавад, ки дар Феҳристи операторони низоми пардохтӣ сабти дахлдор ворид намояд.

## БА ҶСДММ "СПИТАМЕН СУҒУРТА" ИҶОЗАТНОМА ДОДА ШУД

Бо қарори дигари Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2020 мутобиқи моддаҳои 4 ва 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт", моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва боби 54 Низомнома "Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият", ба Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияти маҳдуди "Спитамен Суғурта" барои фаъолияти суғуртавӣ аз рӯи намудҳои муайян ба мӯҳлати 5 сол иҷозатнома дода шуд.

Идораи назорати суғуртавӣ вазифадор карда шудааст, ки дар Феҳристи ягонаи давлатии иштирокчиёни касбии бозори суғурта сабти дахлдорро ворид созад.

## ТАФСИРИ СИЁСАТИ ҚУРБИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2020

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади андешидани тадбирҳои саривақтӣ ҷиҳати коҳиш додани таъсири пандемияи коронавирус ба иқтисодиёт ва нисбатан мӯътадил нигоҳ доштани интизориҳои таваррумӣ дар дохили кишвар, сиёсати пулию қарзиро баҳри нигоҳдории мӯътадилии сатҳи нархҳои дохилӣ, коҳиш додани фишорҳои қурбӣ, ба танзим даровардани афзоиши ҳаҷми пул дар муомилот тавассути механизму фишангҳои монетарӣ амалӣ намуда истодааст.

Мутобиқи "Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ва давраи миёнамӯҳлат" дар давоми соли равон сиёсати қурбии ба реҷаи "шинокунандаи танзимшаванда" асосёфта татбиқ гардида истодааст. Тибқи реҷаи мазкур, қурби пули миллӣ дар асоси таносуби талабот ва пешниҳоди асъори хориҷӣ дар бозори дохилӣ муқаррар гардида, Бонки миллии Тоҷикистон метавонад дар ҳолатҳои аз эътидол зиёд тағйир ёфтани қурб, ба вазъи бозор дахолат намояд.

**Дар моҳҳои январ-октябри соли 2020 қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 6,7 фоиз (аз 9,6910 сомонӣ дар аввали сол то**

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

**10,3398 сомонӣ дар санаи 30 октябр) коҳиш ёфта, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 3,9 банди фоизӣ зиёд мебошад.**

Бояд зикр намуд, ки бо назардошти вазъи имрӯзаи номуътадили иқтисоди ҷаҳонӣ, дар ин давра қурби асъори миллии аксари кишварҳои шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ноустувор гашта, зиёда аз 30,0 фоиз нисбат ба доллари ИМА коҳиш ёфтаанд.

Яке аз сабабҳои асосии дар ин давра баланд шудани қурби фурӯши доллари нақди ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зиёд шудани талабот ба он, ин идома ёфтани тавозуни манфии савдои кишвар, коҳишёбии воруди интиқолҳои пулӣ ва сармояи хориҷӣ ба кишвар ва вобаста ба ин кам шудани пешниҳоди асъори хориҷӣ дар бозори дохилӣ ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷаи таъсири омилҳои берунаи мазкур, фарқияти байни қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон ва қурби фурӯши доллари нақди ИМА тавассути анҷомдиҳии амалиётҳои хариду фурӯши асъори хориҷӣ дар бозори ғайрибонкӣ аз меъёри муқарраршуда (2 фоиза) гузашта то ба 9,3 фоиз зиёд гардид.

Бо вуҷуди ин, фарқияти аз меъёр зиёди қурби расмӣ ва қурби фурӯши доллари нақди ИМА дар бозори ғайрибонкӣ вобаста ба хавфҳои ҷойдошта боз ҳам зиёд гардида истодааст, ки барои ба танзим даровардани он зарурати амалӣ намудани чораҳои иловагии фаврӣ ба миён омадааст.

Айни ҳол, Бонки миллии Тоҷикистон бахри коҳиш додани фишорҳои қурбӣ дар бозори дохилии асъор, бо истифода аз тамоми манбаъ ва имкониятҳо воситаҳо, аз ҷумла механизми хариду фурӯши рубли русӣ ва иҷро намудани ухдадориҳои бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаро таъмин намуда истодааст.

**Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон барои коҳиш додани фишорҳои қурбӣ, таъсири хавфҳои асъории ҷойдошта ва таъмини риояи меъёри фарқияти то ба 2 фоизаи байни қурби расмӣ ва қурби фурӯши доллари нақди ИМА ва аз байн бурдани фарқият дар бозори ғайрибонкӣ, тасҳеҳи (коррексияи) якдафъаинаи қурби расмии доллари ИМА-ро амалӣ намуда, қурби расмиро барои 1 доллари ИМА баробар ба 11,30 сомонӣ муайян менамояд.**

Тасҳеҳи мазкур имкон медиҳад, ки воридот ва интиқоли маблағҳо тавассути низоми бонкии кишвар бештар гардида, манфиати интиқолдиҳандагони маблағҳо аз хориҷи кишвар ҳимоя гарданд, шаффофияти амалиётҳо бо мизоҷон таъмин карда шавад ва фаъолияти ҳаннотон дар бозорҳои ғайрибонкии нақдӣ маҳдуд гардад. Ҳамзамон, мутавозунии қурби пули миллӣ ба беҳтар намудани рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, ба зиёд шудани ҳаҷми содирот ва воридоти маҳсулоти ниёзи аввалияи мардум мусоидат намуда, боиси афзудани даромади буҷети давлатӣ мегардад.

Бо назардошти таҳлилҳо, таъмини риояи меъёри фарқияти то ба 2 фоизаи байни қурби расмӣ ва қурби фурӯши доллари нақди ИМА барои дар сатҳи мувозинатӣ нигоҳ доштани рақобатпазирӣ дар намояи қурби самараноки воқеии пули миллӣ низ мусоидат намуда, эҳтимолияти муътадил гаштани вазъи бозори дохилии асъорро зиёд мегардонад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо тамоми масъулият вазъияти сиёсати қурбиро зери мушоҳидаю таҳлил ва назорат қарор дода, барои таъмин кардани муътадилии бозори дохилии асъор ва боэътидол нигоҳ доштани қурби пули миллӣ воситаю имконият ва захираҳои заруриро истифода менамояд.

## МЕЪЁРИ БОЗТАМВИЛ БЕТАҒЙИР НИГОҲ ДОШТА ШУД



29 октябри соли 2020 дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати бетағйир дар сатҳи 10,75 фоизи солона нигоҳ доштани меъёри бозтамвил қарор қабул гардид. Он дар асоси дурнамои вазъи иқтисодии берунию дохилӣ, бо назардошти нисбатан муътадил гардидани интизориҳои таваррумӣ ва ҳамзамон боқӣ мондани номуайяниҳо ва эҳтимолияти зиёдшавии хавфҳо дар иқтисодиёти ҷаҳон қабул карда шуд.

**Сатҳи таваррум ва омилҳои ба он таъсиррасон.** Тибқи маълумоти оморӣ таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи сентябри соли ҷорӣ ба 6,6 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1,5 банди фоизӣ паст мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар баробари татбиқи

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

чораҳои саривақтии Бонки миллии Тоҷикистон, аз қабили гузаронидани амалиётҳои монетарӣ ва мудохилаҳои асъорӣ, инчунин дар семоҳаҳои дуюм ва сеюми соли равон омилҳои нисбатан зиёд шудани таклифот бинобар ҷамъоварии ҳосили хуби соҳаи кишоварзӣ, коҳишёбии маҷмӯи талабот вобаста ба камшавии даромаднокии аҳолӣ, маҳдудиятҳо дар содироти баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, нисбатан беҳтар шудани вазъи иқтисодиёти ҷаҳон, паст будани интизориҳои таваррумӣ дар бештари давлатҳои шарикони асосии савдо боиси муътадилии сатҳи нархҳо гардиданд.

Аз ҷумла, пайдо шудани монеаҳо дар содироти баъзе аз маҳсулоти хӯроквории ниёзи аввалия дар ҷумҳурӣ, бахусус маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ то андозае сабабгори пастшавии нархи маҳсулот дар бозорҳои ватанӣ гардид. Зеро, маҳсулоти содиротии тару тоза ва сифатан аъло барои фурӯш ба бозорҳои дохилии кишвар бароварда шуданд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ дар марҳилаи авҷгирии пандемияи коронавирус (COVID-19) аҳолии кишвар дар ҳаҷми зиёд молу маҳсулоти ниёзи аввалия захира намуданд, ки дар семоҳаҳои навбатӣ то андозае ба нисбатан паст шудани сатҳи талабот ва муътадил гардидани нархҳо оварда расонид.

**Интизориҳо ва хавфҳо**. Паҳншавии босуръати пандемияи коронавирус (COVID-19) дар баробари дигар давлатҳои ҷаҳон, бахусус шарикони асосии савдо, ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бинобар зиёд шудани омилҳои берунӣ, аз ҷумла маҳдуд гардидани равобити марзӣ ва коҳиш ёфтани муомилоти тиҷоратӣ таъсири манфӣ расонида истодааст. Омили мазкур, бахусус дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ бо роҳи болоравии нархи молу маҳсулоти воридотӣ, кам гардидани ҳаҷми сармоягузориҳо, паст шудани сатҳи даромаднокии аҳолӣ, тағйирёбиҳои қурбӣ ва зиёд гардидани хавфи қарзӣ дар низоми бонкӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар таъсири манфӣ расонида, идома ёфтани паҳншавии он метавонад боз ҳам таъсири худро ба иқтисодиёт зиёдтар намояд.

**Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нархи нафт ба ҳолати 16-уми октябри соли ҷорӣ барои 1 барел 42,8 доллари ИМА-ро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 35,2фоиз коҳиш ёфтааст.** Рушди воқеии иқтисодиёт ва қурби пули миллии (рубли) Федератсияи Русия аз тағйирёбии нархи нафт вобастагии зиёд дошта, метавонад ҳамчун шарики асосии стратегӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфии худро расонад. Тибқи маълумоти Блумберг ба ҳолати 30-юми июни соли ҷорӣ рушди воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Федератсияи Русия ба -8,0 фоиз ва дар 9 моҳи соли ҷорӣ бошад ба -5,6 фоиз баробар шуд. Тибқи дурнамои Хазинаи Байналмилалии Асъор дар ҷамъбасти соли 2020 нишондиҳандаи мазкур ба -4,1фоиз баробар хоҳад шуд.

Таъсири манфии пандемияи коронавирус (COVID-19) ба қурби пули миллии аксари давлатҳо низ назаррас буда, **аз аввали соли ҷорӣ то 16-уми октябр баъзе асъори хориҷӣ нисбат ба доллари ИМА, аз қабили лираи Туркия 33,5 фоиз, рубли Русия 25,9 фоиз, рубли Беларус 22,5 фоиз, гривнаи Украина 19,6 фоиз, тенгеи Қазоқистон 12,2 фоиз, соми Қирғизистон 15,9 фоиз, ларии Гурҷистон 12,3 фоиз, суми Ӯзбекистон 9,0 фоиз ва рупияи Покистон 5,5 фоиз коҳиш ёфтанд.** Тибқи мушоҳидаҳо дар семоҳаи дуюми соли ҷорӣ бошад, тамоюли нисбатан болоравии қурби пули миллии бештари кишварҳо ба қайд гирифта шуда, дар семоҳаи сеюм вобаста ба авҷгирии дуюмбораи пандемияи коронавирус (COVID-19) беқурбшавии бештари онҳо дида мешавад.

Дар семоҳаи 4 вобаста ба кам гардидани истеҳсоли молҳои ниёзи аввалия бахусус, маҳсулотҳои равғанӣ, шакар ва болоравии нархи онҳо дар кишварҳои содиркунанда, инчунин афзоиши фишорҳои қурбӣ эҳтимолияти болоравии сатҳи нархҳо дар бозорҳои кишвар дар назар аст. Ҳамзамон, эҳтимоли хотима ёфтани пандемияи коронавирус (COVID-19) дар давоми соли оянда, боиси яку якбора афзоиш ёфтани даромаднокии аҳолӣ ва талаботи маҷмӯӣ дар ҳамаи кишварҳо гардида, ба сатҳи нархҳо таъсири манфӣ хоҳад расонд.

Тибқи тадқиқотҳои дар семоҳаи сеюми соли ҷорӣ гузаронидашуда, интизории аҳолӣ оид ба тағйирёбии сатҳи умумии нархҳо дар 12 моҳи минбаъда то 7,9 фоиз баҳодиҳӣ гардидааст.

**Мавқеи сиёсати пулию қарзӣ**. Бо назардошти омилҳои зикргардида ва инчунин боқӣ мондани номуайяниҳо дар иқтисодиёти ҷаҳон ва эҳтимолияти зиёдшавии хавфҳои берунӣ, аз ҷониби Кумита пешниҳод гардид, ки меъёри бозтамвил, ҳамчун фишанги асосии сиёсати пулию қарзӣ бетағйир дар сатҳи 10,75 фоиз нигоҳ дошта шавад.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи дарозмуҳлат идома хоҳад дод.

***Маводи бахш дар асоси маълумотҳои шабакаи Интернет, Шуъбаи матбуот ва маҷаллаи «БТҶ»-и БМТ омода карда шудаанд.***




# Таҳлили натиҷаҳои назарсанҷӣ оид ба “Вазъи пасандозҳои муҳлатнок, пешниҳоди қарз ва интиқоли маблағҳои пулӣ дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19”

**Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии БМТ бо мақсади муайян намудани вазъи пасандозҳои муҳлатнок, пешниҳоди қарз ва интиқоли маблағҳои пулӣ дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19 дар 16 адад ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар, назарсанҷӣ гузаронид. Тибқи маълумотҳои ҷамъбастии назарсанҷӣ таҳлил гузаронида шуда, натиҷаҳои бадастомада ба хонандагон пешниҳод карда мешавад.**

Қабл аз ҳама, зикр кардан бамаврид аст, ки ба таври расмӣ аввалин ҳодисаи бемории сироятии коронавирус “COVID - 19” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 апрели соли 2020 ба қайд гирифта шудааст. Дар давраи густариши бемории мазкур, ҷиҳати пешгирӣ ва коҳиш додани доираи паҳншавии пандемияи “COVID - 19” дар ҷомеа зарурат пеш омад, ки аз як ҷониб фаъолияти як қатор корхона ва соҳаҳои хизматрасонӣ, аз қабили тарабхонаҳо, ошхонаҳо, бозорҳо, мағозаҳо (бо истиснои мағозаҳои хӯрокворӣ), марказҳои хизматрасониҳои маишию фарҳангӣ ва ғайра дар кишвар муваққатан

> Ҳамаи ташкилотҳои қарзии молиявии дар назарсанҷӣ иштирокдошта эътироф намуданд, ки коҳишёбии ҷалби пасандозҳои муҳлатнок бо сабаби зиёдшавии хароҷот барои хизматрасонии ҷалби пасандозҳо. . .

баста шаванд. Аз ҷониби дигар, дар давраи густариши пандемияи зикршуда 15 адад (93,75%) ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки дар назарсанҷӣ иштирок доштанд, ба як қатор мушкилиҳо дучор гаштанд. Бояд таъкид кард, ки густариши пандемияи “COVID - 19” аз як тараф ба фаъолияти истеҳсолию хизматрасонии субъектҳои иқтисодиёт таъсири манфӣ расонидаст, аз тарафи дигар бошад, натиҷаи паёмади фаъолияти ин субъектҳои иқтисодиёт, бечуну чаро ба раванди хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ, бетаъсир намемонад. Ҳол он ки дар давраи густариши бемории зикршуда ташкилотҳои

қарзии молиявӣ зимни хизматрасониҳои қарзӣ, пасандозҳо, интиқоли маблағҳои пулӣ ба як қатор мушкилиҳо мувоҷеҳ гаштанд.

Тибқи ҷавобҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба саволи варақаи назарсанҷӣ- “Оё ташкилоти Шумо дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19” бо мушкилиҳо дучор шудааст?“ муайян гардид, ки теъдоди умумии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар назарсанҷӣ иштирокнамуда 16 ададро ташкил дода, 15 адади онҳо (93,75%) ибрoз доштанд, ки дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19” бо мушкилиҳо дучор гаштанд. Танҳо 1 адад ташкилоти қарзӣ (6,25%) - ҶДММ ТАҚХ “Душанбе сити” дар рафти назарсанҷӣ иттилоъ дод, ки дар давраи паҳншавии бемории сироятии коронавирус – “COVID - 19” бо мушкилиҳо дучор нашудааст.

Дар маҷмӯъ бояд арзёбӣ

**Диаграммаи 1. Теъдоди дучоршавии ташкилотҳои қарзӣ бо мушкилиҳо дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19”**




намуд, ки коэффитсиенти умумии дучоршавии ташкилотҳои қарзӣ бо мушкилиҳо дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19” 93,75 фоизро ташкил медиҳад. Ба ин андоза баланд будани коэффитсиенти мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дучоршавии ташкилотҳои

**Диаграммаи 2. Теъдоди дучоршавии ташкилотҳои қарзӣ бо намудҳои мушкилиҳо дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19”**




қарзӣ ба мушкилот метавонад ба сатҳи муътадили хизматрасониҳои онҳо ба мизоҷон таъсири манфӣ расонад.

Теъдоди 15 адад ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19” бо мушкилиҳо дучор гаштаанд, намудҳои гуногунро доранд. Ҳиссаи 7,32% (3 адад) ташкилотҳои қарзии молиявӣ иттилоъ доданд, ки бо чунин намуди мушкилӣ - коҳиш ёфтани ҷалби пасандозҳои мӯҳлатнок, 24,39% (10 адад) – зиёдшавии бозпас гирифтани пасандозҳои мӯҳлатнок, 24,39 (10 адад) – коҳиш ёфтани пешниҳоди қарз, 26,83% (11 адад) - коҳиш ёфтани талабот ба қарз ва 17,07% (7 адад) – тағйирёбии фаъолияти воҳидҳои сохторӣ дучор шуданд.

Бояд қайд кард, ташкилотҳои қарзии молиявие, ки бо намудҳои гуногуни мушкилӣ дучор гаштаанд, сабабҳои худро доранд. Якумин мушкилие, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19” бо он дучор гаштанд, ин муайян намудани “Сабабҳои коҳиш ёфтани ҷалби пасандозҳои мӯҳлатнок дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19” мебошад.

Аз маҷмӯи ҷавобҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба саволи “Сабабҳои коҳиш ёфтани ҷалби пасандозҳои мӯҳлатнок дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19” –ро номбар намоед?” маълум гардид, ки ҳиссаи 33% (3 адад) ташкилотҳои қарзии молиявӣ сабаби ҷой надоштани эҳтиёҷот ба пасандозҳои мӯҳлатнок ва ҳиссаи 11% (1 адад) – кифояти сармоя, ҳиссаи 11% (1 адад) –афзудани хавфи дар оянда барнагардонидани пасандозҳо ва 45% (4 адад) дигар сабабҳоро

**Диаграммаи 3. Сабабҳои коҳиш ёфтани ҷалби пасандозҳои муҳлатнок дар давраи густариши пандемияи "COVID - 19"**




номбар намуданд. Ҳамчунин, Ташкилотҳои қарзии молиявӣ дигар сабабҳои дучоршавӣ бо мушкилиҳоро номбар намудаанд, ки инҳоянд: бинобар муроҷиат накардани мизоҷон, коҳиш ёфтани ҳавасмандии мизоҷон ва бо сабабҳои аз бонк вобаста набуда, бо ташаббуси худи мизоҷон.

Ҳамаи ташкилотҳои қарзии молиявии дар назарсанҷӣ иштирокдошта эътироф намуданд, ки коҳишёбии ҷалби пасандозҳои муҳлатнок ба сабаби зиёдшавии хароҷот барои хизматрасонии ҷалби пасандозҳо алоқамандӣ надорад. Бо вуҷуди ин, 1 адад ташкилоти қарзӣ дучоршавии мушкилиҳоро ҷиҳати коҳиш ёфтани ҷалби пасандозҳои муҳлатнок дар давраи паҳншавии бемории сироятии коронавирус бо сабаби афзудани хавфи дар оянда барнагардонидани пасандозҳо вобаста менамояд. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки ҳамаи ташкилотҳои қарзии молиявии дар назарсанҷӣ иштирокдошта изҳори қаноатмандӣ карданд, ки ҷой доштани сарчашмаҳои дигари ҷалби пасандозҳо (ташкилотҳои қарзии молиявии дохилӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва дигар) барои дучоршавӣ ба мушкилиҳо ҳамчун сабаби коҳиш ёфтани ҷалби пасандозҳои муҳлатнок мусоидат нанамудаанд.

Дигар омиле, ки ба мушкилиҳо дучор гаштани ташкилотҳои қарзии молиявӣ мусоидат намудааст, ин зиёдшавии бозпас гирифтани пасандозҳои муҳлатнок ба шумор меравад ва он ҳам сабабҳои гуногуни худро дорад.

Тибқи ҷавобҳои пешниҳодгардидаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба саволи "Сабабҳои зиёдшавии бозпас гирифтани пасандозҳои муҳлатнок дар давраи густариши пандемияи "COVID – 19" –ро номбар намоед?" теъдоди 5 адад (14,71%) ташкилоти қарзӣ иттилоъ пешниҳод намуданд, ки зиёдшавии бозпас гирифтани пасандозҳои муҳлатнок асосан бо сабаби зиёдшавии хароҷоти истеъмолии муштариён, теъдоди 5 адад (14,71%) ташкилоти қарзӣ бо сабаби зиёдшавии хароҷот барои хариди доруворӣ ва табобат, теъдоди 2 адад (5,88%) ташкилоти қарзӣ бо сабаби болоравии қурби асъор, теъдоди 4 адад (11,76%) ташкилоти қарзӣ бо сабаби зиёдшавии майли муштариён барои захира намудани маҳсулотҳои озуқаворӣ, теъдоди 8 адад (23,53%) ташкилоти қарзӣ бо сабаби коҳиш ёфтани интиқоли маблағҳои пулӣ, теъдоди 1 адад (2,94%) ташкилоти қарзӣ бо сабаби табдил додани пули нақдӣ ба металҳои қиматбаҳо (тилло, нуқра ва ғ.), теъдоди 4 адад (11,76%) ташкилоти қарзӣ бо сабаби афзудани хавфи дар оянда бозпас гирифта натавонистани пасандоз ва теъдоди 3 адад (8,82%) ташки-

**Диаграммаи 4. Сабабҳои зиёдшавии бозпас гирифтани пасандозҳои муҳлатнок дар давраи густариши пандемияи "COVID – 19"**



**Диаграммаи 5. Сабабҳои коҳиш ёфтани пешниҳоди қарз дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19”**




лоти қарзӣ бо сабаби баландшавии сатҳи нархҳо алоқаманд мебошад. Илова бар ин, 2 адад (5,88%) ташкилоти қарзӣ - дигар сабабҳои зиёдшавии бозпас гирифтани пасандозҳои мухлатнокро дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19” номбар намуданд, ки инҳоянд: воҳима дар давраи пандемияи “COVID - 19” ва бинобар коҳиш наёфтани бозпас гирифтани пасандозҳои мухлатнок пешниҳод нашуд.

Мушкилие, ки дар давраи пандемияи“COVID - 19” ташкилотҳои қарзии молиявӣ дучор омаданд, ин коҳиш ёфтани пешниҳоди қарз ба ҳисоб меравад. Мавриди зикр аст, ки то давраи паҳншавии бемории сироятии “COVID - 19” дар самти қарздиҳӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ кишвар фаъолияти худро баҳри татбиқ намудани як қатор чорабиниҳои зерин равона намуда буданд:

- таҷдид намудани сиёсати қарзӣ ҷиҳати дастрасии маблағҳои қарзӣ, қонеъ намудани талаботи мизоҷон ба тарзҳои нисбатан имтиёзнок ва аз ин ҳисоб зиёд намудани даромаднокии бонкҳо;
- ҷорӣ намудани хусусиятҳои имтиёзнок ба қарзҳо бо мақсади гуногуншакл намудани ҷойгиршавии маблағҳои сандуқи қарзӣ ва паст намудани дараҷаи хавфи консентратсия аз фишанги диверсификатсия намудани маҳсулотҳои қарзӣ;
- таҳияи маҳсулоти нави қарзӣ ба самтҳои афзалиятнок ва ба ин васила зиёд намудани ҳаҷми қарз ба соҳаҳои истеҳсолӣ, бахусус истеҳсоли маҳсулотҳои ватании воридотивазкунанда, соҳибкории хурду миёна, рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, инчунин барои табибон ва омӯзгорон, ҷиҳати дастгирии истеҳсолоти ватанӣ аз фоизҳои миёнавазни бозорӣ пастар;
- вусъат бахшидани амалияи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар самти фаъолияти қарзӣ, бахусус тавассути кортҳои пардохтӣ.

Бояд тазаккур дод, ки дар давраи густариши пандемияи“COVID - 19” ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба як қатор мушкилиҳо дучор гаштанд, ки дар натиҷа аз тарафи онҳо коҳиш ёфтани пешниҳоди қарз ба назар мерасад. Албатта, чунин коҳишёбӣ сабабҳои худро дорад, ки метавон тибқи маълумотҳои назарсанҷӣ арзёбӣ намуд.

Тавре аз ҷавобҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба саволи “Сабабҳои коҳиш ёфтани пешниҳоди қарз дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19” –ро номбар намоед”, бармеояд, аз маҷмӯи 16 адад ташкилотҳои қарзии молиявӣ теъдоди 9 адад (56,25%) ташкилоти қарзӣ изҳор намуданд, ки дар давраи густариши пандемияи“COVID - 19” зери таъсири як зумра сабабҳо ба мушкилиҳое, ки дар натиҷа ба коҳишёбии пешниҳоди қарз ба мизоҷон мусоидат намуданд, дучор омаданд. Ҳол он ки дар ҳамаи ин 9 ташкилоти қарзӣ барои пешниҳоди қарз норасоии маблағ барои додани қарз, зиёдшавии хароҷоти ғайричамдошт, ҷой надоштани шароит ва имконият барои пешниҳоди мухлати имтиёзӣ барои пардохти фоизҳо ва мавҷуд набудани имконият барои тағйир додани реҷаи пардохти қарз ва фоизҳо мушоҳида нагардидааст.

Бо вуҷуди ин, аз миқдори умумии ҷавобҳои додашуда, ҳиссаи 40% -и ташкилотҳои қарзӣ коҳиш ёфтани пешниҳоди қарзҳоро ба мизоҷон аз рӯи эҳтимолияти зиёдшавии хавфи саривақт бозпас нагардонидани қарз ва фоизи он алоқаманд менамоянд.

Тибқи маълумотҳои ҷамъбастии назарсанҷӣ ҳиссаи 8 фоизи (2 адад) ҷавобҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ иттилоъ доданд, ки коҳиш ёфтани пешниҳоди қарзҳо ба мизоҷон бо сабаби муваққатан боздоштани фаъолияти сохторӣ робита дорад. Ҳиссаи 8,0 фоизи (2 адад) ҷавобҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ коҳиш

**Диаграммаи 6. Сабабҳои коҳиш ёфтани талабот ба қарз дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19”, бо %**




ёфтани пешниҳоди қарзҳоро ба мизоҷон бо сабаби набудани сарчашмаҳои арзони қарздиҳӣ асоснок кардаанд. Инчунин ҳиссаи 32 фоизи (8 адад) ҷавобҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ иброз доштанд, ки бо сабаби хавфи баландшавии қарзҳои батаъхирафтода ҳамчун омили таъсиррасон ба коҳиш ёфтани пешниҳоди қарзҳо ба мизоҷон мусоидат намудааст. Бояд қайд кард, ки 4 фоизи (1 адад) ҷавобҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ сабаби ҷой надоштани имконият ва шароит барои бекор кардани ҷаримаи таъхирандозии пардохти қарз ва фоизи онро ҳамчун омили коҳиш ёфтани пешниҳоди қарз ҳисобидаст, ки дар натиҷа ташкилоти мазкур дар давраи пандемияи“COVID - 19” бо мушкилӣ дучор гаштааст. Дигар сабаби коҳиш ёфтани пешниҳоди қарз - “имконияти иқтидори додани қарз ба сатҳи максималӣ расидааст” ва кам шудани дархости қарз аз тарафи мизоҷонро иброз доштанд.

Тавре дар боло қайд карда шуд, дар давраи густариши пандемияи“COVID - 19” яке аз сабабҳои бо мушкилӣ дучор гаштани ташкилотҳои қарзии молиявӣ ин коҳиш ёфтани талабот ба қарз мебошад.

Тавре аз аксари ҷавобҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба саволи “Сабабҳои коҳиш ёфтани талабот ба қарз дар давраи густариши пандемияи “COVID - 19” –ро номбар намоед” маълум гардид, ҳиссаи 11,67 фоизи ташкилоти қарзии молиявӣ изҳор намуданд, ки яке аз сабабҳои коҳиш ёфтани талабот ба қарз ин аз ҷониби мизоҷон набудани эҳтиёҷот барои гирифтани қарз мебошад.

> Тибқи ҷавобҳои пешниҳодгардидаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба саволи “Густариши пандемияи “COVID - 19” ба фаъолияти воҳидҳои сохтории Шумо чӣ гуна таъсир расонид?” метавон чунин . . .

Дар давраи номбурда ҳиссаи 11,67 фоизи ташкилотҳои қарзии молиявӣ изҳор намуданд, ки зиёдшавии хавфи бозпас гардонидани қарз ва фоизи он омилест, ки на танҳо ба коҳишёбии пешниҳоди қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ, инчунин коҳишёбии талаботи худи мизоҷон низ ба қарз мусоидат менамояд. Бахусус дар айни замон қатъ/маҳдуд шудани фаъолияти дигар субъектҳои хоҷагидорӣ мустақиман боиси маҳдудгардии талабот ба қарз гардидааст. Вобаста ба ин, сабаби мазкур, аз ҷониби 18,33 фоизи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар назарсанҷӣ иштирокдошта ҷавоб пешниҳод шудааст.

Бар асоси маълумотҳои ҷамъбастии назарсанҷӣ муайян карда шуд, ки ихтисоршавии ҷойҳои корӣ сабаби дигарест, ки ба коҳиш ёфтани талабот ба қарз мусоидат кардааст. Оид ба ин омили таъсиррасон 16,67 фоизи ҷавобҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ шоҳидӣ медиҳанд. Таҳлили маълумотҳои ҷамъбастии назарсанҷӣ нишон дод, ки ҳиссаи 16,67 фоизи ҷавобҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ коҳиш ёфтани содироти молу хизматрасониҳо ва 20 фоизи ҷавобҳои ташкилоти қарзӣ коҳиш ёфтани воридоти молу хизматрасониҳоро сабабгори коҳиш ёфтани талабот ба қарз арзёбӣ намуданд. Дигар сабабҳое, ки аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешниҳод гардидаанд, аз ҷумла дар маҷмӯъ таклифот барои гирифтани қарз кам шудааст ва баста шудани сарҳадот ва боздошта шудани ҳамлу нақл боиси коҳиш ёфтани талабот ба қарз гардиданд.

Бояд иброз намуд, тибқи ҷавобҳои додашудаи ташки-

**Диаграммаи 7. Таъсири густариши пандемияи “COVID - 19” ба фаъолияти воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ, бо %**




лотҳои қарзии молиявии дар назарсанҷӣ иштирокдошта муайян карда шуд, ки густариши пандемияи “COVID - 19” мустақиман ба фаъолияти воҳидҳои сохтории 80 фоизи ташкилотҳои қарзӣ таъсир расонидаст. Вале сабабҳои таъсиррасон ба фаъолияти воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ гуногун мебошанд.

Тибқи ҷавобҳои пешниҳодгардидаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба саволи “Густариши пандемияи “COVID - 19” ба фаъолияти воҳидҳои сохтории Шумо чӣ гуна таъсир расонид?” метавон чунин натиҷагирӣ намуд: ҳиссаи 41,67 фоизи (10 адад) ташкилоти қарзии молиявӣ иброз доштанд, ки дар фаъолияти воҳидҳои сохтории онҳо муваққатан боздошта шудани фаъолияти марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ (МХБ) ҷой дорад ва ба ҳисоби миёна 12,76 фоизро ташкил медиҳад. Ҳиссаи 12,5 фоизи (3 адад) ташкилотҳои қарзии молиявӣ оид ба ихтисоршавии фаъолияти марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ иттилоъ доданд, ки ба ҳисоби миёна сатҳи ихтисоршавии фаъолияти МХБ 34,5 фоизро ташкил медиҳад. Ҳиссаи 33,33 фоизи (8 адад) ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба ҳисоби миёна 25,0 фоизи кормандони худро ба рухсатии меҳнатии бемузд равона намуданд. Танҳо ҳиссаи 12,5 фоизи (3 адад) ташкилотҳои қарзии молиявӣ иброз намудаанд, ки густариши пандемияи “COVID - 19” ба фаъолияти воҳидҳои сохтории онҳо таъсир нарасонида, бетағйир мондааст. Ҳамин тавр, муайян карда шуд, ки дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки дар фаъолияти воҳидҳои сохтории онҳо густариши пандемияи“COVID - 19” нисбатан таъсир расонидааст, зуҳуроти ихтисоршавии кормандон ба назар намерасад.

Густариши пандемияи “COVID - 19” дар ҳама гуна мавридҳои баробар хароҷоти молиявии иловагиро дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ тақозо менамояд. Лекин натиҷаи назарсанҷӣ собит менамояд, ки танҳо дар 4 адад (17,39%) ташкилотҳои қарзии молиявӣ густариши пандемияи“COVID - 19” ба хароҷоти молиявии иловагӣ мусоидат нанамудааст, яъне бетағйир мондааст.

Ҷамъбасти ҳисоби маълумотҳои ниҳоии назарсанҷӣ доир ба саволи “Густариши пандемияи “COVID - 19” ба хароҷоти молиявии иловагии фаъолияти ташкилоти Шумо чӣ гуна таъсир расонид?” ба таври зайл собит менамояд: ҳиссаи 47,83 фоизи (11 адад) ташкилоти қарзӣ иттилоот доданд, ки ба ҳисоби миёна 7,8 фоизи хароҷот барои таъмини ташкилот бо воситаҳои ҳимоявӣ ва беҳдоштӣ, ҳиссаи 8,7 фоизи (2 адад) ташкилоти қарзӣ ба ҳисоби миёна 1,3 фоизи хароҷот барои музди меҳнати иловагии кормандон ва 26,09 фоизи (6 адад) ташкилоти қарзӣ ба ҳисоби миёна 7,0% хароҷот барои ёрдампулӣ ва кумакпулиҳои яквақтаина равона карда шудаанд.

***Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ***

**Диаграммаи 8. Густариши пандемияи “COVID - 19” ба хароҷоти молиявии иловагии ташкилотҳои қарзи молиявӣ**




$769.00
$625.00
$588.00
$583
$424.00
$400.00
$326.00
$351.00
Copper
Beryllium
Aluminum
Nickel
Silver
Steel
Manganese
Chrome
Bauxite
Экономика
Finance
Молия
$264.58
$244.34
$216.11
$191.38
$173.03
$151.07

# ИҚТИСОДИЁТ

# Центрально-Азиатская Фондовая Биржа способствует развитию рынка ценных бумаг




Эффективно функционирующая фондовая биржа является наиболее динамичным и организованным элементом рынка капитала и играет важнейшую роль в аккумуляции и использовании финансовых ресурсов в национальной экономике. Выход на организованный рынок ценных бумаг является одним из значимых показателей надлежащей структуры корпоративного управления и прозрачности в деятельности компании.

Понимая важность полноценного функционирования рынка ценных бумаг, 14 апреля 2015 года было создано Открытое Акционерное Общество «Центрально-Азиатская Фондовая Биржа» (Биржа). Для осуществления биржевой деятельности, Биржей были разработаны и утверждены со стороны уполномоченного государственного органа нормативно-правовые документы, регулирующие деятельность рынка ценных бумаг и его инфраструктуры.

Таким образом, в апреле 2017 году на торговой площадке ОАО «Центрально-Азиатская Фондовая Биржа» началась операционная деятельность-состоялось первичное размещение 200'000 тысяч двухгодичных корпоративных облигаций ОАО «Банк Эсхата», с фиксированной процентной ставкой 22% годовых. Общее количество реализованных облигаций в первый день торгов составило более 14 млн. сомони, или 72% от общего объема выпуска. Общее число инвесторов составило 24, среди которых 87% составляют физические лица. Отрадно отметить среди них наличие иностранных инверторов, что говорит о привлекательности ценных бумаг, размещенных на местном фондовом рынке.

Сегодня, на Бирже размещены ценные бумаги свыше 30 эмитентов, среди которых есть кредитные организации, производственные компании и компании из сферы услуг. Все операции, осуществляемые на торговой площадке Биржи, отражаются на платформе, разработанной одним из акционеров – компании “GMEX Techology” LTD, являющейся дочерней компанией Deutsche Borse Group – одной из крупнейших биржевых организаций мира.

Торговая платформа Биржи синхронизирована с программным обеспечением профессиональных участников рынка ценных бумаг, в том числе с ЗАО «Центральный депозитарий», являющимся звеном инфраструктуры организованного рынка, в котором ведется учет прав и клиринг на ценные бумаги, размещенные на Бирже. С 2017 года, ЗАО «Центральный депозитарий» является членом Ассоциации национальных агентств по нумерации (ANNA SC) и имеет право присваивать местным ценным бумагам Международный идентификационный номер ценных бумаг (ISIN), что позволяет иностранным инвесторам идентифицировать их на международных площадках.

Следует отметить, что инициативы, предложенные Биржей для развития местного рынка ценных бумаг, имеют поддержку со стороны правительства страны. В частности, для осуществления деятельности, соответствующей мировым стандартам и практикам, Правительством страны был утвержден План мероприятий по развитию вторичного рынка ценных бумаг и фондовой биржи в Республике Таджикистан, были внесены изменения в Налоговый кодекс по льготному налогообложению субъектов рынка ценных бумаг. Также, для привлечения большего количества участников на рынок ценных бумаг Биржей были разработаны и утверждены в уполномоченном государственном органе Правила листинга для малых и средних предприятий и Правила нелистинговых ценных бумаг, предусматривающих облегченные листинговые требования.

Необходимо отметить, что все

заявки, поступающие от профучастников, аккредитованных на Бирже, рассматриваются на Листинговом комитете Биржи. В частности, рассматриваются: финансовые показатели эмитента, наличие адекватной структуры корпоративного управления и соответствие листинговым требованиям Биржи. Только после этого выносится коллегиальное решение о включении ценной бумаги в котировальный список.

В настоящее время на Бирже функционируют следующие комитеты, которые принимают участие в определённых направлениях деятельности:

- Листинговый комитет
- Комитет по разрешению споров и конфликтов
- Стратегический комитет

Членами вышеуказанных комитетов являются опытные представители финансового сектора, консалтинга, министерств и ведомств и другие компетентные эксперты.

В своей деятельности Биржа тесно взаимодействует с другими организациями. Так, в течение 2015-2020 гг. Биржей были подписаны Меморандумы о сотрудничестве с Катарской фондовой биржей, «НАСДАК ОЭМЭКС Армения», Республиканской Фондовой Биржей «Ташкент».

С 2016 года Биржа является членом Международной Ассоциацией Бирж (МАБ). Основной задачей вступления Биржи в настоящую организацию была интеграция с биржами других стран. В рамках сотрудничества с МАБ, 8 февраля 2018 года был проведен Бизнес форум на тему: Биржи СНГ: инструменты, услуги и новые финансовые технологии.

Наряду с этим, Биржа принимает активное участие в мероприятиях по развитию местного рынка капитала. Так, в частности Биржа являясь членом межведомственной Рабочей группы по развитию рынка государственных ценных бумаг, созданной по поручению Исполнительного Аппарата Президента РТ приняла активное участие в разработке правил выпуска и обращения государственных ценных бумаг Республики Таджикистан.

Сотрудничество по расчетам, по размещению и хранению ценных бумаг осуществляется через ЗАО «Центральный депозитарий». Как было отмечено выше, в мае 2017 года ЗАО «Центральный депозитарий» был принят в партнеры Ассоциации национальных агентств по нумерации (ANNA SC). Подписано соглашение о праве ЗАО «Центральный депозитарий» присваивать местным ценным бумагам Международный идентификационный номер ценных бумаг (ISIN).

Кроме этого, был открыт депосчет (счет для размещения и хранения ценных бумаг) в Национальном расчетном депозитарии (Российская Федерация). Этот счет позволит местным профучастникам приобретать ценные бумаги, котирующиеся на Московской бирже и хранить их на территории Республики Таджикистан.

В рамках сотрудничества ЗАО «Центральный депозитарий» с Ассоциацией Центральных депозитариев Евразии ежегодно проводятся обучающие семинары, где участники обмениваются информацией о последних изменениях на фондовых рынках стран-участниц АЦДЕ и развитии различных направлений работы депозитариев. Среди них, такие как: расчетные и денежные сервисы, электронное голосование и каналы электронного взаимодействия, недепозитарные сервисы – СУО, сервис-бюро SWIFT и репозитарий. Обсуждаются различные подходы к обслуживанию государственных облигаций и иностранных финансовых инструментов, кодификации инструментов и привлечению иностранных инвесторов.

Вместе с тем, операционная деятельность на рынке ценных бумаг выявила ряд проблем требующих незамедлительного решения. Например, в нормативно-правовой базе рынка ценных бумаг выявлено много противоречащих друг другу моментов. Так, отсутствие регулирования новых финансовых инструментов приводит к тому, что основная часть сделок с ценными бумагами совершается на неорганизованном рынке. Недостаточный уровень финансовой грамотности среди местных потенциальных участников рынка ценных бумаг говорит о неготовности компаний выходить на Биржу.

В этой связи, Биржа постоянно проводит различные мероприятия по ознакомлению с биржевой деятельностью и ее инфраструктурой. В частности, были проведены телевизионные передачи, опубликованы аналитические статьи, организованы ознакомительные семинары как с предпринимателями и представителями финансовых структур, так и со студентами профильных ВУЗ-ов страны.

Пользуясь предоставленным случаем, ОАО «Центрально-Азиатская Фондовая Биржа» приглашает местные компании к участию на организованном рынке ценных бумаг, как в качестве эмитентов, так и в качестве инвесторов с целью привлечения дополнительного капитала, в том числе иностранных инвестиций, дифференциации рисков и повышения деловой репутации.

***Умеда Рахманова,***
***Директор***
***ОАО «Центрально-Азиатская Фондовая Биржа».***

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲМОҲАИ СОЛИ 2020 | | | ДОРОИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.09.2020 | 30.09.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 4 988 532 998 | 4 176 748 589 | 811 784 409 | 19,4% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 3 402 704 985 | 2 821 797 959 | 580 907 026 | 20,6% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 2 293 769 866 | 1 912 197 741 | 381 572 125 | 20,0% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 947 108 729 | 818 432 708 | 128 676 021 | 15,7% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 839 361 227 | 574 720 225 | 264 641 002 | 46,0% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 530 381 360 | 591 090 880 | -60 709 520 | -10,3% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 436 037 214 | 405 607 687 | 30 429 527 | 7,5% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 371 123 726 | 327 922 380 | 43 201 346 | 13,2% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 335 924 147 | 245 853 309 | 90 070 838 | 36,6% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 207 537 270 | 193 939 725 | 13 597 545 | 7,0% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 167 752 130 | 125 565 311 | 42 186 819 | 33,6% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 143 672 832 | 160 936 422 | -17 263 590 | -10,7% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 79 876 292 | 77 217 768 | 2 658 524 | 3,4% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 66 608 735 | 65 724 718 | 884 017 | 1,3% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲМОҲАИ СОЛИ 2020 | | | ◙ УХДАДОРИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.09.2020 | 30.09.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 4 540 906 990 | 3 755 585 782 | 785 321 208 | 20,9% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 519 861 646 | 2 064 619 696 | 455 241 950 | 22,0% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 844 212 960 | 1 511 531 188 | 332 681 772 | 22,0% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 806 509 160 | 684 835 598 | 121 673 562 | 17,8% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 728 740 228 | 464 533 512 | 264 206 716 | 56,9% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 419 510 684 | 490 224 213 | -70 713 529 | -14,4% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 318 377 205 | 282 970 004 | 35 407 201 | 12,5% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 313 617 990 | 273 926 533 | 39 691 457 | 14,5% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 187 136 290 | 146 363 000 | 40 773 290 | 27,9% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 128 396 010 | 115 433 908 | 12 962 102 | 11,2% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 89 760 840 | 107 815 890 | -18 055 050 | -16,7% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 78 497 688 | 37 586 055 | 40 911 633 | 108,8% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 26 159 687 | 20 716 111 | 5 443 576 | 26,3% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 24 159 768 | 35 795 937 | -11 636 169 | -32,5% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲМОҲАИ СОЛИ 2020 | | | САРМОЯ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.09.2020 | 30.09.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 882 843 339 | 757 178 263 | 125 665 076 | 16,6% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 449 556 906 | 400 666 553 | 48 890 353 | 12,2% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 447 626 008 | 421 162 807 | 26 463 201 | 6,3% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 148 787 857 | 99 490 309 | 49 297 548 | 49,6% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 140 599 569 | 133 597 110 | 7 002 459 | 5,2% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 117 660 009 | 122 637 683 | -4 977 674 | -4,1% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 110 870 676 | 100 866 667 | 10 004 009 | 9,9% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 110 620 999 | 110 186 713 | 434 286 | 0,4% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 89 254 442 | 87 979 256 | 1 275 186 | 1,4% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 79 141 260 | 78 505 817 | 635 443 | 0,8% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 57 505 736 | 53 995 847 | 3 509 889 | 6,5% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 55 716 524 | 41 421 831 | 14 294 693 | 34,5% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 53 911 992 | 53 120 532 | 791 460 | 1,5% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 40 449 048 | 45 008 607 | -4 559 559 | -10,1% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲМОҲАИ СОЛИ 2020 | | | ҚАРЗҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.09.2020 | 30.09.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 3 193 006 378 | 2 567 507 478 | 625 498 900 | 24,4% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 463 835 760 | 1 388 735 982 | 75 099 778 | 5,4% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 784 665 704 | 548 931 562 | 235 734 142 | 42,9% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 385 211 314 | 264 236 088 | 120 975 226 | 45,8% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 371 747 469 | 364 091 805 | 7 655 664 | 2,1% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 150 369 967 | 87 272 227 | 63 097 740 | 72,3% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 133 934 334 | 128 641 263 | 5 293 071 | 4,1% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 85 615 951 | 53 819 157 | 31 796 794 | 59,1% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 62 436 876 | 65 178 908 | -2 742 032 | -4,2% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 26 766 992 | 52 204 028 | -25 437 036 | -48,7% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 19 596 167 | 20 962 564 | -1 366 397 | -6,5% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 18 834 442 | 28 094 473 | -9 260 031 | -33,0% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 6 805 699 | 15 021 713 | -8 216 014 | -54,7% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 3 496 437 | 8 893 037 | -5 396 600 | -60,7% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲМОҲАИ СОЛИ 2020 | | | ПАСАНДОЗҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.09.2020 | 30.09.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 875 336 933 | 3 363 956 121 | 511 380 812 | 15,2% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 806 383 718 | 1 383 650 719 | 422 732 999 | 30,6% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 128 084 969 | 847 239 760 | 280 845 209 | 33,1% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 710 154 402 | 585 522 528 | 124 631 874 | 21,3% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 339 125 611 | 165 711 456 | 173 414 155 | 104,6% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 301 519 649 | 340 921 736 | -39 402 087 | -11,6% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 287 478 451 | 271 576 023 | 15 902 428 | 5,9% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 130 699 028 | 141 675 331 | -10 976 303 | -7,7% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 61 550 087 | 95 453 628 | -33 903 541 | -35,5% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 60 726 568 | 17 554 597 | 43 171 971 | 245,9% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 19 460 208 | 17 063 924 | 2 396 284 | 14,0% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 11 895 017 | 25 585 480 | -13 690 463 | -53,5% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 10 370 861 | 10 740 173 | -369 312 | -3,4% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 467 572 | 480 906 | -13 334 | -2,8% |

| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ НУҲМОҲАИ СОЛИ 2020 | | | ФОИДА | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.09.2020 | 30.09.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 121 051 358 | 77 176 626 | 43 874 732 | 56,8% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 68 063 872 | 56 781 879 | 11 281 993 | 19,9% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 40 961 890 | 34 361 949 | 6 599 941 | 19,2% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 9 239 285 | 14 605 431 | -5 366 146 | -36,7% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 8 119 648 | 4 725 764 | 3 393 884 | 71,8% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 6 991 119 | 15 647 474 | -8 656 355 | -55,3% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 5 839 054 | 10 998 191 | -5 159 137 | -46,9% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 5 374 364 | 7 611 130 | -2 236 766 | -29,4% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 4 162 089 | -269 218 | 4 431 307 | 1646,0% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 4 078 147 | 889 185 | 3 188 962 | 358,6% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 4 019 612 | 4 267 824 | -248 212 | -5,8% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН | 1 162 197 | 1 052 530 | 109 667 | 10,4% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | -361 290 | 3 143 282 | -3 504 572 | -111,5% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | -2 831 218 | -1 684 183 | -1 147 035 | -68,1% |


Экономика
Finance
Молия
АСЪОРИ РАҚАМӢ




# Рақобат барои CBDC - асъори рақамии бонки марказӣ бо чӣ анҷом хоҳад ёфт?

*Ё чӣ тавр Facebook ва пандемия раванди сохтани пулҳои электрониро тезониданд*

**Пандемияи коронавируси нав боис ба он шуд, ки бонкҳои марказии дунё дар фикри камтар намудани ҳаҷми муомилот бо пули нақд шаванд ва раванди бароriши пулҳои рақамиро суръат бахшанд. Бисёре аз ин бонкҳои марказӣ мехоҳанд, бо ба роҳ мондани пулҳои рақамӣ пулҳои маъмулии коғазиро иваз кунанд ва бо ин восита пардохтҳои фосилавиро бештар равнақ диҳанд.**

## ОЁ ЭЛЕКТРОНӢ ШУДАНИ ПУЛҲО ИМКОН ДОРАД?




Тавре аён мегардад, солҳои охир фикри сохтани пулҳои электронӣ дар маркази таваҷҷуҳи бисёре аз бонкҳои марказии кишварҳои олам қарор дорад. Пешрафти технологияҳои пардохтӣ ва ҳарҷӣ бештар ворид шудани интернет ба ҳаёти мардуми сайёра барои сохтани алтернативаи пулҳои коғазӣ шароит фароҳам оварда, зарурати сохтани пулҳои электрониро бештар кард.

> Бо назардошти таҷрибаи Чин CBDC метавонад дар намудҳои тиҷоратӣ ва чакана сохта шавад. Намуди тиҷоратии он бояд барои муомилот байни бонки марказӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ истифода шавад. . .

Ин кор пас аз паҳн шудани пандемияи коронавируси нав дар тамоми олам ва зарурияти муомилоти фосилавиро ба миён овард, бештар шуд. Бисёре аз бонкҳои марказӣ раванди ба роҳ мондани пулҳои электрониро тавсиа бахшиданд.

Ин ҷараён чанд соли пеш аз ҷониби бархе бонкҳои марказӣ оғоз шуда буд ва ҳоло идома дорад. Тавре таҳқиқотҳо нишон доданд, ҳоло дар саросари дунё беш аз 50 бонки марказӣ болои

лоиҳаҳои сохтани пулҳои электронӣ фаъолият доранд.

Дар айни замон агар тахти мафҳуми пулҳои электронӣ аз як тараф воситаҳои пардохт фаҳмида шавад, аз ҷониби дигар онҳоро ӯҳдадориҳои пулии эмитент дар шакли электронӣ меҳисобанд, ки бо воситаҳои электронӣ, аз қабили токен ё ҳамёнҳои мобилӣ дар ихтиёри истифодабаранда қарор мегиранд. Ин ӯҳдадориҳо сабт гардида, дар воситаи электронӣ нигоҳ дошта мешаванд ва аз ҷониби эмитент ҳангоми гирифтани маблағ аз шахсони дигар дар ҳаҷми на камтар аз арзиши пулии додашуда, дода мешаванд ва ҳамчун воситаи пардохт аз ҷониби ташкилотҳои дигар қабул карда мешаванд.

## ПАРДОХТҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ БО ЕВРО АФЗУД



Чанде пеш, Бонки марказии Аврупо, ки муассисони он кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо мебошанд, эълон кард, ки ҳоло дар андешаи сохтани Еврои электронӣ аст. Кристина Лагард, раиси Бонки марказии Аврупо иброз намуд, ки ҳаҷми савдои электронӣ дар давраи пандемия (аз феврал то июни 2020) дар миёни кишварҳои минтақаи Евро 20 фоиз афзудааст. Ба қавли Лагард, пандемияи коронавирус, басташавии марзҳо ва зарурати риояи фосилаи иҷтимоӣ афзоиши истифодаи пардохтҳои электрониро бештар кард. Вай изҳор доштааст, ки "пардохтҳои мо ҳамон тавре, ки ҳаёти мо ғайриинтизор рақамӣ шуд, ҳамон гуна рақамӣ гаштанд."

Бино ба пажӯҳиши Бонки марказии Аврупо ҳоло қариб нисфи истеъмолкунандагони аврупоӣ омодаанд, ки харид ва хизматрасониҳоро ба таври ғайринақдӣ пардохт кунанд. Ба гуфтаи Лагард, эҳтимол меравад, ки ин раванд баъд аз анҷоми пандемияи коронавирус низ идома хоҳад ёфт.

## ПУЛИ ХУСУСИИ FACEBOOK ОЯНДА ДОРАД?



Роҳбарони бонкҳои марказии дунёро ҳоло пайдоиши асъори рамзии хусусие, ба мисли биткоин нигарон сохтааст ва онҳо аз он ҳарос доранд, ки дар сохтани пулҳои электронӣ аз онҳо қафо намонанд. Барои пешгирӣ кардани ин кор онҳоро зарур аст, ки пештар аз Facebook ва ба ин монанд ширкатҳои талабгори асъори хусусӣ пулҳои электронии худро ба муомилот бароранд, то ки дороиҳои мардум комилан дар ихтиёри онҳо қарор нагиранд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳанӯз моҳи июни соли 2019 қабл аз оғози пандемияи зикршуда муассисони Facebook эълон карда буданд, ки асъори электронии хусусии худ, стейблкоини Libra-ро ба муомилот мебароранд. Вале Facebook дар қиёс ба биткоин ба таври хос қурби асъори рамзии худро ба қурби асъори воқеие, чун доллари амрикоӣ, евро ва фунт-стерлинг алоқаманд кард. Ин алоқамандӣ асъори Facebook-ро аз тағйирёбии якбораи аз ҳад зиёди нарх, ки барои биткоин хос аст, ҳимоя мекунад. Ба қавли коршиносони соҳа маҳз тағйирёбии якбораи аз ҳад зиёди нарх ба биткоин имкон намедиҳад, ки воситаи пардохт шавад. Устувории қурби асъори Facebook шароит фароҳам овардааст, ки он тадриҷан ба воситаи пардохт табдил ёбад. Ба ғайр аз ин, масоҳати бузурги фарогирии ин шабакаи иҷтимоӣ Libra-ро пули ояндадор мегардонад.

Бояд гуфт, ки иқдоми Facebook бонкҳои марказии дунёро ҳам тарсонд ва ҳам барои сохтани пулҳои электронӣ сахт ҳавасманд намуд. Чунин ба назар мерасад, ки аз ҳама бештар Чин нигарон шуд. Собиқ роҳбари Бонки мардумии Чин Чжоу Сяочуан гуфтааст, Чинро зарур аст, ки барои таъмини мустақилияти пули миллӣ ва низоми молиявиаш шитоб кунад, то зарурати мутобиқ шудан ба стандартҳои бегонаи марбут ба биткоин пеш наояд.

## ЧИН БО ЮАНИ РАҚАМИИ ХУД ПЕШСАФ АСТ



Чин оҷилан ба санҷиши юани рақамӣ оғоз кард ва дар айни замон метавон гуфт, ки дар амри сохтан ва татбиқ намудани пули рақамӣ пешсаф

шуморида мешавад. Имрӯз, ки кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба омӯзиши раванди сохтани пулҳои электронӣ машғул ҳастанд, Чин аллакай дар ин самт ба дастовардҳо ноил шудааст.

Феълан дар шаш шаҳри Чин юани рақамӣ мавриди санҷиш қарор дорад. Мақомоти чинӣ юани рақамиро "рақамикунонии агрегати М0 ё худ пули нақди дар муомилот буда, бо истифодаи технологияи нав" номиданд. Бино ба гуфтаи мақомоти чинӣ юани электронӣ

> Бинобар ин, вақте ҷониби Facebook бо андешаи сохтани стейблкоин ё худ асъори рамзӣ бо қурби устувор ва вобастаи бозори асъор бо номи Libra баромад, бисёр бонкҳои. . .

бояд пулҳои нақдро дар соя қарор диҳад ва ин дар шароити зарурати риояи фосилаи иҷтимоӣ айни муддао аст.

Дар лоиҳаи санҷиши юани рақамӣ якчанд муассисаи молиявии чинӣ, аз қабили Бонки эҳёи Чин, Бонки саноат ва тиҷорати Чин, Бонки кишоварзии Чин, низоми байналмилалии пардохти Union Pay ва ширкати Alibaba иштирок доранд. Ҳамин тариқ, ҳоло шаҳрвандон бо пули рақамии Чин метавонанд, харидҳои ҳаҷман хурди худ дар мағозаҳо ва пардохти хизматрасониҳои ошхонаҳо ва таксиҳоро анҷом диҳанд. Ин пардохтҳо дар реҷаи офлайн ба воситаи гузаронидани пул дар ҳамёнҳои электронӣ ва смартфонҳо анҷом меёбанд. Мақомоти чинӣ гуфтаанд, ки сатҳи махфияти амалиётҳо бо юани рақамиро ба сатҳи баробар ба пулҳои нақд наздик хоҳанд кард. Ба андешаи онҳо, вазифаи дигари юани рақамӣ он аст, ки дар баробари ҳифзи мустақилияти молиявии Чин он бояд барои байналмилалисозии пули миллии чинӣ дар баробари доллари амрикоӣ мутобиқат кунад.

## МАГАР ДОЛЛАР ҲАМ ЭЛЕКТРОНӢ МЕШАВАД?



Ба андешаи мутахассисони соҳаи молия ҳадафҳои Чин ҷиҳати байналмилалӣ кардани юан ва ҷойи долларро дар бозори байналмилалӣ гирифтан мақомоти Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро бетаваҷҷуҳу беташвиш нагузошт. Ибтидои моҳи феврали 2020 чанде аз конгресменҳои амрикоӣ ба Низоми захираҳои федералии ИМА пешниҳод намуданд,ки масъалаи сохтани доллари рақамиро баррасӣ намояд. Онҳо аз он изҳори нигаронӣ карда гуфтанд, ки пешгомии доллари ИМА дар ояндаи дарозмуддат ба далели истифодаи васеъи асъори рақамии дигар метавонад, зери хатар қарор гирад.

Дар робита ба пешниҳоди конгресменҳо Низоми захираҳои федералии ИМА низ ба омӯзиши имконияти ҷорӣ намудани пули рақамии худ бо истифода аз платформаҳои гуногуни блокчейн оғоз кардааст. Назар ба иттилои сомонаи Cointelegraph, Лоретта Местер - президент ва мудири иҷроияи Бонки федералии захиравии Кливленд иброз доштааст, ки ҳоло Иёлоти Мутаҳидаи Амрико барои муайян намудани иқтидори доллари рақамӣ, афзалиятҳо ва норасоиҳои он пажӯҳиш анҷом медиҳад.

Номбурда афзудааст, ки пандемияи коронавирус ба халалдоршавии ҷиддии соҳаи пардохт ва тағйироти ҷиддӣ дар сохтор ва ҳаҷми интиқолҳои дохилии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико боис шудааст. Масалан, вобастагии корхонаҳо ва шахсони алоҳида ба хизматрасониҳои рақамӣ ва дастрасии фаврӣ ба онҳо афзуда, бисёр кормандон ба кори фосилавӣ гузаштанд ва ҳиссаи амалиётҳое, ки тавассути Интернет анҷом дода шудаанд, хеле афзудааст. Ин аз муҳим будани сармоягузорӣ барои таъмини устувории низоми пардохти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шаҳодат медиҳад.

Лоретта Мастер таъкид мекунад, ки гузаронидани таҳқиқот ҷиҳати муайян намудани иқтидори доллари рақамӣ ҳанӯз маънои онро надорад, ки Низоми Федералии захираҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар бораи баровардани он тасмим гирифта бошад. Аммо чун ин кор ба суботи молиявии Амрико, амнияти бозор, дахолатнопазирӣ ва сиёсати пулию қарзӣ марбут аст, зарур аст, ки ин масъала пеш аз амал кардан ба таври дақиқ таҳқиқ карда шавад.

Аммо ба андешаи Девич Берч, таҳлилгари соҳаи хизматрасониҳои рақамии молиявӣ ва муаллифи китоби "Ҷанги сарди

асъорӣ” агар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар мусобиқаи пулҳои рақамӣ фаъол нашавад, мақоми пули ҷаҳонии доллар зери хатар қарор мегирад. Ҳарчанд ӯ таъкид мекунад, ки дар ояндаи наздик ҳеҷ пул ҷои долларро гирифтан натавонад ҳам, аммо раванди камфаъолиятии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико метавонад ба он оварда расонад, ки бонкҳои марказии ҷаҳон пулҳои рақамии хусусии худро бановарда, эҳтимолан баъзе аз онҳо истифодаи долларро дар пардохтҳои байналмилалӣ ва савдои ҷаҳонӣ қатъ кунанд, ки ин ба манфиати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нест.

## БОНГИ ИЗТИРОБИ ВАЗИРИ МОЛИЯИ ФАРОНСА



Ин шабу рӯз, ки Facebook барои ба роҳ мондани асъори рамзии худ корманд меҷӯяд, иқтисодшиносони аврупоӣ низ дар ҳарос афтодаанд. Бруно Ле Мэр, вазири молияи Фаронса, гуфтааст, ки Бонки марказии Аврупо дар минтақаи Иттиҳоди Аврупо бояд ягона муассисаи бароришгари асъор бошад ва тамоми ташаббусҳои дигар, агар умумияти низомҳои молиявиро зери хатар мегузоранд, бояд манъ карда шаванд. Вале аз тарафи дигар, ба гуфтаи коршиносон, амалиёт бо интернетро манъ кардан душвор аст. Коршиносон аҳамияти пулҳои рақамиро дар афзоиши бехатарии низоми молиявӣ, осонтар шудани низоми молиявӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ, беҳтар шудани дастрасии молиявӣ, ҳавасмандсозии рақобат ва навовариҳо дар низомҳои пардохт шарҳ медиҳанд. Масалан, низоми пулҳои рақамӣ онҳоро барои бонкҳои тиҷоратӣ дар реҷаи шабонарӯзӣ дастрас менамояд ва арзиши интиқолҳои байналмилалиро ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Ин ҳама манфиатҳои пулҳои электронӣ боис ба ҳавасмандии бонкҳои марказӣ барои сохтани пулҳои рақамӣ шудааст. Дар ҳоли ҳозир, дар Ҷопон, Канада, Сингапур, Гонгонг лоиҳаҳои барориши асъор бо технологияи блокчейн татбиқ мешаванд.

## CBDC АЗ БИТКОИН ЧӢ ФАРҚ ДОРАД?



Нуқтаи назари дигаре вуҷуд дорад ва дар асоси он аксари бонкҳои марказӣ мехоҳанд бо сохтани пулҳои рақамӣ имкони зери назорат гирифтани ҷараёни интиқолҳоро дошта бошанд, ки чунин имкониятро технологияи блокчейн, ки Биткоин бо он сохта шудааст, маҳдуд кардааст. Бинобар ин, онҳо мехоҳанд пулҳои рақамие созанд, ки аз пулҳои то имрӯз сохташудаи рамзбандишуда фарқ дошта бошанд.

Пулҳои рақамии аз ҷониби бонкҳои марказӣ баровардаро бо забони англисӣ CBDC (Central bank digital currency) ном додаанд, ки маънои асъори рақамии Бонки марказиро дорад. Тавре пажӯҳиши Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, аз 66 бонки марказӣ тақрибан 80% лоиҳаҳои CBDC –и худро доранд ва рӯи онҳо кор мекунанд.

CBDC падидаи навест, ки дар олами бонкдорӣ зуҳур кардааст. Ба гуфтаи коршиносон он метавонад, асъори рамзӣ бошад, вале чандон ҳатмӣ нест, ки рамзбандишуда бошад. Асъори рамзӣ гуфта, пеш аз ҳама, аз асъоре ном бурда мешавад, ки бо технологияи блокчейн сохта шудааст, монанди биткоин, эфириум ва ғайра. Асъори рамзӣ ду хусусият дорад, он пардохтҳоро бидуни ҳеҷ як миёнарав ба таври ниҳонӣ анҷом медиҳад ва дараҷаи тағйирёбии қурби онҳо ниҳоят баланд аст. Масалан, як биткоин метавонад, имрӯз 10 ҳазор доллар нарх дошта бошад, фардо метавонад, нархи он то 15 ҳазор долар баланд шавад ва ё баръакси он то 7 ҳазор доллар поин равад. Ин хусусияти тағйирёбии нархи асъори рамзие чун биткоин онро нагузоштааст, ки ҳамчун воситаи пардохт истифода шавад. Ҳамчунин ҳамин вижагиҳои асъори рамзӣ барои бонкҳои марказӣ монеа шудааст, зеро шаффофияти амалиёт ва таъмини устувории қурби асъор аз вазифаҳои аслии бонкҳои марказӣ ба шумор мераванд.

Бинобар ин, вақте ҷониби Facebook бо андешаи сохтани стейблкоин ё худ асъори рамзӣ бо қурби устувор ва вобастаи бозори асъор бо номи Libra баромад, бисёр бонкҳои марказӣ аз он нигарон шуданд ва дар фикри сохтани пулҳои электронии худ шуданд. Вале асъори рамзбандишуда ба маҳдудияти технологие рӯ ба рӯ шуд, ки имкон дорад пеши тавсиъаи онро бигирад. Вақте

ду сол пеш дар Чин маъракаи бузурги фурӯш бо тахфифро гузарониданд ва дар он рекорди пардохтҳо – дар як сония 92771 интиқолҳо рӯй дод, маълум шуд, ки технологияи блокчейн наметавонад, яку якбора дар як замон ин қадар интиқолҳои зиёдро анҷом диҳад. Ин нишондиҳанда аз ҳаҷми иқтидори блокчейни биткоин бештар буд. Бинобар ин, Чинро зарур омад, ки юани рақамиро бе истифода аз технологияи блокчейн созад.

Бо назардошти таҷрибаи Чин CBDC метавонад дар намудҳои тиҷоратӣ ва чакана сохта шавад. Намуди тиҷоратии он бояд барои муомилот байни бонки марказӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ истифода шавад ва намуди дуюми он бошад, бояд пули нақдро пурра иваз намояд. Намуди дуюми онро одамон ва ширкатҳо метавонанд барои пардохти молу хидматҳо ё дар суратҳисоб нигоҳ доштани онҳо истифода баранд.

## CBDC ЧӢ ГУНА СОХТА МЕШАВАД?




Қабл аз ҳама бояд гуфт, ки асъори рақамии чаканаи бонки марказӣ аз асъори рақамии тиҷоратии он фарқ дорад. Асъори рақамии чаканаи бонки марказӣ, ки қоидаи бозиро дар бозорҳои молиявӣ ба таври куллӣ тағйир медиҳад, имкон дорад ба воситаи токенҳои рақамӣ сохта шавад. Дар Иттиҳоди Аврупо ба ин назаранд, ки ба воситаи токенҳо сохтани асъори рақамӣ имкон медиҳад, махфияти еврои рақамӣ ва гардиши ғайримутамаркази он таъмин карда шавад. Бино ба маълумоти дастрас, ҳоло Иттиҳоди Аврупо масъалаҳои ҳуқуқии марбут ба сатҳи махфият ва имкони зери назорат гирифтани интиқолҳо бо Еврои рақамиро меомӯзад.

Мутахассисони соҳа роҳи дигари сохтани пулҳои рақамиро дар асоси сохтани суратҳисобҳои депозитӣ бевосита дар бонки марказӣ мебинанд. Аз ҷиҳати технологӣ ин падидаи нав нахоҳад буд, вале лозим мешавад, ки суратҳисобҳо бо шумораи бузург кушода шаванд. Агар дар Бонки марказии Иттиҳоди Аврупо то имрӯз тақрибан 10 ҳазор суратҳисоби депозитӣ мавҷуд бошад, лозим мешавад, ки ин бонк барои аҳолии иттиҳодия аз 300 то 500 миллион суратҳисоби депозитӣ кушояд. Ба андешаи коршиносон, барои он,ки тамоми интиқолҳои байни муштариён зери назорат бошаду ҳимоят аз шустушӯи пул ва амалиёти дигари ғайриқонунӣ таъмин бошад, ин суратҳисобҳо бояд на дар бонкҳои тиҷоратӣ, балки танҳо дар Бонки марказии Иттиҳоди Аврупо кушода шаванд.

CBDC-и тиҷоратӣ асосан барои интиқолҳои байнибонкӣ ва савдои байналмилалӣ истифода бурда мешавад. Воқеият дар он зоҳир мешавад, ки бонки марказӣ пулҳои электрониро мебарорад ва ба бонкҳои тиҷоратӣ имкони дастрасӣ ба онҳоро медиҳад. Лоиҳаҳои барориши асъори рақамии тиҷоратӣ аз ҷониби бонкҳои марказии Ҷопон, Канада , Иттиҳодияи Аврупо,ташкилотҳои молиявии Сингапур ва Гонконг дар ҳоли иҷро қарор доранд. Шветсия низ пули рақамии худро бо унвони e-krona мавриди санҷиш қарор додааст. Ин пул дар заминаи блокчейни R3 Corda татбиқ мешавад.

Дар Уругвай ҳамёнҳои рақамиро ба ҷои блокчейн истифода намудаанд. Ин таҷриба се сол пеш давоми ҳафт моҳ гузаронида шуда буд ва ҳоло мақомоти ин кишвар аз он натиҷагирӣ мекунанд. Чунин таҷрибаҳоро бонки Украина низ анҷом додааст. Бонки миллии Украина ҳануз соли 2018 хабар дода буд, ки истифодабарии пулҳои электрониро дар миёни кормандони худ таҷриба кардааст. Санҷиш дар заминаи технологияи блокчейн ва инфрасохтори низоми пардохти "Простир" гузаронида шудааст. Бино ба пешбинии Бонки миллии Украина, баъд аз 6-7 сол 20 фоизи пули миллии Украина дар шакли электронӣ ба муомилот бароварда хоҳад шуд.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ бонкҳои марказии Қазоқистон ва Ӯзбекистон эълон доштаанд, ки корро бо истифодаи технологияи блокчейн оғоз кардаанд, вале ҳанӯз маълумоти зиёде дастрас нест, ки онҳо дар ин кор ба чӣ натиҷа расидаанд.

Гуфтугӯҳо дар бораи пулҳои рақамӣ ва лоиҳаҳои бонкҳои марказӣ аз он далолат медиҳанд, ки солҳои наздик пулҳои рақамӣ ба муомилот ворид хоҳанд шуд.

***Таҳияи Аслам Мӯминов бо истифода аз маводи Интернет.***



# Теоретический анализ индикаторов и пороговых значений финансовой безопасности



**Аннотация.** В предлагаемой статье рассматривается актуальная проблема, обусловленная тем, что рост угроз финансовой безопасности, выступающая составным элементом экономической безопасности страны, не позволяет обеспечить необходимое качество экономического развития, в частности затрудняет реформирование экономики и ее структурную перестройку, оказывает тормозящее воздействие на развитие отраслей реальной экономики, формирует негативное влияние не только на ограничение притока иностранных инвестиций и т.д. Последние могут оказать отрицательное влияние не только на параметры устойчивого экономического развития, но привести к рецепции экономики, к финансовому, и далее к экономическому кризису в национальной экономике. Важное значение в обеспечении финансовой безопасности имеет разработка индикаторов и пороговых значений, отражающие ее параметры. В предлагаемой статье представлена система индикаторов и пороговые значения финансовой безопасности применительно к условиям Таджикистана, определен круг задач, связанный с регулированием и поддержанием финансовой безопасности страны.
**Ключевые слова:** финансовая безопасность, экономическая безопасность, индикаторы, пороговые значения, угроза.

Понимание финансовой безопасности конкретизируется на основе системы количественных и качественных индикаторов, определяющих состояние и уровень развития финансовой сферы экономики, и предполагает осуществление комплексных мер, поддерживающих требуемую безопасность, (2) связанную, прежде всего, с интенсивной реализацией реформ по скорректированной программе и охватывающую основные направления бюджетно-финансовой, денежной, инвестиционной, внешнеэкономической деятельности. Для количественной характеристики состояние экономики как сложная система используется системы показателей, причем для анализа финансовой безопасности многие ученые-экономисты используют ряд основных показателей, которые называется индикаторами.

Иными словами, индикатором являются только те показатели, которые количественно отражают угрозы финансовой безопасности, обладают высокой чувствительностью и изменчивостью и как следствие, большей способностью предупреждать государство, общество и субъектов хозяйственной деятельности о возможных опасностях в связи с изменением макроэкономической ситуации и принимаемых правительством мерах в сфере финансово-экономической политики, а также взаимодействуют между собой в достаточно высокой степени.

Важно отметить, что к построению системе социально-экономических показателей предъявляются следующие требования (табл.1.).

С системой индикаторов финансовой безопасности тесно связано понятие пороговых значений этих индикаторов. Так, пороговое значение индикатора - это предельное количественное значение какого-либо финансового показателя экономики, превышение которого препятствует нормальному развитию финансовых отношений и приводит к формированию негативных тенденций в финансовой сфере, а порой и в национальной экономике в целом.

Для развитой рыночной экономики существуют, например, максимально возможные пределы дефицита бюджета, пределы ассигнований на оборону, пределы безработицы, пределы в распределении средств между наиболее бедными и наиболее богатыми слоями общества и т.д.(5) Переходная же экономика, подвергнутая существенной трансформации при слабом развитии институтов рыночной экономики, низкой чувствительности классических способов денежно-кредитного регулирования экономики, по выражению лауреата Нобелевской премии В. Леонтьева «лишена рулевого управления», поэтому нужны индикаторы - так называемые «ориентиры развития», определяющие границы развития негативных процессов, подающие сигналы хозяйствующим субъектам о возможных сферах неблагополучия, понижении уровня финансовой безопасности.

Пороговые значения должны приобрести статус одобренных или утвержденных на государственном уровне количественных параметров, соблюдение которых должно стать непременным элементом правительственных экономических программ. (2) К сожалению, утвержденных Правительством Республики Таджикистан, Министерством экономического развития и торговли Республики Таджикистан или Министерством финансов Республики Таджикистан пороговых значений не существует.

Мы считаем, что пороговые значения основных индикаторов экономической безопасности Республики

***Таб.1. Требования к системе социально-экономических показателей***[1]

**Требования к системе социально-экономических показателей**

- **Должны допускать возможность осуществления регулярного монеторинга**
- **Показатели должны относиться к одному временному периоду**
- **Перечень показателей должен быть минимальным, легко доступным и допускать простую интерпретацию**
- **Система показателей должна соответствовать перечню основных угроз экономической безопасности региона**
- **Показатели региональной безопасности должны быть совместимы с действующей в стране системой учета, статистики и прогнозирования.**
- **Система социально-экономических показателей должна быть взаимоувязана с общей схемой анализа и показателей использующихся на региональном и отраслевом уровнях.**

Таджикистан имеют следующие значения (табл. 2.).

В условиях рыночной экономики защита финансовой безопасности страны становится важнейшей самостоятельной функцией государства. Для осуществления государством этой функции необходимы выработка и создание, во-первых, четко действующего организационного механизма, воплощающегося в направлениях финансовой политики, и, во-вторых, определенного экономического инструментария.

Важным инструментом в руках у государства, которым оно должно воспользоваться для защиты своих национальных интересов в финансовой сфере, является система индикаторов и пороговых значений финансовой безопасности.

Мы считаем, что можно выделить следующие индикаторы безопасности экономики и финансового сектора по Республике Таджикистан (табл.3.).

Важно отметить, что данные индикаторы можно подразделить на три группы: способность экономики к устойчивому росту; устойчивость финансовой системы; зависимость от импорта.

Для того чтобы государство могло вырабатывать действенные меры по защите своих интересов в финансовой сфере, необходим постоянный мониторинг состояния этой сферы с позиции финансовой безопасности, то есть постоянный анализ и отслеживание изменения характера действия факторов, могущих вызвать угрозы финансовой безопасности Республики Таджикистан. При этом для суждения об уровне финансовой безопасности и разработки мер по защите национальных интересов в этой области необходима количественная оценка финансовой ситуации с позиции финансовой безопасности. Эта оценка, учитывая широту проблем, охватывающих задачу защиты финансовой безопасности страны, должна осуществляться достаточно полным набором индикаторов состояния финансовой сферы. Поэтому перечень экономических индикаторов, используемых для мониторинга угроз финансовой безопасности должен быть достаточно широким с тем, чтобы максимально полно и достоверно характеризовать все стороны состояния и развития финансовой сферы.

Набор индикаторов финансовой безопасности государства может быть различным, в зависимости от той сферы финансовых отношений, которую необходимо характеризовать: финансово-налоговую, финансово-бюджетную, денежно-кредитную, платежно-расчетную и т.д., согласно таблицы 3.

Важно учитывать, что изменение того или иного индикатора само по себе еще не означает угрозы финансовой безопасности в целом. Но организация мониторинга, комплексное рассмотрение системы индикаторов, углубленный анализ отдельных финансовых институтов и процессов при отклонении динамики критериев от нормального тренда должны быть объектом постоянного контроля органов государственной власти и управления.

В ходе мониторинга факторов, вызывающих угрозы финансовой безопасности, особо важно проследить взаимодействие и взаимовлияние отдельных индикаторов. Так, индикаторы финансовой безопасности в бюджетной сфере наиболее тесно взаимодействуют с соответствующими индикаторами в налоговой, платежно-расчетной, кредитно-банковской и корпоративной сферах. Взаимозависимость и взаимовлияние здесь идет по цепочке от финансовых результатов предприятий и организаций, через индикаторы кредиторской задолженности к наполнению доходной части бюджета и степени его дефицитности.

В Таджикистане правительство страны намерено ослабить фискальное правило на пороговый потолок внешнего долга, увеличив его с нынешних 40% до 60% от ВВП. Об этом говорится в новом докладе Всемирного банка об экономике Таджикистана. Согласно данного документа, уровень государственного и гарантированного государством долга (ГГГ) Таджикистана значительно вырос в 2017 году - уровня выше 50% ВВП. Основными факторами данного роста были внешние кредиты, привлеченные из Китая, выпуск внутренних долговых инструментов для поддержки энергетического сектора и выпуск еврооблигаций на сумму 500 млн. долларов США.

Обновленный Анализ устойчивости долга (АУД) предполагает, что уровень долговой устойчивости в Таджикистане возрос с умеренного до высокого уровня, поскольку несколько важных показателей превысили ориентировочные пороговые значения. Последнее отражает снижение способности страны зарабатывать иностранную валюту для обслуживания своего внешнего долга, который начал увеличиваться ускоренными темпами. Несмотря на существенное увеличение уровня внутреннего долга после поддержки финансового сектора в конце 2016 года,

1 Вохидзода У.С. Пути преодоления дисбаланса пространственного развития регионов ухудшающих ее

***Таб.2. Пороговые значения основных индикаторов экономической безопасности***

| Показатель | Пороговые значения, % | Показатель | Пороговые значения, % |
|---|---|---|---|
| Объем ВВП на душу населения | 50 | Уровень инфляции | 20 |
| Доля в пром. производстве: Обрабатывающий промышленности машиностроения | 70<br>20 | Текущая потребность в обслуживании внутреннего долга, % доходов бюджета | 25 |
| Инвестиции, % от ВВП | 25 | Объем внутреннего долга, % от ВВП | 30 |
| Расходы НИОКР, в % от ВВП | 2 | Объем внешнего долга | 25 |
| Доля новых видов продукции в машиностроении | 6 | Доля внешний заимствований в покрытии бюджетного дефицита | 30 |
| Доля в населении людей, имеющих доходы ниже прожиточного минимума | 7 | Дефицит бюджета, % от ВВП | |
| Продолжительность жизни, лет | 70 | Отношение М2Х к М2 | 10 |
| Дифференциация доходов, в разах | 8 | Отношение МОХ к МО | 25 |
| Уровень преступности, количество преступлений на 100 тыс.чел. | 5000 | Денежная масса М2, % от ВВП | 50 |
| Уровень безработицы | 7 | Доля импорта во внутреннем потреблении | 30 |
| Дифференциация регионов по прожиточному минимуму, раз | 1,5 | Доля импорта в продовольствии | 25 |

*(Источник: Глазьев С.Ю. Основа обеспечения экономической безопасности страны. Альтернативный реформационный курс. // Российский журнал. -1997. -№1. -С.36.)*

внешняя задолженность по-прежнему включает основную часть портфеля общего долга страны.

Важно подчеркнуть, что выпуск еврооблигаций Таджикистана в сентябре 2017 года, значительно увеличило долговую нагрузку страны, но также диверсифицировало долговой портфель страны как мера поддержания стабильности финансовой системы страны. Учитывая это, официальные органы Таджикистана пересмотрели и ослабили фискальное правило, увеличив пороговый потолок долга с нынешних 40 процентов до 60 процентов к ВВП.

Выявление количественных параметров данных взаимосвязей индикаторов финансовой безопасности между собой и с другими аспектами национальной (в т.ч. экономической) безопасности страны и определение на этой основе мер по защите национальных интересов Республики Таджикистан в финансовой сфере является главной задачей мониторинга факторов, вызывающих угрозы этим интересам.

Вместе с тем следует подчеркнуть, что мониторинг факторов, вызывающих угрозы финансовой безопасности, на основе только фактических и прогнозных статистических данных недостаточен для достоверного суждения о состоянии дел в этой сфере. Такой мониторинг дает суждение только о том, лучше или хуже становится уровень финансовой безопасности за тот или иной период, но не дает ответа на вопрос: находится ли страна в опасной зоне или вышла из нее, каков действительный уровень финансовой безопасности? Для этого необходимо сравнение фактических или прогнозных статистических данных с определенными признанными обществом нормативными параметрами, отделяющими зону опасности от безопасной зоны. Такими параметрами призваны служить пороговые значения финансовой безопасности.

Впервые пороговые значения экономической безопасности были определены как «предельные величины, несоблюдение которых препятствует нормальному ходу развития различных элементов воспроизводства, приводит к формированию негативных, разрушительных тенденций в области экономической безопасности». (1). Данное определение в целом представляется нам правильным. Вместе с тем, по нашему мнению, в этом определении, во-первых, нет указания на требования к индикаторам, которые следует использовать при расчете пороговых значений, и, во-вторых, оно сужает проблему поддержания экономической безопасности и не подчеркивает ее связи с другими аспектами национальной безопасности страны. С учетом вышеизложенного, применительно к финансовой сфере, мы согласны с нижеследующем определением понятия пороговых значений финансовой безопасности. Пороговые значения финансовой безопасности - это предельные количественные параметры, характеризующие существенные черты состояния и развития финансовой (бюджетной, налоговой, денежно- кредитной и др.) сфере, выход за пределы которых нарушает нормальный ход экономического развития и угрожает национальным интересам страны. (3)

В данном определении дополнительно указывается, во-первых, на то, что пороговые значения должны характеризовать не второстепенные, а существенные черты состояния и развития финансовой сферы, и, во-вторых, на связь параметров финансовой безопасности с экономической безопасностью страны и с национальной безопасностью в целом. Учитывая вышеизложенное методологическое положение, нами предлагается система пороговых значений финансовой безопасности. Она, наряду с совпадением по некоторым индикаторам с иными литературными источниками, имеет отличия. Так, нами предлагается в качестве основных пороговых значений финансовой безопасности самого высокого уровня для условий Таджикистана использовать следующий перечень и значения макрофинансовых индикаторов:

- уровень монетизации экономики -

не ниже 40% к ВВП;
- внешний долг - не более 60 % к ВВП;
- внутренний долг - не более 40 % к ВВП;
- дефицит государственного бюджета - не более 5% к ВВП;
- объем золотовалютных резервов - не менее 3-х месячного объема;
- уровень инфляции - в диапазоне 7 (+/- 2) %.

Предлагаемый нами перечень и пороговых значений финансовой безопасности для макрофинансового уровня, по нашему мнению, достаточно полно характеризует сущностные черты состояния и развития финансовой сферы, прежде всего, такие, которые наиболее сильно влияют на другие аспекты национальной безопасности: напряженность и сбалансированность бюджета и его способность финансировать государственные нужды, долговая нагрузка и опасность роста внешней зависимости, способность денежной массы обслуживать нормальный оборот товаров и, тем самым, стимулировать экономический рост и способность, благодаря достаточному объему золотовалютных резервов, обеспечивать внешнюю устойчивость национальной экономики и ее денежной системы.

Количественные параметры пороговых значений финансовой безопасности макрофинансового уровня должны утверждаться Правительством Республики Таджикистан для использования в ходе формирования бюджетной и денежно-кредитной политики страны, разработки прогноза социально-экономического развития и проекта государственного бюджета Республики Таджикистан.

Вместе с тем на различных уровнях управления, в органах исполнительной власти Республики Таджикистан целесообразно использовать несколько более широкий круг пороговых значений финансовой безопасности. Перечень этих пороговых значений финансовой безопасности не должен иметь таких жестких ограничений, как пороговые значения высшего уровня: он может постоянно видоизменяться в зависимости от конкретной экономической ситуации и стоящих перед данным уровнем управления задач в тот или иной период времени. Вместе с тем и этот перечень пороговых значений финансовой безопасности не должен быть излишне большим, неоправданно связывающим органы управления в их деятельности.

Крайне трудным является проблема методического обоснования количественных параметров пороговых значений финансовой безопасности. Нам представляется, что невозможно разработать единую методику расчета для весьма разнородных по своему характеру индикаторов пороговых значений. Для каждого индикатора его пороговые значения требуют методики, имеющую свою специфику. Могут применяться и различные методологические подходы к определению пороговых значений финансовой безопасности.

Несомненно, всегда есть стремление применить строго расчетные методы, когда пороговое значение определяется какой-либо математической формулой или цепочкой расчетов от изначально принятой статистической величины, которая должна быть всеми признана как точка отсчета до выводной цифры. Вместе с тем этот метод весьма редко может быть применим к определению пороговых значений финансовой безопасности. Здесь, как правило, нет той официально признанной исходной точки отсчета, которая определяла бы, в конечном счете, величины порогового значения. Наиболее применимы для этих целей следующие методы:

- метод аналогий, при котором количественные параметры пороговых значений определяются на основе анализа этих индикаторов за предыдущие годы или по другим странам и на основе этого анализа выбирается в качестве порогового значения либо наиболее распространенная величина, либо величина, сложившаяся на каком-то характерном периоде развития;
- экспертный метод, при котором количественный параметр порогового значения определяется группой экспертов с использованием принятия методов обобщения их мнений;
- нормативный метод, когда количественный параметр порогового значения «назначается» исходя из тех задач, которые ставятся государством на предстоящий период.

Далее, сопоставляют количественные параметры пороговых значений макроиндикаторов финансовой безопасности с их фактическими показателями. Важно констатировать, что в первые годы экономического реформирования

***Таб.3. Индикаторы безопасности экономики и финансового сектора по Республике Таджикистан***

| Показатель | Пороговое значение,% |
|---|---|
| **СПОСОБНОСТЬ ЭКОНОМИКИ К УСТОЙЧИВОМУ РОСТУ** | |
| Объем ВВП на душу населения,% к предыдущему году | не менее 100 |
| Индекс физического объема промышленности к предыдущему году | не менее 105 |
| Индекс физического объема сельскохоз. продукции к предыдущему году | не менее 105 |
| Доля машиностроения в промышленном производстве | не менее 20 |
| Доля обрабатывающей промышленности в промышленности | не менее 70 |
| Инвестиции, % от ВВП | не менее 25 |
| Уровень занятости, % | не менее 60 |
| **УСТОЙЧИВОСТЬ ФИНАНСОВОЙ СИСТЕМЫ** | |
| Объем внешнего долга, в от ВВП | не более 25 |
| Дефицит бюджета,% от ВВП | не более 5 |
| Индекс потребительских цен к декабрю предыдущего года, % | не более 100 |
| **ЗАВИСИМОСТЬ ОТ ИМПОРТА** | |
| Соотношение импорта и экспорта | не более 20 |

*(Источник: составлено автором на основе Вохидзода У.С. Пути преодоления дисбаланса пространственного развития регионов ухудшающих ее экономическую безопасность. Дисс.. канд. экон. наук. Душанбе, 2018. -с160., с 52).*

(1991-1997 гг.) фактические данные по предложенной нами шести индикаторам превышали количественные параметры пороговых значений финансовой безопасности. И, действительно, этот период был тяжелым для экономики страны, где наблюдалось падение объемов производства ВВП и снижение уровня жизни населения, с усиливающимся отрицательным воздействием всех угроз национальной безопасности.

После 2000 г. ситуация существенно изменилась: Республика Таджикистан вышла из опасной зоны по таким важным индикаторам, как уровень внутреннего долга, дефицита государственного бюджета и золотовалютные резервы, то есть по 3-м из шести индикаторов. По остальным же трем (внешний долг, уровень монетизации и уровень инфляции) Республика Таджикистан все еще остается в опасной зоне. Конечно, из этого нельзя делать излишне негативные выводы о состоянии национальной экономики и ее финансовой безопасности. Во-первых, ситуацию смягчает тот факт, что по многим параметрам (и не только по финансовым) страна уже вышла из опасной зоны. Во-вторых, в течение 2010-2018 гг. в целом социально-экономическая ситуация проявила тенденцию к улучшению и, в-третьих, наличие количественных параметров пороговых значений финансовой безопасности позволяет, там где Республика Таджикистан находится в опасной зоне, отслеживать процесс, а следовательно акцентировать внимание на принятии превентивных мер с целью улучшения ситуации.

Безусловно, что с существенным изменением экономической ситуации в стране может возникнуть необходимость пересмотра количественных параметров пороговых значений. Вместе с тем в отличие от ряда других пороговых значений экономической безопасности (например, касающихся уровня жизни населения, структуры и объема ВВП и др.) количественные параметры пороговых значений финансовой безопасности в наименьшей мере подвержены необходимости пересмотра с изменением экономической ситуации в стране.

Пороговые значения финансовой безопасности, прежде всего, должны применяться на всех этапах разработки прогноза социально-экономического развития страны и проекта государственного бюджета. При разработке этих документов необходимо постоянное отслеживание соотношения прогнозных показателей, заложенных в проект государственного бюджета или, наоборот, вытекающих из бюджетных решений, с количественными параметрами пороговых значений финансовой безопасности. Количественные параметры пороговых значений финансовой безопасности должны также применяться при экспертизе с позиции экономической безопасности важнейших проектов государственных решении по хозяйственным и финансовым вопросам. Необходимость проведения такой экспертизы предусмотрена Государственной стратегией экономической безопасности Республики Таджикистан.

В целом, по нашему мнению, количественные параметры пороговых значений финансовой безопасности должны стать важнейшим инструментарием государственной экономической деятельности по защите национальных интересов страны в финансовой сфере. Набор индикаторов финансовой безопасности государства может быть различным и более широким, в зависимости от той сферы финансовых отношений, которую необходимо характеризовать, включая финансово-налоговую, финансово-бюджетную, денежно-кредитную, платежно-расчетную и т.д.

Индикаторы финансовой безопасности тесно взаимосвязаны с индикаторами экономической безопасности страны и со всеми другими аспектами национальной безопасности Республики Таджикистан в целом. Выявление количественных параметров данных взаимосвязей индикаторов финансовой безопасности между собой и с другими аспектами национальной (в т.ч. экономической) безопасности страны и определение на этой основе мер по защите национальных интересов Республики Таджикистан в финансовой сфере является главной задачей мониторинга факторов, вызывающих угрозы этим интересам.

Необходимо сравнение фактических или прогнозных статистических данных с определенными нормативными параметрами, отделяющими зону опасности от безопасной зоны. Такими параметрами призваны служить пороговые значения финансовой безопасности. Пороговые значения финансовой безопасности - это предельные количественные параметры, характеризующие существенные черты состояния и развития финансовой (бюджетной, налоговой, денежно-кредитной и др.) сферы, выход за пределы которых нарушает нормальный ход экономического развития и угрожает национальным интересам страны.

***Фируза Файзуллоева,***
***Заместитель директора***
***Департамента - начальник управления***
***Департамента банковских карт и***
***выплаты пенсий ГСБ «Амонатбонк»,***
***соискатель ученой степени***
***Института экономики***
***и демографии НАНТ.***

**Список использованной литературы:**

1. Алифанова, Е.Н. Развитие системы индикаторов национальной финансовой безопасности/ Е.Н. Алифанова, Ю.С. Евлахова//Финансы и кредит.-2017.-т.23, вып.29.- с. 1723-1736.
2. Глотова И.И. Финансовая безопасность государства и бизнеса: монография/И.И. Глотова, Е.П. Томилина, О.Н. Углицких и др.- Ставрополь: Издательство «Аргус».-2015.
3. Ефимов В.С. Методологические подходы к исследованию финансовой безопасности/В.С. Ефимов, Н.В.Бушуева//Вестник Московского университета имени С.Ю. Витте. Серия 1: Экономика и управление.- 2014.-№2(8).-с.10-19.
4. Подмаркова И.П. Оценка уровня экономической безопасности государства с учетом фактора национального богатства//Вестник Института экономических исследований.- 2019.- №1 (13).- с.82-88.
5. Сенчагов В.К. Методология обеспечения экономической безопасности// Экономика региона.-2008.-№3.- с.28-39.
6. Вохидзода У.С. Пути преодоления дисбаланса пространственного развития регионов ухудшающих ее экономическую безопасность. Дисс.. канд. эконом. наук. Душанбе , 2018.-с160., с.49
7. Глазьев С.Ю. Основа обеспечения экономической безопасности страны. Альтернативный реформационный курс.//Российский журнал.-1997.-№1.-С.30-45

# Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат

**Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 249 аз 25 ноябри соли 2020 "Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат" қабул шуд.**

**Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаҳои 4 ва 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" таҳия гардида, самтҳои асосии сиёсати пулию қарзиро барои соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат пешбинӣ менамояд.**

**Дурнамои мазкур пеш аз ҳама барои ноил шудан ба мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон – нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат тавассути механизму воситаҳои татбиқшавандаи сиёсати пулию қарзӣ равона мегардад.**

## САРСУХАН

Дар давоми соли 2020 таъсири пандемияи коронавирус (COVID-19) бо маҳдуд шудани ҳамлу нақл дар сарҳадҳои кишварҳо, аз фаъолият бозмондани корхонаҳои истеҳсолии ба ашёи хоми воридотӣ вобаста, номуътадилиҳо дар бозорҳои молиявӣ, тағйирёбиҳои қурбӣ ва пастравии нархи нафт ба иқтисодиёти ҷаҳон пайомадҳои ногуворе пеш оварда, бахшҳои гуногуни он, аз ҷумла соҳаҳои сайёҳӣ, нақлиёт, соҳибкорӣ, хизматрасонӣ ва молиявӣ - бонкиро коста гардонид.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсири омилҳои мазкур дар паст гардидани суръати рушди иқтисодиёт, коҳиш ёфтани ҳаҷми воруди интиқолҳои пулӣ, кам шудани сармоягузориҳои хориҷӣ, ноустувории қурби пули миллӣ, саривақт таъмин нагардидани даромади буҷети давлатӣ ва зиёд шудани хавфи қарзӣ дар низоми бонкӣ зоҳир гардид.

Дар ин давра фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар самти сиёсати пулию қарзӣ бахри нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо, таъмини рушди боэътидоли ҳаҷми пул, коҳиш додани фишорҳои қурбӣ-таваррумӣ ва таъмини сатҳи мувофиқи пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ муваффақона амалӣ гардида, сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаи мақсаднок нигоҳ дошта шуд.

Мутобиқи дурнамои таҳлилҳо, то интиҳои сол эҳтимол меравад, ки бинобар дубора авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19), ҷорӣ шудани маҳдудиятҳо оид ба гардишу интиқоли молу маҳсулот



тавассути марзи кишварҳои ҳамсоя ва идома ёфтани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ сатҳи таваррум аз доираи нишондиҳандаи мақсаднок берун равад.

Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат самтҳои асосии ташкили механизми самараноки таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, гузариши ботадриҷ ба реҷаи нав - ҳадафгирии таваррум ва таъмини шаффофиятро бо назардошти коҳишдиҳии хавфҳои ҷойдошта дар бар гирифта, бахри ноил шудан ба нишондиҳандаи мақсаднок равона мегардад.

## I. ВАЗЪИ ИҚТИСОДИ БЕРУНӢ ВА ДОХИЛИИ КИШВАР ДАР СОЛИ 2020

**Вазъи иқтисоди берунӣ.** Пайомадҳои ногувори пандемияи коронавирус (COVID-19) ва ноустувориҳо дар бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ дар давоми соли 2020 таъсири манфии худро ба фазои иқтисодиёти ҷаҳон, бахусус, иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба инкишоф расонида, осебпазирии онҳоро то андозае афзун гардонида истодааст.

Номуайян будани натиҷаи қарорҳои қабулшуда аз ҷониби кишварҳо дар самти аз байн бурдани бемории коронавирус ва то ҳол идома ёфтани таъсири манфии он, аз тағйирёбандагии вазъи сиёсию иқтисодии ҷаҳон ва эҳтимолияти дар давраи оянда печидаю мураккаб боқӣ мондани ҳолати бавуҷудомада дарак медиҳад.

Дар ин раванд, коршиносони ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ пешгӯии суръати рушди иқтисодиёти ҷаҳонро барои соли 2020 ва солҳои баъдӣ бознигарӣ намуда истодаанд.

Аз ҷумла, рушди воқеии иқтисодиёти ҷаҳон барои

соли 2020, ки дар ҳисоботи Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) моҳи апрели соли ҷорӣ бо нишондиҳандаи манфӣ -3,0 фоиз пешгӯӣ шуда буд, дар ҳисоботи навбатӣ1 аллакай дар доираи -4,4 фоиз пешгӯӣ мегардад, ки аз дурнамои қаблӣ 1,4 банди фоизӣ пасттар мебошад.

Дар ҳисоботи мазкур инчунин коҳишёбии рушди иқтисодиёти кишварҳои алоҳида низ барои соли ҷорӣ, аз ҷумла ИМА -4,3 фоиз, минтақаи Аврупо -8,3 фоиз, Ҷопон -5,3 фоиз ва Русия -4,1 фоиз нишон дода шудааст.

Ташкилотҳои молиявии байналмилалии дигар (ба монанди Бонки Осиёии Рушд, Бонки Ҷаҳонӣ2, агентии байналмилалии рейтингии "Fitch") низ дар ҳисоботҳои худ дурнамои рушди иқтисодиёти кишварҳои шарикони асосии савдои Ҷумҳурии Тоҷикистонро (ба истиснои Чин) дар соли 2020 бо дарназардошти таъсири пандемияи коронавирус (COVID-19) бозңигарӣ намуда, нишондиҳандаҳои онҳоро коҳиш доданд.

**Вазъи макроиқтисодии кишвар.** Таъсири манфии омилҳои дар боло зикргардида дар давоми соли ҳисоботӣ ба паст шудани суръати рушди иқтисодиёт, номуътадилиҳои таваррумӣ, ноустувории қурби пули миллӣ, кам шудани интиқолҳои пулӣ ва ҳаҷми сармоягузориҳо, камшавии даромаднокии аҳолӣ, инчунин паст гардидани сатҳи талаботи дохилӣ оварда расонид.

Вобаста ба ин, рушди воқеии иқтисодиёт дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ба 4,2 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 3,0 банди фоизӣ кам мебошад.

**Рушди иқтисодиёт дар ин давра бештар аз ҳисоби вусъатёбии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 10,7 фоиз ва кишоварзӣ 8,1 фоиз ҷараён гирифта, коҳишёбии он бошад дар соҳаҳои сохтмон 6,9 фоиз, гардиши савдои чакана 2,7 фоиз ва хизматрасонии пулӣ 4,5 фоиз ба қайд гирифта шуд.**

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар давраи ҳисоботӣ 3 420,3 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуда, афзоиши он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба 8,3 фоиз баробар гардид. Афзоиши савдои хориҷӣ асосан аз ҳисоби содироти молҳо 1 189,0 млн. долл. ИМА, ки зиёдшавии он 54,8 фоизро ташкил намуд, ба вуҷуд омадааст. Ҳаҷми воридоти молҳо бошад, 2 231,3 млн. долл. ИМА-ро ташкил дода, коҳишёбии он ба 6,6 фоиз баробар гардид.

Касри тавозуни савдо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 35,7 фоиз кам гардида, 1 042,3 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуд.

Таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи сентябри соли ҷорӣ ба 6,6 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1,5 банди фоизӣ кам мебошад. Нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 7,5 фоиз, ғайрихӯрокворӣ 5,8 фоиз ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 5,1 фоиз ба амал омад.

Дар соли ҳисоботӣ ба тағйирёбии сатҳи таваррум таъсири омилҳои ғайримонетарӣ, аз ҷумла омилҳои берунӣ, мавсимӣ ва таклифотӣ (коҳишёбии истеҳсолот ва пешниҳоди ками маҳсулоти алоҳидаи хӯрокворӣ) бештар ба мушоҳида мерасид. Дар баробари ин, тағйирёбии қурби асъор дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар натиҷаи вазъи номуътадили иқтисодиёти ҷаҳон ва зиёд шудани талабот ба асъори хориҷӣ, то андозае фишорҳои таваррумиро зиёд намуд.

**Сатҳи таваррум дар моҳҳои январ-сентябри соли 2020 ба 5,1 фоиз баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,4 банди фоизӣ кам мебошад. Дар сохтори таваррумі бавуқӯъомада саҳми маҳсулоти хӯрокворӣ 3,4 банди фоизӣ (болоравии нарх 6,3 фоиз), маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ 1,1 банди фоизӣ (3,8 фоиз) ва хизматрасониҳо 0,6 банди фоизӣ (3,7 фоиз)-ро ташкил дод.**

Сатҳи нархҳо асосан дар моҳҳои март-апрели соли равон ба андозаи 3,8 фоиз (моҳи март 1,6 фоиз ва апрел 2,2 фоиз) болоравӣ дошт, ки ба ин раванд асосан афзоиши нархи маҳсулоти ниёзи аввалия, аз ҷумла орд, биринҷ, шакар, равғани пахта, картошка, пиёз ва дигар маҳсулоти хӯрокворӣ бо назардошти омилҳои дорои хусусияти мавсимӣ, таклифотӣ ва фишорҳои берунӣ вобаста ба авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19) ва дар ин замина маҳдуд шудани ҳамлу нақл тавассути сарҳади бархе аз давлатҳои шарикони савдо, кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии хӯрокворӣ ва дар натиҷа ба таҳлука афтидани мардум таъсир расониданд.

Дар натиҷа, сатҳи таварруми солона дар моҳи марти соли ҷорӣ аз ҳудуди нишондиҳандаи мақсаднок берун баромада, 9,3 фоизро ташкил дод ва дар моҳҳои апрел ва май бошад мувофиқан ба 10,6 фоиз ва 10,0 фоиз баробар гардид, ки нишондиҳандаҳои мазкур аз соли 2011 инҷониб баландтарин ба ҳисоб мераванд.

Аз моҳи май инҷониб сатҳи таваррум тамоюли коҳишёбӣ дошта, бинобар пешниҳод гардидани маҳсулоти нави соҳаи кишоварзӣ дар бозори дохилии кишвар дар моҳи июн бо нишондиҳандаи манфӣ ҷамъбаст гардида, -1,1 фоизро ташкил медиҳад. Вобаста ба ин, сатҳи таварруми солона дар моҳи июл ба доираи нишондиҳандаи мақсаднок баргашт.

Тамоюли мазкур ба нисбатан муътадил гардидани раванди истеҳсолот, зиёд шудани пешниҳоди маҳсулоти дохилии кишоварзӣ, мувозинатии талаботу пешниҳод дар бозори молу маҳсулот ва татбиқи сиёсати монетарии зиддитаваррумӣ вобаста мебошад.

1 ХБА, Дурнамои рушди иқтисодиёти ҷаҳон, моҳи октябри соли 2020.

2 Global Economic Prospects, June 2020

Тибқи "Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат" нишондиҳандаи мақсадноки сатҳи таваррум дар доираи 6,0 (+/-2 банди фоизӣ) фоиз муайян гардида буд. Дар асоси таҳлилу баҳодиҳиҳо пешбинӣ мегардад, ки дар ҷамъбасти соли 2020 сатҳи таваррум бо эҳтимолияти беҳтар гардидани вазъи иқтисодиёти ҷаҳон аз рӯи сенарияи оптимистӣ наздик ба ҳудуди болоии нишондиҳандаи мақсаднок ҷамъбаст гардад.

## II. ИҶРОИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ ДУРНАМОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2020

**Сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ.** Бонки миллии Тоҷикистон тайи солҳои охир ва дар давоми соли 2020 дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ҷиҳати таҳкими дараҷаи таъсирбахшии фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ, баланд бардоштани эътимоднокӣ ба он, идоракунии самарабахши сатҳи пардохтпазирӣ ва пешбурди сиёсати фоизӣ як қатор ислоҳотро барои гузариши ботадриҷ аз ҳадафи амалиётии пойгоҳи пулӣ ба меъёри фоизи кӯтоҳмуддат, ки яке аз шартҳои асосии реҷаи сифатан нави сиёсати пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррум маҳсуб меёбад, амалӣ намуда истодааст.

Меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги асосӣ барои анҷом додани амалиётҳои монетарӣ дар ибтидои соли ҳисоботӣ бо назардошти дурнамои вазъи иқтисодии берунию дохилӣ ва таъсири хавфҳои эҳтимолии дорои хусусияти берунӣ ва дохилӣ санаи 3 феврал 0,5 банди фоизӣ зиёд карда шуда, дар сатҳи 12,75 фоиз муқаррар гардид.

Ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани идоракунии сатҳи пардохтпазирӣ ва ҷоннок намудани амалиётҳои монетарӣ бо назардошти иваз намудани муҳлати амалиётҳои коғазҳои қиматнок аз 14 рӯза ба 7 рӯза (моҳи ноябри соли 2019), дар давоми соли ҷорӣ гузаронидани амалиётҳои фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон вусъат дода шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади зиёд намудани самаранокӣ ва коҳиш додани хавфҳои вобаста ба омилҳои инсонӣ, инчунин пурра фаъолият намудани Низоми автоматии савдо (НАС) аз рӯи амалиётҳои монетарӣ, вақти муайяншудаи дархост барои иштирок дар музоядаи коғазҳои қиматнок тағйир дода шуда, аз 1 соат (аз соати 10:00 то 11:00) то 10 дақиқа (аз соати 10:00 то 10:10) кӯтоҳ карда шуд.

Баҳри идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии бонкҳо, коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ ва қурбӣ, рушди низоми молиявӣ ва бозори аввалияи коғазҳои қиматнок, дар моҳҳои январ-сентябри соли ҷорӣ 87 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаҷми 10,4 млрд. сомонӣ баргузор гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 13,9 фоиз кам мебошад. Нисбатан коҳиш ёфтани ҳаҷми амалиёт бо коғазҳои қиматнок ба тағйир додани фоизҳои амалиётии амонатҳои шабонарӯзӣ[3] ва ба ин васила ҷолиб гардидани онҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобаста мебошад.

Дар ин раванд, Бонки миллии Тоҷикистон тибқи дархост барои ҷойгиркунӣ, гардиш, баҳисобгирӣ ва пардохти векселҳои давлатии хазинадорӣ мусоидат намуда, дар ин давра 8 музоядаи Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро баргузор намуд, ки ҳаҷми фурӯши онҳо маблағи 448,9 млн. сомониро ташкил дод (дар ҳамин давраи соли гузашта 8 музояда баргузор гардид, ки маблағи 379,1 млн. сомониро ташкил медод).

Бо мақсади ҳавасманд, содда ва шаффоф намудани амалиётҳои монетарӣ, ба Дастурамали №189 "Дар бораи коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон" тағйиру иловаҳо, аз ҷумла ҷиҳати ба роҳ мондани истифодаи Низоми автоматии савдо дар Бонки миллии Тоҷикистон, тағйир додани талаботҳо барои иштирок дар музояда, рақобатнокии иштирокчиёни музояда ва ғайра ворид карда шуданд.

**Ҳамзамон, дар ин давра аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон амонатҳои шабонарӯзи (овернайт)-и ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ҳаҷми 219,6 млрд. сомонӣ ҷалб гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,2 маротиба зиёд мебошад.**

Дар баробари ин, бо мақсади танзими ҳаҷми пул механизми муайян кардани дурнамои пардохтпазирӣ ва пешбурди мониторинги доимии он, ки тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ба роҳ монда шуда буд, дар давоми соли ҳисоботӣ дар ҳамкорӣ бо коршиносони ХБА такмил дода шуда, то инҷониб татбиқ гардида истодааст.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи зиёд гардидани таъсири манфии пандемияи коронавирус (COVID-19) ба иқтисодиёт, коҳиш ёфтани сатҳи даромаднокии аҳолӣ ва талаботи маҷмӯӣ, нисбатан паст шудани интизории таваррум, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии бахши хусусӣ як қатор тадбирҳои саривақтиро амалӣ намуд.

Аз ҷумла, ҷиҳати андешидани тадбирҳои саривақтӣ ва дастгирии пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар муқобили таъсири хавфҳои эҳтимолӣ аз пандемияи коронавирус (COVID-19), инчунин ҷиҳати коҳиш додани хароҷоти иловагӣ ва арзиши қарзҳо ба иқтисодиёт пешниҳодшаванда,

---

3 - Аз 03 июни соли 2019 бо қарори Кумитаи СПҚ БМТ (аз 31 майи соли 2019, №15) меъёри фоизи амонатҳои шабонарӯзӣ баробар ба меъёри бозтамвил тарҳи 2 б.ф. муқаррар карда шуд (пеш аз ин нишондиҳандаи мазкур ба меъёри бозтамвил тарҳи 5 банди фоизӣ баробар буд).

меъёри захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд аз 1 апрели соли 2020 муваққатан то 31 декабри соли 2020 бо пули миллӣ ба андозаи 2 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ 4 банди фоизӣ паст карда шуда, мувофиқан 1 фоиз ва 5 фоиз муқаррар карда шуд.

**Иқдоми мазкур имкониятҳои молиявии ташкилотҳои қарзии молиявиро дар давраи бӯҳрон беҳтар карда, маблағи 241,7 млн. сомонӣ пардохтпазирии иловагиро барои низоми бонкӣ пешниҳод намуд.**

Ҳамзамон, дар ин самт бо назардошти нисбатан муътадил гардидани интизориҳои таваррумӣ дар ҷаҳон ва дар дохили кишвар, инчунин ҷиҳати дастгирии бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ, меъёри бозтамвил дар ин давра 2,0 банди фоизӣ (маротибаи якум санаи 1 май ба андозаи 1,0 банди фоизӣ ва маротибаи дуюм 3 август иловатан ба андозаи 1,0 банди фоизӣ) паст карда шуда, дар сатҳи 10,75 фоизи солона муқаррар гардид.

Илова бар ин, бо мақсади таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи ҳисоботӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ҳаҷми 1,2 млн. сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуҳлат ҷудо карда шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 313,3 млн. сомонӣ камтар мебошад. Коҳишёбии талаботи маҷмӯӣ ва паст шудани суръати рушди иқтисодиёт дар натиҷаи таъсири манфии пандемияи коронавирус (COVID-19) ҳамчун омили асосӣ ба раванди пешниҳоди қарзҳои кӯтоҳмуддат барои таъмини пардохтпазирӣ таъсир расонид.

Бо мақсади таъмини гардиши пул вобаста ба талаботи иқтисодиёт, дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 4 859,3 млн. сомонӣ пули нақд ба муомилот бароварда шуда, маблағи 3 230,0 млн. сомонӣ аз муомилот гирифта шуд. Эмиссияи софи пули нақд бошад ба 1 629,3 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13,4 фоиз кам мебошад.

Ба интиҳои моҳи сентябри соли 2020 ҳаҷми пулҳои захиравӣ ҳамчун нишондиҳандаи амалиётӣ дар давраи гузариш ба ҳадафгирии таваррум 20,1 млрд. сомонӣ ва ҳаҷми пули нақд дар муомилот 17,6 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ мутаносибан 20,0 фоиз ва 16,6 фоиз зиёд мебошад.

Ҳиссаи пули нақди дар муомилотбуда ба санаи 30 сентябри соли ҷорӣ 87,6 фоизи ҳаҷми пулҳои захиравиро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда аз хусусияти ба таври нақдӣ фаъолият намудани иқтисодиёти кишвар шаҳодат медиҳад. Омили мазкур гувоҳи он аст, ки ҳиссаи зиёди ҳаҷми пул берун аз низоми бонкӣ дар гардишанд ва бештари аҳолӣ маблағҳои калони нақдиро дар хона нигоҳ медоранд, зеро дар кишвар аксари молҳои истеъмолӣ, амволи манқул ва ғайриманқул, масолеҳи сохтмонӣ, хизматрасониҳои маишӣ (аз ҷумла, ошхонаҳо ва дигар муассисаҳои хӯроки умумӣ, сартарошхонаҳо, таъмири асбобҳои рӯзгор, шустангоҳҳо, коргоҳҳои дӯзандагӣ ва ғ.) ва дигар молу маҳсулот танҳо бо пули нақд харидорӣ мешаванд.

Новобаста аз ин, тайи солҳои охир бинобар андешидани тадбирҳои махсус дар самти зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, инчунин дар давоми соли ҷорӣ вобаста ба таъсири пандемияи каронавирус (COVID-19) нисбатан коҳиш ёфтани талабот ба пули нақд, ҳолати мазкур беҳтар гардида истодааст. Аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ дар асоси технологияҳои муосир як қатор хизматрасониҳои пардохтӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ, аз қабили кортҳои пардохти бонкӣ, пардохтҳо тавассути QR-рамз ва маблағҳои электронӣ ҷорӣ шуда истодаанд.

Ба санаи 30 сентябри соли 2020 шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба муомилот бароварда шудаанд, мувофиқан зиёда аз 2,9 млн. ва 1,4 млн. ададро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 28,3 фоиз ва 5,8 маротиба афзоиш ёфтаанд. Тавассути ин воситаҳои электронии пардохтӣ аҳолӣ имконият пайдо намудааст, ки хариди молу хизматрасониҳоро дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ, инунин пардохти як қатор хизматрасониҳои пулакии давлатиро низ ба таври ғайринақдӣ анҷом диҳанд.

**Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи амалиётҳои ба таври ғайринақдӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ анҷомдодашуда 8,1 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,5 банди фоизӣ зиёд шудааст.** (Дар ҳамин давраи соли 2019 таносуби амалиётҳои гирифтани пули нақд ва пардохти ғайринақдӣ мутаносибан 93,5 ва 6,5 фоизро ташкил медод).

**Қурби пули миллӣ.** Дар нуҳ моҳи соли 2020 бинобар маҳдуд гардидани равобити марзӣ ва коҳиш ёфтани муомилоти тиҷоратӣ, болоравии нархи молу маҳсулотҳои воридотӣ, боқӣ мондани касри тавозуни савдо, кам шудани вуруди сармоягузориҳо ва интиқолҳои пулӣ, қурби расмии пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА 6,6 фоиз коҳиш ёфт.

Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати коҳиш додани фишорҳои қурбӣ, бартараф намудани таъсири хавфҳои асъории ҷойдошта, таъмини риояи меъёри фарқияти то 2 - фоизаи байни қурби расмӣ ва қурби фурӯши доллари нақди ИМА дар бозори ғайрибонкӣ, санаи 20 марти соли 2020 тасҳеҳи (коррексияи) якдафъаинаи қурби расмии пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА-ро ба андозаи то 5,0 фоиз амалӣ намуд.

Вобаста аз вазъияти баамаломада дар натиҷаи таъсири пандемияи коронавирус ва маҳдудияти захираҳои асъорӣ, дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ҷиҳати таъмин намудани талаботи иқтисодиёт бо асъори хориҷӣ

Бонки миллии Тоҷикистон тамоми чораҳои заруриро андешида, то як андоза онро қонеъ намуд.

Дар ин давра аз ҳисоби захираҳои байналмилалӣ ҷиҳати таъмини талаботи бозори байнибонкии асъор, маблағгузории уҳдадориҳои давлатӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ – 316,3 млн. доллари ИМА, аз ҷумла барои таъмини эҳтиёҷоти ниёзи аввалияи мардум ба ташкилотҳои қарзӣ 104,3 млн. доллари ИМА, инчунин барои хароҷотҳои давлатӣ, аз қабили маблағгузории уҳдадориҳои ташкилотҳои буҷетӣ – 7,3 млн. доллари ИМА, сохтмони иншоотҳои стратегӣ – 54,0 млн. долл. ИМА, пардохти қарзҳои берунӣ – 93,2 млн. доллари ИМА, сафоратхонаҳо, консулгариҳо ва дигар уҳдадориҳои Ҳукумат дар назди ташкилотҳои байналмилалӣ – 57,5 млн. доллари ИМА равона гардид.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ дар иқтисодиёти кишвар, коҳиш додани ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ, ривоҷу равнақ додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, бахри таъмини суботи молиявии кишвар ва амнияти низоми бонкӣ, фаъолияти Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо (ММПИМ)-ро роҳандозӣ намуд (декабри соли 2019).

Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти самараноки Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо амалӣ гардида, тамоми интиқолҳои фаромарзӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути он ба роҳ монда шуд. Фаъолияти Маркази мазкур диверсификатсияи бозори интиқоли маблағҳоро пурра таъмин намуда, хавфи вобастагӣ аз як низоми пардохтиро хориҷ намуд.

**Амалиётҳои интиқоли фаромарзӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ танҳо тавассути низомҳои пардохтие, ки ба ММПИМ пайвастанд, анҷом дода мешавад.** Айни замон, се низоми пардохтии байналмилалӣ - “Контакт”, “Юнистрим” ва “Вестерн Юнион”, ки ба ин Марказ пайвастанд, хизматрасонии амалиётҳои мазкурро тавассути ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар амалӣ менамоянд.

**Қарзҳо ва пасандозҳо.** Вобаста ба таъсири пандемияи каронавирус (COVID-19) дар давоми соли ҳисоботӣ имкониятҳои қарзбаргардонии муштариёни ташкилотҳои қарзии молиявӣ коста шуда, талаботи маҷмӯӣ коҳиш ёфт, ки дар натиҷа пешниҳоди қарз аз ҷониби низоми бонкӣ ба иқтисодиёт тамоюли камшавиро соҳиб гардид.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 6,6 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1,6 фоиз коҳиш ёфт.

Бояд қайд намуд, ки дар се моҳи аввали соли ҷорӣ ҳаҷми қарзҳои додашуда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 29,5 фоиз ё 577,1 млн. сомонӣ зиёд шуда бошад ҳам, дар семоҳаи дуюм бо сабаби авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19) ва ба ин васила паст гардидани талабот ба қарз, суръати афзоиши онҳо коҳиш ёфта, нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ 43,5 фоиз ё 1 101,3 млн. сомонӣ кам гардиданд. Дар семоҳаи сеюм бошад ҳаҷми қарзҳои додашуда нисбат ба семоҳаи дуюм 1,8 маротиба афзоиш дорад.

Ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда бошад дар ин давра 4,3 млрд. сомони (64,6 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда)-ро ташкил дода, коҳишёбии он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,7 фоизро ташкил медиҳад.

**Бақияи пасандозҳои низоми бонкӣ ба ҳолати 30 сентябри соли ҷорӣ 10,8 млрд. сомониро ташкил дода, бо пули миллӣ 21,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 10,0 фоиз афзоиш ёфт.** Дар маҷмӯъ ҳаҷми бақияи пасандозҳо нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 15,8 фоиз афзоиш ёфт (1 480,7 млн. сомонӣ), ки ин асосан дар натиҷаи зиёд шудани амонатҳои дархостӣ ва пасандозии муштариён аз ҳисоби интиқолҳои пулии воридшуда ба амал омад.

Дар таркиби бақияи умумӣ ҳиссаи пасандозҳо бо пули миллӣ 52,9 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 47,1 фоизро ташкил медиҳад (дар моҳҳои январ-сентябри соли 2019 мутаносибан 50,5 фоиз ва 49,5 фоиз буд), ки ин аз тадриҷан паст шудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт ва зиёд шудани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ шаҳодат медиҳад.

**Иқтидори таҳлилӣ ва тадқиқотӣ.** Яке аз шартҳои муҳимми гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум дуруст ба роҳ мондани иқтидори таҳлилӣ ва тадқиқотӣ маҳсуб меёбад, ки дар ин самт дар доираи ҳамкориҳои техникӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз ҷумла ХБА, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд моделҳои макроиқтисодии сохторӣ, модели макрофискалӣ ва дурнамои пардохтпазирӣ таҳия гардида, мавриди истифода қарор дода шуданд. Дар ҳамкорӣ бо коршиносони ин ташкилотҳо вобаста ба раванд ва тағйирёбии сохтори иқтисодиёт моделҳои мазкур мунтазам такмил дода мешаванд (аз ҷумла, азнавкунии маълумотҳои оморӣи бахши иқтисодиёти хориҷӣ, муайян кардани камбудиҳо дар рафти таҳияи дурнамо, рафъи камбудиҳои ҷойдошта тариқи гуфтушунидҳои фосилавӣ).

Тибқи таҷрибаи бонкҳои марказии кишварҳои рушдёфта, истифодаи омили интизории таваррум ҳамчун воситаи муҳимми пешбурди реҷаи ҳадафгирии таваррум арзёбӣ мегардад. Вобаста ба ин, дар соли 2020 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бори аввал мустақилона ҷиҳати муайян намудани интизории таваррум дар байни аҳолӣ назарсанҷӣ гузаронида шуд, ки иқдоми мазкур аз ҷониби аҳолӣ хуш пазируфта шуд.

Назарсанҷӣ дар асоси пурсишнома бо фарзияҳои гуногун ва бо усули коршиносони байналмилалӣ гузаронида шуда, зиёда аз 1 500 мусоҳибонро аз тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ фаро гирифт.

Мақсад аз гузаронидани пурсиши мазкур баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ба роҳ мондани равобит бо аҳли ҷомеа, боло бурдани маърифати иқтисодӣ-молиявии аҳолӣ, дастрас намудани маълумот оид ба интизории аҳолӣ нисбат ба тағйирёбии сатҳи нархҳо дар кишвар ва дархосту пешниҳоди онҳо ба ҳисоб меравад.

Тибқи тадқиқотҳо (дар семоҳаи сеюм) интизории аҳолӣ оид ба тағйирёбии сатҳи умумии нархҳо дар 12 моҳи охир нисбат ба нархҳои воқеӣ дар ҳолати начандон баланд ва дар доираи ҳадафи пешбинишуда қарор дорад.

Бо мақсади таҳкими раванди таҳлилу тадқиқотҳо ҷиҳати баҳодиҳӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои асосӣ, тайи солҳои охир вобаста ба рушди муносибатҳои тиҷоратӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва мунтазам афзудани саҳми он дар гардиши савдои кишвар (8 фоиз), тартиби ҳисоб намудани намояи қурби самараноки воқеии сомонӣ такмил дода шуд, ки омили мазкур бевосита барои муайян намудани самаранокии фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва рақобатнокии истеҳсолкунандагони ватанӣ мусоидат менамояд.

**Сиёсати коммуникатсионӣ.** Баҳри татбиқи сиёсати коммуникатсионӣ дар самти сиёсати пулию қарзӣ дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини шаффофият маълумот оид ба мақсаду вазифаҳо ва фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ, шарҳи мухтасари қарори ҷаласаҳои Кумитаи сиёсати пулию қарзӣ, стратегияҳои амалкунанда ва дурнамои сиёсати пулию қарзӣ барои солҳои гуногун интишороти даврӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳамзамон, дар ин давра тавассути воситаҳои ахбори умум пайваста ба таваҷҷуҳи омма расонидани ахбор оид ба сиёсати пулию қарзӣ, густариши ислоҳотҳои институтсионалӣ, вусъатдиҳии бозори пулӣ ва баррасии дигар масъалаҳо ба роҳ монда шуд.

## III. НИШОНДИҲАНДАИ МАҚСАДНОК ВА ТАТБИҚИ МЕХАНИЗМУ ВОСИТАҲОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ДАР СОЛИ 2021 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат ҷиҳати ноил шудан ба мақсади асосии худ, ки нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат мебошад, дар доираи ваколатҳои худ тавассути истифодаи механизму фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ таъсири омилҳои монетариро ба сатҳи нархҳо пешгирӣ менамояд.

Дар соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат (солҳои 2022 ва 2023) ҳадафи таваррум дар доираи 6,0 фоиз (±2 банди фоизӣ) пешбинӣ карда мешавад.

Ҳадафи мазкур тибқи Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 ва

**Сатҳи таваррууми солона ва ҳадафи он дар давраи миёнамуҳлат**




2019 вобаста ба раванди рушди иқтисодиёти кишвар аз 7,0 фоиз то ба 6,0 фоиз барои соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат паст карда шуд.

Ба раванди болоравии сатҳи нархҳо дар давраи миёнамуҳлат омилҳои мухталиф, ба монанди омилҳои фундаменталию сохторӣ, омилҳои берунии болозикр вобаста ба эҳтимолияти идома ёфтани вазъи ноустувори иқтисодӣ-молиявӣ дар ҷаҳон ва таъсири пандемияи коронавирус (COVID-19), омилҳои мавсимӣ ва маъмурӣ (тағйироти нархҳои хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ), ки маъмулан берун аз доираи таъсири сиёсати пулию қарзӣ мебошанд, метавонанд таъсир расонанд.

Дар пешбурди сиёсати пешбинишаванда (looking forward policy) сатҳи таваррум дар асоси таҳлилу тадқиқотҳои эмпирикӣ аз рӯи моделҳои макроиқтисодӣ баҳодиҳӣ ва ояндабинӣ шуда, натиҷаи он ба Кумитаи сиёсати пулию қарзӣ барои қабули қарорҳои дахлдор пешниҳод мегардад. Нақшаи баргузории ҷаласаҳои Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон барои соли 2021 замима мегардад (Замимаи 1).

Сиёсати пешбинишавандаи пулию қарзӣ барои зиёд намудани эътимоди аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодӣ ба фаъолияти босамари Бонки миллии Тоҷикистон мусоидат намуда, ба рафтори минбаъдаи истеъмолкунандагону пасандозгузорон ва қабул намудани қарорҳои марбутаи сармоягузорон таъсири мусбат мерасонад.

Дурнамои сатҳи таваррум дар асоси таҳлили сенарияҳои тағйирёбии эҳтимолии вазъи иқтисоди дохилию берунӣ, таъсири омилҳои мавсимӣ, маъмурӣ ва интизориҳо пайваста ҳар семоҳа баҳогузорӣ карда шуда, метавонад тағйир ёбад.

**Бо назардошти таъсири хавфҳои эҳтимолии ҷойдошта дурнамои сатҳи таваррум барои соли 2021 аз рӯи сенарияҳои оптимистӣ ва базавӣ дар доираи аз 7,5 - 8,0 фоиз пешбинӣ мегардад.**

Дар баробари ин, тибқи тадқиқотҳо аз рӯи натиҷаи назарсанҷии дар семоҳаи сеюм гузарони-

дашуда, интизории аҳолӣ оид ба тағйирёбии сатҳи умумии нархҳо дар 12 моҳи оянда дар доираи ҳадафи мақсаднок баҳодиҳӣ карда шудааст.

Баҳри баланд бардоштани маърифати молиявӣ-иқтисодии аҳолии кишвар ва истифодаи босамари интизории онҳо дар раванди таҳлилҳои эмпирикӣ ҷиҳати баҳодиҳӣ ва дурнамои сатҳи таваррум, дар давоми соли 2021 гузаронидани назарсанҷӣ дар байни аҳолӣ вобаста ба интизории таваррум идома дода мешавад.

Бо вуҷуди дар раванди гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум қарор доштан, дар соли 2021 дар баробари меъёри бозтамвил истифодаи пулҳои захиравӣ ҳамчун нишондиҳандаи амалиётӣ дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ баҳри кам намудани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи нархҳо идома дода мешавад.

**Меъёри бозтамвили воқеӣ бошад дар соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат бо дарназардошти интизориҳои таваррумӣ дар сатҳи мусбат нигоҳ дошта мешавад.**

Бонки миллии Тоҷикистон меъёри фоизиро аз рӯи фишангҳои доимоамалкунандаи сиёсати пулию қарзӣ - амонати шабонарӯзӣ ва қарзи шабонарӯзӣ дар ҳудуди муайяншуда дар атрофи меъёри бозтамвил ҳамчун меъёри фоизи калидӣ муайян мекунад. Барои ҳудуди поёнии меъёри фоизӣ фишанги “амонати шабонарӯзӣ” ва барои ҳудуди болоии меъёри фоизӣ фишанги “қарзи шабонарӯзӣ” амал менамояд. Тафовути ҳудуди муайяншуда тавре муқаррар гардидааст, ки барои идоракунии меъёрҳои фоизии бозори байнибонкӣ мусоидат менамояд.

Дар соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат сиёсати қурбӣ ба реҷаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” асос ёфта, қурби расмии сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дар асоси талабот ва пешниҳод дар бозори дохилии асъор муқаррар карда мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон тибқи реҷаи мазкур танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ метавонад ба бозори дохилии асъор дахолат намояд.

**Бо мақсади таъмини фаъолияти муътадили бозори дохилии асъор ва маҳдуд сохтани лаппишҳои аз эътидол беруни қурби пули миллӣ, тафовути байни қурби расмӣ ва қурби бозории доллари ИМА дар ҳудуди то 2 фоиз нигоҳ дошта мешавад.**

Дар самти такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба сиёсати пулию қарзӣ дар соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат, мутобиқ гардонидани заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба реҷаи нави - ҳадафгирии таваррум бо назардошти таъмини шаффофият ва мутобиқат намудан ба стандартҳои байналмилалӣ дар назар дошта мешавад. Ҳамзамон, таҳияи ҳуҷҷатҳои нави методологӣ оид ба механизми пешбурди дурнамои пардохтпазирӣ ва тартиби таҳияи ҳисоботҳо оид ба омори пулию қарзӣ дар давоми соли оянда анҷом дода мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум, таъмини устувории пардохтпазирии кӯтоҳмуддати низоми бонкӣ, муътадилии қурби пули миллӣ, рушди боэътидоли ҳаҷми пул ва нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат вазифаҳои зеринро пайгирӣ менамояд:

- афзун намудани таъсирбахшии механизми трансмиссионии меъёри фоизӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид дар бозори байнибонкӣ;
- идоракунии самараноки пардохтпазирии кӯтоҳмуддати низоми бонкӣ;
- такмили моделҳои эмпирикӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ барои таҳкими раванди таҳлилу тадқиқот ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои асосӣ;
- нигоҳ доштани сатҳи мақбули захираҳои байналмилалӣ барои таъмини хизматрасонии уҳдадориҳои давлат ва муътадилии бозори дохилии асъор;
- таҷдид ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои гузариш ба ҳадафгирии таваррум;
- таъмини ҳамоҳангӣ дар татбиқи сиёсати монетарию фискалӣ;
- таъмини шаффофият ва таҳкими канали коммуникатсионии сиёсати пулию қарзӣ;
- тақвияти эътимоди аҳолӣ ба татбиқи сиёсати пулию қарзии БМТ ҷиҳати муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум;
- таъмини ҳамоҳангӣ дар татбиқи сиёсати монетарӣ ва макропруденсиалӣ;
- вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҷиҳати коҳиш додани ҳиссаи пули нақд дар муомилот.

## ЗАМИМАИ 1.
## НАҚШАИ БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАҲОИ КУМИТАИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2021

Дар соли 2021 тибқи нақшаи тасдиқшудаи ҷаласаи Кумитаи сиёсати пулию қарзӣ аз 29 октябри соли 2020, ҷаласаҳои Кумита барои муайян намудани меъёри бозтамвил 4 маротиба (бе назардошти ҷаласаҳои ғайринақшавӣ) гузаронида мешаванд:

5 феврал
27 апрел
27 июл
22 октябр

Қарорҳои дар Кумита қабулгардида дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон то соати 17:00 (рӯзи баргузории ҷаласа) нашр карда мешаванд.

Қарорҳои қабулгардида ба натиҷаҳои дурнамои нишондиҳандаҳои асосӣ, ки дар доираи таҳлилҳои эмпирикӣ муайян гардидаанд, асос меёбанд.

# Танзими ҳуқуқии қарзи истеъмолӣ ба таҷдиду такмил ниёз дорад



Қарзи истеъмолӣ – яке аз падидаҳои нави иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ба шумор рафта, имрӯз ба таври васеъ истифода мегардад ва тахти мафҳуми мазкур, аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба шахсони воқеӣ пешниҳод намудани маблағҳои пулӣ барои харидории молҳо (кор, хизматрасониҳо), ки ба қонеъ гардонидани талаботи шахсии онҳо равона шудаанд, фаҳмида мешавад.

Айни замон, яке аз навъҳои қарзи истеъмолӣ, ки вазифаи пешниҳоди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо)-ро ба шахсони воқеӣ аз тарафи марказҳои савдою хизматрасонӣ бо миёнаравии ташкилотҳои қарзии молиявӣ иҷро менамояд, рушд карда истодааст.

Барои мисол, ҳаҷми умумии қарзҳои дар солҳои 2010 ва 2020 пешниҳодшударо мегирем, агар дар соли 2010 фоизи (ҳиссаи) қарзҳои истеъмолӣ 6,8% -ро ташкил дода бошад, дар шаш моҳи аввали соли 2020 ин рақам ба 27,7% баробар шуд, ки ин чор маротиба зиёд мебошад.

Яке аз омилҳои асосие, ки ба зиёдшавии ҳаҷми қарзҳои истеъмолӣ дар Тоҷикистон мусоидат менамояд – андозаи даромади миёнаи моҳонаи аҳолии ҷумҳурӣ ба шумор меравад, ки на дар ҳама мавридҳо имконияти ба таври нақдӣ ва якдафъаина пардохт намудани арзиши молҳо (кор, хизматрасониҳо)-ро медиҳад. Омили дигари он, сол то сол паст гардидани фоизнокии (даромаднокии) қарзи мазкур мебошад. Бо назардошти имкониятҳои мусоид ва муфиде, ки чунин шакли қарздиҳӣ фароҳам оварда метавонад, пешгӯӣ намудани инкишофи минбаъдаи он низ имконпазир мебошад.

Фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, бахусус дар самти пешниҳоди қарзҳои истеъмолӣ, ки қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёти ҳама гуна давлати иҷтимоӣ мебошад, танзими ҳуқуқии дахлдорро талаб менамояд. Имрӯз қарзи истеъмолӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин ба танзим даровarda мешавад: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз (кредит)”, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷумла Дастурамали 186 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ», Дастурамали № 199 “Дар бораи тартиби додани қарзи хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд”, Дастурамали №176 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ”, Дастурамали №197 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд”, Дастурамали №198 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти фондҳои қарзии хурд», Дастурамали №238 «Дар бораи

> Фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳангоми пешниҳоди қарз ба принсипҳои музднокӣ, мӯҳлатнокӣ ва бозгардонӣ асос меёбад. Ғайр аз ин, тавре дар боло қайд намуда будем, ҳангоми пешниҳоди қарзи истеъмолӣ як принсипи дигар низ ба асос гирифта мешавад –истифодаи мақсадноки маблағҳои пулӣ.

тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ», Дастурамали №241 "Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ".

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади поягузору бунёдии давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, озодии фаъолияти иқтисодӣ ва гуногуншаклии моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро эътироф намуда, барои ташаккули иқтисоди бозоргонӣ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус фаъолияти бонкӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Чунончӣ, тибқи моддаи 12 Конститутсия давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Конститутсия ҳамчунин ҳуқуқи ҳар шахсро ба моликият мустаҳкам намуда, ҳифзи судии онро кафолат медиҳад. Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ бояд ба он мутобиқ бошанд. Аз ин лиҳоз, тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба танзими қарзи истеъмолӣ бахшида шудаанд, бояд ба принсипҳои умумии мустаҳкамнамудаи Конститутсия мухолифат накунанд.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии кодификатсионӣ, вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ (аз ҷумла аҳдҳо вобаста ба пешниҳоди қарз), асосҳои ба миён омадан ва тартиби татбиқи ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашёӣ, ӯҳдадориҳои шартномавӣ ва ӯҳдадориҳои дигар, инчунин муносибатҳои дигари молумулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии марбут ба онҳоро, ки ба баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молу мулкии иштирокчиёнашон асос ёфтааст, танзим менамояд. Кодекси гражданӣ мафҳум, мақсад, мазмун ва тартиби бастани аҳдҳо (шартномаҳо)-ро муқаррар менамояд, ки нисбати ҳама гуна шартномаҳои гражданӣ, аз ҷумла шартномаи қарзи истеъмолӣ паҳн мегарданд. Дар қисми дуюми Кодекси гражданӣ боби алоҳида (боби 40) ба танзими масоили қарз ва кредит бахшида шудааст, ки дар он муқаррароти умумӣ нисбати шартномаи қарзу кредит пешбинӣ гардидааст. Қобили зикр аст, ки меъёрҳои Кодекси гражданӣ хусусияти умумӣ дошта, онҳо дар сурате нисбати шартномаи қарзи истеъмолӣ татбиқ мешаванд, ки агар дар қонунгузории махсус, яъне қонунгузории бонкӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Ҳангоми бастани шартномаи қарзи истеъмолӣ бояд талаботи қисми умумии Кодекси мазкур вобаста ба аҳдҳо ва шартномаҳо ба инобат гирифта шавад.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" ва "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" асосҳои ҳуқуқию ташкилии фаъолияти бонкиро муайян намуда, дар баробари дигар масъалаҳои ташкилу фаъолияти бонкӣ/бонкии исломӣ, номгӯи амалиёти бонкӣ/бонкии исломӣ ва аҳдҳоеро, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар асоси иҷозатномаи Бонки миллӣ анҷом дода метавонанд, танзиму муқаррар менамоянд. Ба сифати яке аз амалиётҳои бонкӣ/бонкии исломӣ дар қонунҳои мазкур додани қарзҳо/маблағгузории исломӣ, аз ҷумла қарзи истеъмолӣ пешбинӣ шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таърихи қарз (кредит)" механизми ташаккулдиҳӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва ошкоркунии иттилоот оид ба таърихи қарзро танзим намуда, ӯҳдадории бонкҳо, ташкилотҳои маблағгузории хурд, ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ (ба ғайр аз ломбардҳо) ва ширкатҳои лизингӣ (иҷоравӣ) оид ба пешниҳоди иттилооти дар ҳамин Қонун муқарраршударо ба Бюрои таърихи қарз мустаҳкам мекунад.

> Ташкилотҳои қарзии молиявӣ метавонанд қарзҳои истеъмолиро бо таъминот (гарав) ва ё бидуни он пешниҳод кунанд. Дар сурати таҳти таъминот пешниҳод кардани қарз. . .

Дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ", "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд", «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти фондҳои қарзии хурд» ва «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ» меъёрҳои мақбул ва тартиби ҳисоби онҳоро аз тарафи бонкҳо/бонкҳои исломӣ ва ташкилотҳои амонатии

қарзии хурд/ ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ, тартиби ташаккули сармоя ва фаъолияти фонд ва ташкилотҳои қарзии хурдро танзим менамоянд, ки бевосита ба фаъолияти қарздиҳии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дахл дорад.

Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бевосита ба танзими масъалаҳо вобаста ба пешниҳоди қарз бахшида шудаанд - Дастурамали 186 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ» ва Дастурамали № 199 “Дар бораи тартиби додани қарзи хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд” мансуб мебошанд. Дар бораи тартиби ҳисоб ва пешниҳоди қарзи исломӣ айни замон санади меъёрии ҳуқуқии алоҳида мавҷуд нест.

Қобили қайд аст, ки дар баъзе давлатҳо қарзи истеъмолӣ бо санади меъёрии ҳуқуқии алоҳида танзим шудааст. Масалан, дар Федератсияи Россия тамоми масъалаҳои вобаста ба тартиб ва қоидаҳои пешниҳоди қарзи истеъмолӣ бо Қонуни федеролӣ “Дар бораи кредити (қарзи) истеъмолӣ” аз 21.12.с.2013, №353-ФЗ танзим гардидаанд.

**Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои умумии пешниҳоди қарзро мустаҳкам карда, танзими дигар масъалаҳоро ба ихтиёри тарафҳои шартномаи қарзи истеъмолӣ мегузорад.** Вале бо назардошти мушкилиҳо ва нофаҳмиҳои дар амалия ҷойдошта, мо зарурати қабули санади меъёрии ҳуқуқии алоҳида оид ба қарзи истеъмолиро инкор карда наметавонем.

Қарзи истеъмолӣ аз дигар намудҳои қарз бо ду хусусият фарқ мекунад: якум, бо доираи маҳдуди иштирокчиёни уҳдадорӣ – аз тарафи қарзгир - танҳо шахсони воқеӣ баромад мекунанд, дуюм, истифодаи мақсадноки маблағҳои пулӣ – маблағҳои дар доираи шартномаи қарзи истеъмолӣ пешниҳодшаванда танҳо барои ба даст овардани молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, маишӣ ва дигар намудҳои эҳтиёҷот, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода бурда мешаванд.

Вобаста ба ҳайати иштирокчиёни уҳдадорӣ қайд кардан зарур аст, ки ба чунин сифат мутобиқи қонунгузории граждани ва бонкӣ/бонкии исломӣ аз тарафи қарздеҳ - ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ (минбаъд – ташкилотҳои қарзии молиявӣ) баромад мекунанд, ки дар асоси иҷозатномаи ба онҳо додашуда, ҳуқуқи анҷом додани амалиётҳои алоҳидаи бонкӣ, аз ҷумла додани қарзро доранд.

**Шартномаи қарзи истеъмолӣ, ки аз тарафи ашхоси ғайр баста шудааст, мутобиқи моддаи 193 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аҳди хилофи қонун эътибор надорад.** Дар робита ба ин, соҳибкорон (марказҳои савдою хизматрасонӣ) ҳуқуқ надоранд молҳо (корҳо, хизматрасониҳо)-ро ҳамчун кредит бидуни миёнаравии ташкилоти қарзии молиявӣ пешниҳод намоянд.

Дар шартномаи қарзи истеъмолӣ ба сифати қарзгир - танҳо шахсони воқеӣ баромад карда метавонанд. Аммо қайд кардан зарур аст, ки шартномаи қарзи истеъмолӣ шартномаи оммавӣ намебошад ва ташкилоти қарзии молиявӣ ҳуқуқ дорад аз бастани чунин шартнома бо қарзгир худдорӣ намояд, агар ғайриимкон будани аз тарафи ӯ иҷро гардидани шартҳои шартнома муқаррар карда шавад. Дар робита ба ин, хулоса баровардан мумкин аст, ки ба сифати қарзгирон шахсони воқеии қобили амал ва болиғ баромад карда метавонанд. Шахсони дигар, аз ҷумла ноболиғон (ба истисноӣ ҳолатҳои муқаррарнамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон), шахсони ғайри қобили амал ва дорои қобилияти маҳдуди амал – тарафи шартномаи қарзи истеъмолӣ буда наметавонанд.

Тибқи талаботи Дастурамали 186 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ», Дастурамали № 199 “Дар бораи тартиби додани қарзи хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва Дастурамали №241 “Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ” ташкилотҳои қарзии молиявӣ қабл аз пешниҳоди қарз/маблағгузории исломӣ ба муштарӣ (то ба имзо расонидани шартномаи қарзӣ), бояд ба таври хаттӣ маълумот дар бораи қарзҳои додашаванда, шартҳои қарз, шартҳои пардохт (мӯҳлатҳои воқеии пардохти қарзи асосӣ ва фоиз/даромад), арзиши умумии қарз, намудҳои таъминоти қабулшаванда ва дигар маълумоти заруриро вобаста ба хусусияти қарзи додашаванда, пешниҳод намоянд.

Номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои пешниҳоди қарзи истеъмолӣ бо санадҳои меъёрии дохилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ муқаррар карда мешавад, вале тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллӣ, дар чунин санадҳо бояд ҳадди ақал пешниҳоди

ҳуҷҷатҳои зерин пешбинӣ карда шаванд: ариза барои гирифтани қарз; нусхаи шиноснома; нусхаи шиносномаи зомин, ҳангоми истифодаи замонат; нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи рақами мушаххаси андозсупоранда.

**Фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳангоми пешниҳоди қарз ба принсипҳои музднокӣ, муҳлатнокӣ ва бозгардонӣ асос меёбад.** Ғайр аз ин, тавре дар боло қайд намуда будем, ҳангоми пешниҳоди қарзи истеъмолӣ як принсипи дигар низ ба асос гирифта мешавад –истифодаи мақсадноки маблағҳои пулӣ.

Ба сифати асоси ҳуқуқии пешниҳоди қарзи мақсаднок - Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад. Тибқи қисми 2 моддаи 834 Кодекси мазкур, агар шартномаи қарз бо шарти аз ҷониби қарзгиранда барои мақсадҳои муайян (қарзи мақсаднок) истифода бурдани маблағҳои гирифташуда баста шуда бошад, қарзгиранда вазифадор аст ба қарздиҳанда имконияти назорати тибқи мақсад истифода гардидани маблағи қарзро фароҳам орад.

Ҳамин тавр, тахти принсипи истифодаи мақсадноки маблағҳои пулӣ ҳуқуқ ва ухдадориҳои зерини тарафҳо фаҳмида мешавад:

- ухдадории қарзгир оид ба риояи таъиноти мақсадноки қарзи истеъмолӣ;
- ухдадории қарзгир доир ба таъмин намудани имконияти кредитор барои амалӣ намудани назорат аз болои истифодаи мақсадноки қарзи истеъмолӣ;
- ҳуқуқи ташкилоти қарзии молиявӣ оид ба гирифтани маълумот аз қарзгир, инчунин амалӣ намудани назорат аз болои истифодабарии маблағҳои пешниҳодшуда.

Ҳангоми вайронкунии муқаррароти шартномаи қарзи истеъмолӣ вобаста ба мақсаднокӣ, меъёрҳо оид ба истифодаи мақсадноки маблағҳои пулӣ, ки дар моддаи 834 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд ва оқибатҳои номусоидро барои қарзгир пешбинӣ менамоянд, татбиқ карда мешаванд. Мутобиқи қисми 3 моддаи ишорашудаи Кодекси мазкур, дар сурати аз ҷониби қарзгиранда иҷро накардани шарти шартнома оид ба истифодаи мақсадноки маблағи қарз, қарздиҳанда ҳуқуқ дорад аз қарзгиранда пеш аз мӯҳлат пардохтани қарзро талаб намояд.

Ташкилотҳои қарзии молиявӣ метавонанд қарзҳои истеъмолиро бо таъминот (гарав) ва ё бидуни он пешниҳод кунанд. Дар сурати тахти таъминот пешниҳод кардани қарз ташкилоти қарзии молиявӣ бояд ҳаракатҳои зеринро анҷом диҳад:

1) мансубияти молу мулки ба гаравгузошташавандаро санҷад ва дар сурати ба гарав гузоштани молу мулки якҷоя, розигии хаттии ҳамаи соҳибмулконро талаб менамояд;
2) аз рӯи дигар ухдадориҳои қарзгир тахти гарав қарор доштани молу мулки ба гаравгузошташаванда бо истифода аз феҳристи ухдадориҳои таъминшуда ва дигар маълумоти дастрас муайян намояд;
3) дар ҳолати шубҳанок будани арзиши молу мулки ба гаравгузошташаванда, ки дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи он нишон дода шудааст, пешакӣ онро мустақилона баҳо диҳад ё дар мувофиқа бо қарзгир-гаравдеҳ тавассути даъвати нархгузори мустақил арзиши ҳақиқии молу мулкро муқаррар кунад.

Дар амалия маъмулан қарзҳои истеъмолӣ бидуни таъминот ва ҳатто баъзан бидуни замонат пешниҳод мегарданд, ки ин хавфи иҷро нагардидани ухдадориро аз тарафи қарзгир зиёд менамояд. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳангоми пешниҳоди қарзи истеъмолӣ бештар ба маълумотномаи даромади қарзгир такя менамоянд. Вале маълумотномаи ҳангоми додани қарз пешниҳодгардида, дар давоми иҷрои ухдадорӣ (бинобар сабаби маҳрум шудан ва ё тағйир ёфтани ҷои кор) тағйир ёфта метавонад. Аз ин лиҳоз, беҳтар хоҳад буд, агар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳадди аққал аз чунин шакли соддатари таъмини иҷрои ухдадорӣ, аз қабили замонат истифода баранд.

Ниҳоят бо такя ба гуфтаҳои боло, қайд кардан зарур аст, ки айни замон бо назардошти пайдоиши шаклу навъҳои нави пешниҳоди ин намуди қарз ва паёмадҳои хавфҳои он, танзими ҳуқуқии қарзи истеъмолӣ дар ҷумҳурӣ ба таҷдиду такмилдиҳӣ ниёз дорад. Дар робита ба ин, омӯхтани таҷриба ва қонунгузории давлатҳои пешрафтаи хориҷӣ ва ба инобат гирифтани онҳо ҳангоми такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қарзи истеъмолӣ, ба танзими дахлдори ҳуқуқии чунин шакли қарздиҳӣ мусоидат хоҳад кард.

***Абдураҳмон Сангов,***
***мутахассиси пешбари***
***Шуъбаи ҳуқуқи БМТ.***


3:37
Финансовая грамотн...
Подписчиков: 79
Сегодня
Финансовая грамотность
Отдел финансовой грамотности Управления защиты прав потребителей финансовых услуг Национального Банка Таджикистана приветствует Вас и предлагает воспользоваться чат-ботом "Финансовая грамотность".
Добро пожаловать!
10:54
Банковские продукты
10:55
Финансовая грамотность
Кредиты
Подробнее
Ссылки
Подробнее
Напишите сообщение...

# БМТ вайбер чат-боти «Саводнокии молиявӣ»–ро роҳандозӣ намуд




Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ дар яке аз мессенҷерҳои машҳуртарини ҷаҳонӣ Viber ёрдамчии виртуалӣ, яъне чат-ботро бо номи “Саводнокии молиявӣ” таъсис дод ва он чандест фаъол мебошад.

Чат-бот ин мусоҳиби виртуалӣ буда, метавонад ба суолҳои шахс посухҳои мушаххас дода, муошират намояд ва дархостҳои мухталифро оид ба пешниҳоди маълумот иҷро кунад. Қайд кардан бамаврид аст, ки кор бо Viber chat-bot нисбат ба истифодаи барномаҳои анъанавӣ соддаву осон буда, вақти одамонро сарфа менамояд, барои боркашӣ, насб кардан имкони хуб фароҳам оварда, дар хотираи смартфон ҷойи зиёдро талаб намекунад. Барои иҷро кардани амалиёт дар ягон барнома, аксар вақт чанд тугмачаҳоро пахш кардан зарур меояд, дар мессенҷер бошад, як паём кофӣ аст. Ҳамаи он чизҳоеро, ки ба шумо лозим аст, аз як манбаъ дастрас кардан имконпазир мебошад.

Илова бар ин, бо истифода аз чат-бот муштариён метавонанд саводнокии молиявии худро баланд бардошта, маълумот дар бораи маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ, қурби асъори БМТ, рӯйхати ташкилотҳои қарзии Тоҷикистонро пайдо карда, аз ҳисобкунаки қарзӣ ё амонатӣ ва телефони боварии Бонки миллии Тоҷикистон низ истифода баранд.

Барои анҷом додани ин амалиётҳо ба истифодабарандагон зарур аст, ки замимаи Viber-ро дар смартфон ё планшет насб намуда, ба суроғаи электронии зерин гузаранд: **http://ln.ddns.me/ln.php?u=fingramtj**, ҳамчунин ин амалиёт тавассути сканкунии QR-и махсус имконпазир мебошад.

Дар баробари ин, мутахассисони Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон, ки чат-боти зеринро таҳия кардаанд, боварӣ доранд, ки чат-боти саводнокии молиявӣ ба аҳолӣ дар тақвият бахшидани саводи молиявӣ, инчунин барои идора ва истифодаи маблағҳои муштариён кумак мерасонад. Ин як саҳми хурде хоҳад буд барои онҳое, ки мустақилона мехоҳанд фоида ё зарарро дар ҳисоб кардани фоизи амонат ё қарз муайян намоянд. Дар ниҳояти кор ёвари виртуалӣ барои баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ мусоидат менамояд, ҳамчунин сифати хизматрасонии молиявиро беҳтар мекунад, имкон медиҳад қобилияти шаҳрвандон васеъ гардад ва аз хизматрасониҳои молиявӣ самаранoктар истифода баранд. Ин навгоние, ки аз ҷониби мутахассисони идораи номбурдаи БМТ ба роҳ монда шудааст, осебпазириро ба бухрони молиявӣ коҳиш дода, тадриҷан ба кам шудани хавфи қарзҳои барзиёди шаҳрвандон аз рӯйи қарзҳои истеъмолӣ, коҳиш ёфтани хавфҳо ва ҳодисаҳои қаллобӣ аз ҷониби баъзе иштирокчиёни беинсофи бозор оварда мерасонад ва омили муҳими ҳимояи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ба шумор меравад.

Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки дар замони иқтисоди рақамӣ, рушди технология ва пешравии доимӣ моро зарур аст ба стандартҳои нав мувофиқат кунем: усулҳои инноватсионии тиҷоратро роҳандозӣ намуда, моделҳои анъанавиро тақвият бахшем. Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки Вайбер чат-боти «Саводнокии молиявӣ» як қадам ба пеш аст!

Мутахассисони Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии БМТ дар баробари ба истеъмолкунандагони маҳсулоту хизматрасониҳои молиявӣ пешниҳод намудани ин шабакаи алоқа, тасмим гирифтаанд, ки дарояндаи наздик ба онҳо инчунин маслиҳатҳои муфид, идеяҳои самаровар барои тиҷорат ва иқдомҳои ҷолиброо пешкаш намоянд.

*Раҷабов Нозимҷон,*
*Мушовири Шӯъбаи саводнокии молиявии Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии БМТ.*

# НБТ запустил вайбер чат-бот «Финансовая грамотность»




Управление защиты прав потребителей финансовых услуг НБТ запускает виртуального помощника - чат бота для населения под названием «Финансовая грамотность» на платформе популярного мессенджера Viber.

Чат-бот, по сути, это виртуальный собеседник, который общается с человеком на его языке и выполняет различные просьбы. Для пользователей это удобнее, чем использование обычных приложений. Viber chat-bot экономит наше время, не требуют трафика для скачивания и установки, не занимает места в памяти смартфона. Для того, чтобы совершить операцию в каком-либо приложении, часто надо сделать десяток кликов, в то время как в мессенджере — достаточно одного сообщения. Все необходимое можно получить из одного источника.

С помощью чат-бота «Финансовая грамотность» пользователи могут получить информацию о банковских продуктах и услугах, узнать курс обмена валюты, получить данные о кредитных организациях Таджикистана, воспользоваться кредитным или депозитным калькулятором и телефоном доверия Национального Банка Таджикистана.

Для совершения всех этих операций, пользователям необходимо установить на своём смартфоне или планшете приложение Viber (один из самых популярных мессенджеров в Таджикистане) и перейти на страницу чат-бота по адресу: **http://ln.ddns.me/ln.php?u=fingramtj**, а также отсканировав специальный QR-код.

Финансовый аспект затрагивает практически все сферы жизнедеятельности современного человека. Финансовая грамотность даёт возможность управлять своим финансовым благополучием. Отсутствие элементарных финансовых знаний и навыков ограничивает возможности граждан по принятию правильных решений для обеспечения своего финансового благополучия.

В связи с этим, Управление защиты прав потребителей финансовых услуг рассчитывает, что разработанный вайбер чат-бот «Финансовая грамотность» поможет простому населению укрепить свои знания в управлении и использовании финансов. Это небольшой вклад и помощь, всем тем, кто самостоятельно хочет разобраться, к примеру, в начислении процентов по вкладу или кредитам. Как результат, виртуальный помощник, будет способствовать повышению финансовой грамотности населения, а также росту качества финансовых услуг, позволит расширить возможности граждан и более эффективно использовать финансовые услуги. Данный процесс сокращает уязвимость перед финансовыми кризисами, а также ведет к постепенному снижению рисков излишней личной задолженности граждан по потребительским кредитам, уменьшению рисков и фактов мошенничества со стороны недобросовестных участников рынка, являясь важным фактором защиты потребителей финансовых услуг.

В условиях цифровой экономики, развития технологий и постоянных перемен нам необходимо соответствовать новым стандартам: создавать инновационные бизнес-модели, укреплять и переосмысливать традиционные. Вайбер чат-бот «Финансовая грамотность» шаг в будущее!

Специалисты Управления защиты прав потребителей финансовых услуг НБТ предполагают развивать этот канал коммуникации для потребителей финансовых продуктов и услуг, предлагая им полезные финансовые советы, идеи для бизнеса и много интересного в ближайшем будущем.

***Раджабов Нозимджон,***
***Советник отдела финансовой грамотности Управления защиты прав потребителей финансовых услуг НБТ***

## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ НУҲМОҲАИ СОЛИ 2020 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

### ДОРОИҲО

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 30.09.2020 | 30.09.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶСП ТС "СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ" | 158 766,0 | 178 143,0 | -19 377,0 | -10,9% |
| ҶСДММ "СПИТАМЕН СУҒУРТА" | 99 144,7 | 94 712,1 | 4 432,6 | 4,7% |
| КВД "ТОҶИКСУҒУРТА" | 52 982,5 | 57 174,8 | -4 192,3 | -7,3% |
| КВД СУҒУРТАВИИ "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 33 466,4 | 34 151,4 | -685,0 | -2,0% |
| ҶДММ ТС "БИМА" | 29 478,1 | 20 326,8 | 9 151,3 | 45,0% |
| ҶДММ ТС "МУИН" | 16 208,0 | 15 370,8 | 837,2 | 5,4% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ АСРИ 21" | 8 618,1 | 10 621,9 | -2 003,8 | -18,9% |
| ҶДММ "ЭСХАТА СУҒУРТА" | 6 433,6 | 2 142,3 | 4 291,3 | 200,3% |
| ҶДММ ТС "МЕҲНАТ" | 2 171,6 | 2 215,4 | -43,8 | -2,0% |
| ҶДММ ТС "ИТМИНОН" | 2 078,6 | 1 626,8 | 451,8 | 27,8% |
| ҶСП ТС "КАФИЛ" | 1 797,0 | 1 589,0 | 208,0 | 13,1% |
| ҶДММ "МДСМ" | 1 340,9 | 1 302,4 | 38,5 | 3,0% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ШАРҚ" | 1 308,8 | 1 283,4 | 25,4 | 2,0% |
| ҶДММ ТС "БОВАРӢ" | 1 130,0 | 6 049,0 | -4 919,0 | -81,3% |
| ҶДММ ТС "МЕҲРУБОН" | 965,0 | 1 438,7 | -473,7 | -32,9% |
| ҶДММ ТС "СИПАҲР" | 538,2 | 442,2 | 96,0 | 21,7% |
| ҶДММ ТС "ТАКАФФУЛ" | 494,5 | 492,6 | 1,9 | 0,4% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 354,4 | 655,5 | -301,1 | -45,9% |
| ҶДММ ТС "ЛИДЕР-ИНШУРАНС" | 0,0 | 2 197,2 | -2 197,2 | -100,0% |
| **ҲАМАГӢ** | **417 276,4** | **431 935,3** | **-14 658,9** | **-3,4%** |

## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ НУҲМОҲАИ СОЛИ 2020 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

## УҲДАДОРИҲО

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 30.09.2020 | 30.09.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶСП ТС “СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ” | 91 661,0 | 145 515,3 | -53 854,3 | -37,0% |
| КВД “ТОҶИКСУҒУРТА” | 45 832,6 | 50 397,8 | -4 565,2 | -9,1% |
| ҶДММ ТС “БИМА” | 30 852,2 | 18 765,7 | 12 086,5 | 64,4% |
| КВД СУҒУРТАВИИ "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 12 920,5 | 13 712,3 | -791,8 | -5,8% |
| ҶДММ “ЭСХАТА СУҒУРТА” | 5 197,8 | 609,9 | 4 587,9 | 752,2% |
| ҶДММ ТС “МУИН” | 4 893,8 | 10 368,6 | -5 474,8 | -52,8% |
| ҶСДММ “СПИТАМЕН СУҒУРТА” | 4 301,9 | 2 748,8 | 1 553,1 | 56,5% |
| ҶДММ ТС “МЕҲНАТ” | 1 411,9 | 1 599,4 | -187,5 | -11,7% |
| ҶДММ “МДСМ” | 1 287,2 | 1 246,5 | 40,7 | 3,3% |
| ҶДММ ТС “ИТМИНОН” | 706,1 | 432,6 | 273,5 | 63,2% |
| ҶДММ “СУҒУРТАИ ШАРҚ” | 652,8 | 669,9 | -17,1 | -2,6% |
| ҶДММ ТС “БОВАРӢ” | 625,1 | 4 200,0 | -3 574,9 | -85,1% |
| ҶСП ТС “КАФИЛ” | 588,0 | 547,0 | 41,0 | 7,5% |
| ҶДММ “СУҒУРТАИ ТОҶИК ВА ЧИН” | 334,9 | 155,5 | 179,4 | 115,4% |
| ҶДММ ТС “СИПАҲР” | 51,9 | 13,0 | 38,9 | 299,2% |
| ҶДММ “СУҒУРТАИ АСРИ 21” | 40,9 | 0,0 | 40,9 | 100,0% |
| ҶДММ ТС “ТАКАФФУЛ” | 10,7 | 8,3 | 2,4 | 28,9% |
| ҶДММ ТС “Меҳрубон” | 0,0 | 553,7 | -553,7 | -100,0% |
| ҶДММ ТС “ЛИДЕР-ИНШУРАНС” | 0,0 | 120,0 | -120,0 | -100,0% |
| **ҲАМАГӢ** | **201 369,3** | **251 664,3** | **-50 295,0** | **-20,0%** |

## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ НУҲМОҲАИ СОЛИ 2020 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

## САРМОЯ

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 30.09.2020 | 30.09.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ЧСДММ "СПИТАМЕН СУҒУРТА" | 94 842,8 | 91 963,3 | 2 879,5 | 3,1% |
| ЧСП ТС "СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ" | 67 105,0 | 32 627,7 | 34 477,3 | 105,7% |
| КВД СУҒУРТАВИИ "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 20 545,9 | 20 439,1 | 106,8 | 0,5% |
| ЧДММ ТС "МУИН" | 11 314,2 | 5 002,2 | 6 312,0 | 126,2% |
| ЧДММ "СУҒУРТАИ АСРИ 21" | 8 577,2 | 10 623,7 | -2 046,5 | -19,3% |
| КВД "ТОҶИКСУҒУРТА" | 7 149,9 | 6 777,0 | 372,9 | 5,5% |
| ЧДММ ТС "ИТМИНОН" | 1 372,5 | 1 194,2 | 178,3 | 14,9% |
| ЧДММ "ЭСХАТА СУҒУРТА" | 1 235,8 | 1 532,4 | -296,6 | -19,4% |
| ЧСП ТС "КАФИЛ" | 1 209,0 | 1 042,0 | 167,0 | 16,0% |
| ЧДММ ТС "МЕҲРУБОН" | 965,5 | 885,0 | 80,5 | 9,1% |
| ЧДММ ТС "МЕҲНАТ" | 759,7 | 616,0 | 143,7 | 23,3% |
| ЧДММ "СУҒУРТАИ ШАРҚ" | 656,0 | 613,5 | 42,5 | 6,9% |
| ЧДММ ТС "БОВАРӢ" | 504,9 | 1 849,0 | -1 344,1 | -72,7% |
| ЧДММ ТС "СИПАҲР" | 486,3 | 429,2 | 57,1 | 13,3% |
| ЧДММ ТС "ТАКАФФУЛ" | 483,8 | 484,3 | -0,5 | -0,1% |
| ЧДММ "МДСМ" | 53,7 | 55,9 | -2,2 | -3,9% |
| ЧДММ "СУҒУРТАИ ТОҶИК ВА ЧИН" | 19,5 | 500,0 | -480,5 | -96,1% |
| ЧДММ ТС "Бима" | -1 374,1 | 1 561,1 | -2 935,2 | -188,0% |
| ЧДММ ТС "ЛИДЕР-ИНШУРАНС" | 0,0 | 2 077,2 | -2 077,2 | -100,0% |
| **ҲАМАГӢ** | **215 907,6** | **180 272,8** | **35 634,8** | **19,8%** |

| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ НУҲМОҲАИ СОЛИ 2020 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ВОРИДОТИ МУКОФОТ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 30.09.2020 | 30.09.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСП ТС "СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ" | 70 641,2 | 69 619,80 | 1 021,4 | 1,5% |
| ҶДММ ТС "БИМА" | 63 923,7 | 34 774,80 | 29 148,9 | 83,8% |
| КВД "ТОҶИКСУҒУРТА" | 19 867,2 | 25 215,90 | -5 348,7 | -21,2% |
| КВД СУҒУРТАВИИ "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 3 773,1 | 3 268,40 | 504,7 | 15,4% |
| ҶСДММ "СПИТАМЕН СУҒУРТА" | 3 133,7 | 1 652,20 | 1 481,5 | 89,7% |
| ҶДММ ТС "МЕҲНАТ" | 3 073,4 | 2872,3 | 201,1 | 7,0% |
| ҶДММ "ЭСХАТА СУҒУРТА" | 2 868,2 | 201,30 | 2 666,9 | 1324,8% |
| ҶДММ ТС "МЕҲРУБОН" | 2 816,5 | 2 306,14 | 510,4 | 22,1% |
| ҶДММ ТС "МУИН" | 2 351,1 | 2 929,57 | -578,4 | -19,7% |
| ҶДММ ТС "ИТМИНОН" | 1 156,8 | 890,2 | 266,6 | 29,9% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ТОҶИК ВА ЧИН" | 815,0 | 119,80 | 695,2 | 580,3% |
| ҶСП ТС "КАФИЛ" | 451,0 | 68 | 383,0 | 563,2% |
| ҶДММ "МДСМ" | 354,6 | 439,4 | -84,8 | -19,3% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ШАРҚ" | 46,5 | 476,40 | -429,9 | -90,2% |
| ҶДММ ТС "БОВАРӢ" | 35,0 | 11770,5 | -11 735,5 | -99,7% |
| ҶДММ ТС "ТАКАФФУЛ" | 9,3 | 134,10 | -124,8 | -93,1% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ АСРИ 21" | 6,5 | 0,50 | 6,0 | 1200,0% |
| ҶДММ ТС "Сипаҳр" | 5,9 | 0,00 | 5,9 | 100,0% |
| ҶДММ ТС "ЛИДЕР-ИНШУРАНС" | 0,00 | 11 730,90 | -11 730,9 | -100,0% |
| **ҲАМАГӢ** | **175 328,7** | **168 470,2** | **6 858,5** | **4,1%** |

| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ НУҲМОҲАИ СОЛИ 2020 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ПАРДОХТ | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **30.09.2020** | **30.09.2019** | **Тағйирот (сомонӣ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ҶДММ ТС "БИМА" | 5 987,0 | 3 540,9 | 2 446,1 | 69,1% |
| КВД "ТОҶИКСУҒУРТА" | 3 351,9 | 3 668,3 | -316,4 | -8,6% |
| ҶСП ТС "СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ" | 1 259,5 | 681,8 | 577,7 | 84,7% |
| ҶДММ ТС "МЕҲНАТ" | 778,0 | 129,6 | 648,4 | 500,3% |
| КВД СУҒУРТАВИИ "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 433,2 | 198,3 | 234,9 | 118,5% |
| ҶДММ ТС "МУИН" | 384,2 | 364,9 | 19,3 | 5,3% |
| ҶДММ ТС "БОВАРӢ" | 200,0 | 0,0 | 200,0 | 100,0% |
| ҶСДММ "СПИТАМЕН СУҒУРТА" | 112,5 | 26,7 | 85,8 | 321,3% |
| ҶДММ ТС "ИТМИНОН" | 30,8 | 61,6 | -30,8 | -50,0% |
| ҶДММ "ЭСХАТА СУҒУРТА" | 11,0 | 6,8 | 4,2 | 61,8% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ТОҶИК ВА ЧИН" | 1,5 | 8,8 | -7,3 | -83,0% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ШАРҚ" | 0,4 | 319,2 | -318,8 | -99,9% |
| ҶДММ ТС "МЕҲРУБОН" | 0,4 | 337,8 | -337,4 | -99,9% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ АСРИ 21" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶСП ТС "КАФИЛ" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ "МДСМ" | 0,0 | 2,3 | -2,3 | -100,0% |
| ҶДММ ТС "СИПАҲР" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ ТС "Такаффул" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶДММ ТС "ЛИДЕР-ИНШУРАНС" | 0,0 | 49,3 | -49,3 | -100,0% |
| **ҲАМАГӢ** | **12 550,4** | **9 396,3** | **3 154,0** | **33,6%** |

## ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ НУҲМОҲАИ СОЛИ 2020 (ҲАЗОР СОМОНӢ)

**ШАРТНОМАҲО**

| НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ | 30.09.2020 | 30.09.2019 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| ҶСП ТС "СУҒУРТАИ АВВАЛИНИ МИЛЛӢ" | 725 473 | 794 713 | -69 240 | -8,7% |
| КВД "ТОҶИКСУҒУРТА" | 385 808 | 520 671 | -134 863 | -25,9% |
| ҶДММ ТС "БИМА" | 21 607 | 6 710 | 14 897 | 222,0% |
| ҶДММ ТС "МУИН" | 18 369 | 28 117 | -9 748 | -34,7% |
| КВД СУҒУРТАВИИ "ТОҶИКСАРМОЯГУЗОР" | 2 213 | 4 512 | -2 299 | -51,0% |
| ҶСДММ "СПИТАМЕН СУҒУРТА" | 650 | 1 188 | -538 | -45,3% |
| ҶДММ ТС "ИТМИНОН" | 86 | 134 | -48 | -35,8% |
| ҶДММ ТС "МЕҲНАТ" | 32 | 35 | -3 | -8,6% |
| ҶДММ "МДСМ" | 17 | 8 | 9 | 112,5% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ШАРҚ" | 11 | 12 | -1 | -8,3% |
| ҶДММ "ЭСХАТА СУҒУРТА" | 11 | 2 | 9 | 450,0% |
| ҶДММ ТС "МЕҲРУБОН" | 5 | 10 093 | -10 088 | -100,0% |
| ҶДММ ТС "СИПАҲР" | 5 | 0 | 5 | 100,0% |
| ҶДММ ТС "ТАКАФФУЛ" | 5 | 6 | -1 | -16,7% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ ТОҶИК ВА ЧИН" | 3 | 6 | -3 | -50,0% |
| ҶДММ "СУҒУРТАИ АСРИ 21" | 2 | 5 | -3 | -60,0% |
| ҶСП ТС "КАФИЛ" | 2 | 4 | -2 | -50,0% |
| ҶДММ ТС "Боварӣ" | 1 | 3 | -2 | -66,7% |
| ҶДММ ТС "ЛИДЕР-ИНШУРАНС" | 0,0 | 793 | -793 | -100,0% |
| **ҲАМАГӢ** | **1 154 300** | **1 367 012** | **-212 712** | **-15,6%** |

# The EDB transfers an EFSD financial credit to Tajikistan




The Eurasian Development Bank (EDB), acting as the Resources Manager of the Eurasian Fund for Stabilization and Development (EFSD), transferred a US $50 million EFSD financial credit to Tajikistan.

The funds have been provided for up to twenty years with a grace period of up to ten years at a 1% fixed interest rate. In the first year of the credit, the interest rate will be 0.25% per annum.

The credit will be used to support Tajikistan's budget amid the negative effects of the COVID-19 pandemic. In addition to the measures aimed at supporting the health care system and the population, the Tajik Government and National Bank's programme to counter the impact of COVID-19 on the economy and the financial and social sectors, as outlined in the nation's application for the financial credit, provides for the implementation of prudent macroeconomic policies, including reductions in non-priority budget spending in order to support education, health care and social protection in 2021, implementation of a balanced monetary policy to stimulate economic growth while constraining price growth to the target level, and ensuring stability in the financial sector.

The Eurasian Development Bank (EDB) is an international financial institution founded by Russia and Kazakhstan in January 2006 with the mission to facilitate the development of market economies, sustainable economic growth, and the expansion of mutual trade and other economic ties in its member states. The EDB's charter capital totals US $7 billion. The member states of the Bank are the Republic of Armenia, the Republic of Belarus, the Republic of Kazakhstan, the Kyrgyz Republic, the Russian Federation, and the Republic of Tajikistan.

The Eurasian Fund for Stabilization and Development (EFSD) amounting to US$8.513 billion was formed on 9 June 2009 by the governments of the same six countries. The objectives of the EFSD are to assist its member countries in overcoming the consequences of the global financial crisis, ensure their economic and financial stability, and foster integration in the region. The EFSD member countries signed the Fund Management Agreement with Eurasian Development Bank giving it the role of the EFSD Resources Manager.

***www.eabr.org***

# ADB Plans $323 Million in Grants to Support Tajikistan During 2021–2023




The Asian Development Bank (ADB) plans to provide $323 million in grants to Tajikistan from 2021–2023 to help address the country's development needs, according to the bank's updated Country Operations Business Plan. In addition, $5.25 million is planned as technical assistance for knowledge and project preparation over the same period.

"As Tajikistan's long-term partner, ADB is fully committed to helping the country achieve its strategic priorities," said ADB Country Director for Tajikistan Pradeep Srivastava. "This plan supports the goals of Tajikistan's National Development Strategy for the period up to 2030 and is consistent with ADB's Strategy 2030. The plan also accounts for the transition to ADB's country partnership strategy for Tajikistan during 2021–2025, which is currently being developed and will need to be prepared to adapt to the uncertain dynamics of the coronavirus disease (COVID-19) pandemic."

The 2021–2023 plan includes projects to improve food security and water resource management, and develop urban infrastructure and the energy sector. ADB also plans to support projects focused on developing the health sector, improving the financial sector, developing tourism, enhancing disaster resilience, and further improving the road sector. In addition, the plan includes projects that will promote e-governance and improve science, technology, engineering, and mathematics education.

The final amount of ADB's planned assistance will depend on various factors, including available resources, project readiness, and the outcome of the country performance assessments.

In 2020, ADB's assistance to Tajikistan is expected to total $320 million in grants, supporting projects in transport, agriculture and natural resources, public sector management, education, and energy. This sum includes a COVID-19 emergency response package of $52.5 million.

Since Tajikistan joined ADB in 1998, the bank has committed funding of more than $1.9 billion for the country, including about $1.4 billion in grants.

ADB is committed to achieving a prosperous, inclusive, resilient, and sustainable Asia and the Pacific, while sustaining its efforts to eradicate extreme poverty. Established in 1966, it is owned by 68 members—49 from the region.

***www.adb.org***

# БАРОИ ЧӢ МАН ПАСАНДОЗ МЕГУЗОРАМ?



Ҳар як шахс хоҳишҳои зиёд дорад: дар вақти рухсатӣ ба саёҳат равад, тӯй барпо кунад, соҳиби мошини нав шавад, таҳсил намояд, фарзандро таълим диҳад, хона харад, даромади муътадил дошта бошад, то ки дар даврони пиронсолӣ зиндагии хуб насибаш гардад ва ғайра.

Барои он ки хоҳишҳо ба ҳадафи молиявӣ табдил ёбанд, аниқ донистан лозим аст, ки:

1. Чӣ қадар пул барои амалӣ шудани хоҳишҳои Шумо зарур аст?

2. Дар кадом муҳлат мехоҳед ба мақсади гузоштаатон ноил гардед? Пас аз як моҳ, пас аз як сол ё баъди 5 сол?

Хоҳишҳо метавонанд кутоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат бошанд, хароҷоти калони моддиро талаб кунанд ё тамоман бехарҷ бошанд, вале муҳим он аст, ки онҳо ҳамон хоҳишҳои моддӣ ҳастанд, ки маҳз барои Шумо муҳим мебошанд.

**ХОҲИШ**
**Ман орзу дорам, ки соҳиби автомашинаи нав шавам ва духтарам маълумоти шоиста гирад.**

## ҲАДАФИ МОЛИЯВӢ

Мехоҳам, ки автомашинаи худ “Шевролет лакости” (100 ҳазор сомонӣ)-ро ба “Волсваген пассат B6” (250 ҳазор сомонӣ) иваз намоям. Аз моҳи сентябри соли 2020 то моҳи июни соли 2027 ман ба 150 ҳазор сомонӣ барои таҳсили духтарам дар донишгоҳ ниёз дорам.




**САРФА КАРДАНИ ПУЛ**
**Сарфа кардани пул зарур ва муҳим аст, ҳатто дар сурате ҳам, ки Шумо ягон мақсади муайян надошта бошед ё даромадатон на он қадар баланд аст. Ин ҷо шумо дар бораи намуди пасандозҳо маълумот пайдо мекунед ва аз ҳама муҳим дарк менамоед, ки афзалиятҳои пасандоз кадомҳоянд, то ба онҳо диққат диҳед.**

**ПАСАНДОЗ***
**1) пасандоз маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст.**
**2) пасандоз - маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиашон ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст ва ё маблағи пулию сарватҳои дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои нигоҳдоштан ба ташкилоти қарзии исломӣ бо шарти пардохти пурра бо фоида ё бидуни он, ба соҳиби амонат ё намояндаи ӯ, бо дархост ё ба мӯҳлатҳои мувофиқашуда бо риояи принсипҳои маблағгузории исломӣ дода мешаванд.**

## ПАСАНДОЗ ВА МАҚСАДҲОИ ШУМО!

Шумо ягон мақсаде доред, ки тавассути амалӣ шудани он соҳиби маблағи муайяни пулӣ гардед? Масалан, Шумо мехоҳед, ки хона харед ё ба саёҳат равед? Дар ин сурат, ҳангоми гирифтани даромад 10% -и онро чудо кунед. Даромад 100%, сарфа 10% , 90%-и он бошад, барои харҷи рӯзгор зарур аст. Пулро сарфа кунед, ҳатто агар ҳадафи мушаххас надоред ё даромадатон барои хароҷоти молу маҳсулоти рӯзгор кифоят мекунад. Ин амал ба Шумо имкон медиҳад, ки ба хароҷоти ғайри-чашмдошт омода бошед. Шумо албатта, метавонед пулро дар хона, дар паноҳгоҳ нигоҳ доред. Дар ин ҳолат, он барои Шумо “манфиат намеорад”, баръакс, он метавонад қобилияти харидории худро бар асари таваррум гум кунад. Вале, агар Шумо пули худро ҳамчун пасандоз ба бонк гузоред, пас даро-мади фоизӣ ба даст меоред. Бонк пасандози Шуморо қабул намуда, уҳдадор мешавад, ки мутобиқи талаботи шартнома ба Шумо ҳам маблағи пасандоз ва ҳам фоизҳои онро пардохт намояд.

**НАҚШАИ МОЛИЯВИИ ШАХСӢ ЧИСТ?**

**Стратегияи молиявии шахсии Шумо, нақшаи инфиродии ҳаракат ба сӯи мақсадҳои молиявиатон мебошад. Ронандагон мехоҳанд нақшаи молиявии шахсии худро бо навигатор муқоиса кунанд! Шумо маълумотро дар бораи мақсади хатсайри худ ба он ворид мекунед ва хатсайри беҳтарин – мувофиқтарин ё наздиктаринро аз нуқтаи “А” то нуқтаи “Б” пайдо намуда, масири роҳи душворро алал-хусус дар ҷойҳои ношинос сарфи назар месозед.**

## НАҚШАИ МОЛИЯВӢ ВА ФОНДИ ЗАХИРАВИИ ХУДРО СОЗЕД! БАРОИ СОХТАНИ НАҚШАИ МОЛИЯВӢ:

- **Рӯйхати мақсадҳои молиявии худро тартиб диҳед**
- **Арзиши мақсадҳо ва санаи татбиқи онҳоро муайян кунед**
- **Дар нақшаи худ таваррумро ба инобат гиред**
- **Барои расидан ба мақсадҳо воситаҳои молиявии мувофиқро истифода баред**
- **Кореро, ки имрӯз карда метавонед, ба фардо нагузоред.**

**ФОНДИ ЗАХИРАВӢ**

**-маҷмӯи пул барои хароҷотҳои ғайричашмдошт, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои ногаҳонӣ баъзан дар ҳаёти мо рух медиҳанд: муваққатан аз даст додани ҷои кор, ёрии таъҷилии тиббӣ ва ғайра.
-маблағест, ки барои Шумо дар вақти дилхоҳ ба осонӣ дастрас аст ва барои бартараф кардани давраи бухронӣ кифоя мебошад**

## ОЁ ИН ЭҲТИЁҶОТ АСТ Ё ХОҲИШ?



### КАДОМ НАМУДИ ПАСАНДОЗҲО МАВҶУД АСТ?

**Асосан 3 намуди пасандозҳо вуҷуд дорад:**

**1) пасандозҳои дархостшаванда,**
**2) пасандозҳои муҳлатнок**
**3) амонатҳои пасандозӣ**

**Танҳо ҳангоми гузоштани маблағ ба намудҳои пасандозҳои муҳлатнок ва амонатҳои пасандозӣ Шумо метавонед соҳиби фоида (дар шакли фоизи муайян) гардед. Маблағ ва фоизҳоро дар мавриди дархости пасандоз, метавонед вақти дар шартнома пешбинишуда бо дархости худ бозпас гиред. Ҳангоми гузоштани пасандоз маблағ ва фоизҳо бояд пешакӣ нишон дода шаванд. Дар сурати пеш аз муҳлат гирифтани пасандоз, бонк метавонад меъёри фоизи пешакӣ муқарраршударо тағйир диҳад. Бояд қайд кард, ки фоизи пасандозҳои муҳлатнок нисбат ба фоизи амонатҳои пасандозӣ баландтар мебошад.**

## ПАСАНДОЗ ВА ҲИМОЯИ ОН?

Ҳар қадар, ки дар нақшаи молиявии худ маълумоти зиёд ҷой диҳед, ҳамон қадар роҳ ба сӯи ноилгардии мақсад равшантар хоҳад буд. Ҳар қадаре, ки тезтар ғами мақсадҳои молиявии худро хӯред, ҳамон қадар роҳи расидан ба онҳо осонтар мешавад

Масалан, агар барои хариди як мошини арзишаш 600 ҳазор сомонӣ ба ин мақсад 5 сол пеш иқдом карда бошед, метавонед ҳар моҳ 10 ҳазор сомонӣ пардохт кунед. Маълум аст, ки дар муддати як сол ин мақсадро ноил шудан, ғайриимкон аст, зеро шумо бояд дар як моҳ 50 ҳазор сомонӣ ҷудо кунед. Нақшаатонро навсозӣ кунед. Ақаллан як маротиба дар як сол ба он бозгардед-дар ин вақт мақсадҳои молиявӣ, воситаҳои молиявӣ ва вазъи иқтисодӣ метавонанд тағйир ёбанд.

Фонди захиравӣ чист? Агар Шумо инро дар шакли моддӣ тасаввур кунед, танҳо пулеро мефаҳмед, ки гирифта наметавонед. Ин чандон рӯҳбаландкунанда нест, ҳамин тавр не? Тасаввур кардани он, ки муваққатан бекор мондаед ё метавонед бемор шавед, дилхоҳ шахсро метавонад рӯҳафтода намояд.

Мо худро аз ин гуна фикрҳои дилгиркунанда дур месозем ва ҳамзамон дар бораи он, ки дар бораи чӣ гуна бояд кор кунем, фикр хоҳем кард. То ба синни пирӣ расидан ҳоло дур аст, барои анҷом додани ҳама кор ҳанӯз вақт дорем, фарзандон низ кумак мекунанд ва давлат низ ғамхорӣ менамояд, илоҷе карда зиндагӣ мекунем. Аммо, дар ниҳояти кор, одамон ҳис мекунанд, ки бе пасандоз мемонанд.

Дар ҳаёти мо чунин як падидаи ногувор, ба монанди таваррум вуҷуд дорад, ки он метавонад на танҳо арзиши ҳаёти рӯзмарраро бо мурури замон афзоиш диҳад, инчунин ба арзиши ҳаёти рӯзмарра ва ба ҳадафҳои молиявӣ дар оянда таъсир расонад.

Мақсад доред молеро баъди 5 сол харидорӣ намоед, ки он айни замон 10 ҳазор сомонӣ арзиш дорад. Бо назардошти дурнамои таваррум барои 5 соли оянда, ки 7,0% аст, ҳангоми харид он 13,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Оё инро пешакӣ ба назар гирифтан дуруст аст? Барои ҳисоб кардани арзиши хоҳишҳои мо дар оянда, дар сурати амалӣ кардани онҳо метавонед аз формулаи махсус истифода баред:

$$\text{Нарх дар оянда} = \text{нархи ҷорӣ x (таваррум x 100)}^{\text{шумораи солҳо то расидан ба мақсад}}$$

Бояд инро донед, ки барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ таъсис дода шудааст. Мақсади асосии Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ иборат мебошад.

Бинобар ин, ҷуброн кардани маблағи ба бонк гузошташуда дар Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳатмӣ мебошад.

Ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ Хазина ба пасандоздор ҳиссаи муайяни маблағи пасандозҳои дар ташкилоти қарзӣ суғурташударо ҷуброн менамояд. Андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ на бештар аз 500 (панҷсад) ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ на бештар аз 350 (сесаду панҷоҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо мебошад.

**-Индекси нархҳои истеъмолӣ - таваррумро нишон медиҳад (болоравии нархи молу хизматрасонӣ). Дар вақти таваррум беқурбшавии пул ба амал меояд ва қобилияти харидории аҳолӣ коҳиш меёбад. Чунин маълумот мунтазам аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда мешавад. Масалан, дар соли 2019 сатҳи таваррум 107,0%-ро ташкил дод.*



## ХАРИДОРИИ САБИКАҲОИ ТИЛЛОИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН




Роҳи дигари истифодаи самараноки маблағҳои пасандозҳои шахсӣ харидорӣ намудани сабикаҳои тилло ва нуқраи Бонки миллии Тоҷикистон мебошад. Асосан сабикаҳои тиллоӣ дорои вазни 5 гр., 10 гр., 20 гр., 50 гр. ва 100 гр. дар борҷомаи махсуси муҳофизатшаванда дар корхонаҳои холискорӣ, ки дорои сертификати Ассотсиатсияҳои бозори металлҳои қиматбаҳои Лондон ва сифати байналмиллалии “good delivery” мебошанд, тайёр карда мешавад. Сабикаҳои тиллоӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бе маҳдудият ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ фурӯхта мешаванд. Дар ҷадвал тағйирёбии арзиши сабикаҳои тилло дар моҳи апрели солҳои 2018 ва 2020 нишон дода шудааст.

## ТАМОЮЛИ ТАҒЙИРЁБИИ НАРХИ САБИКАҲОИ ТИЛЛО ДАР СОЛҲОИ 2018-2020(БО СОМОНӢ)*

| Ҳаҷми сабикаҳо, гр | Нархи бозхарид, сомонӣ | | Нархи фурӯш, сомонӣ | | Фоида ё зарар сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | 20.04.2018 | 20.04.2020 | 20.04.2018 | 20.04.2020 | 20.04.2020 |
| 5 | 2073.48 | 2891.41 | 2094.43 | 2960.46 | 886.98 |
| 10 | 4047.90 | 5695.85 | 4088.78 | 5831.88 | 1783.98 |
| 20 | 7929. 37 | 11245.61 | 8009.47 | 11514.17 | 3584.8 |
| 50 | 19552.08 | 27875.82 | 19749.58 | 28541.55 | 8989.47 |
| 100 | 38916.48 | 55586.88 | 39309.57 | 56914.40 | 17997.92 |

**-Мутобиқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон*

Агар дар моҳи апрели соли 2018 бо арзиши 38916,48 сомонӣ сабикаи 100 гр. тиллоро харидорӣ карда бошед, пас дар моҳи апрели соли 2020 онро бо арзиши 56914,40 сомонӣ ба фурӯш баровурда, соҳиби 17997,92 сомонӣ фоида хоҳед гашт.

## ЧӢ ТАВР ПАСАНДОЗ БОЯД ГУЗОШТ?



Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағро ҳамчун пасандоз ба бонк гузоштан мумкин аст. Мушовири молиявӣ ба Шумо дар интихоби беҳтарин навъи пасандозе, ки ба Шумо мақбул аст кумак мерасонад. Баъд аз ин барои имзои шартномаи пасандоз ба бонки интихобкардаи худ бо шиноснома муроҷиат кунед. Шумо метавонед бо сомонӣ ё асъори хориҷӣ пасандоз гузоред.

**ҲАНГОМИ ГУЗОШТАНИ ПАСАНДОЗ** пеш аз ба имзо расонидан ҳуҷҷат бодиққат ва ҳаматарафа бандҳои пешниҳодшудаи шартномаро хонед. Ба бандҳое диққати махсус диҳед, ки бонк ҳуқуқи якҷониба тағйир додани шартҳои шартномаро дорад. Меъёрҳои фоизӣ ё дигар меъёрҳо метавонанд на дар шартнома, балки дар бонк дар дигар ҳуҷҷатҳо, ба мисли нақшаҳои тарофавии бонк нишон дода шаванд. Шумо ҳуқуқ доред аз бонк ҳуҷҷатҳоеро талаб кунед, ки шартҳои шартномаи шуморо муайян мекунанд. Инчунин, тахфифҳои дигари дастрасро санҷед. Корманди бонк вазифадор аст, ки ба ҳама саволҳои Шумо посух диҳад. Нусхаи шартномаатонро нигоҳ доред.

## МАСЛИҲАТҲОИ МУФИД ПЕШ АЗ ГУЗОШТАНИ ПАСАНДОЗ



Барои интихоби навъи муносиби пасандоз, мақсади пасандозро бояд муайян намуд. Буҷети худро ба нақша гиред. Муайян кунед, ки ҳар моҳ чӣ қадар сарфа карда метавонед. Пасандозҳоро муқоиса намуда, варианти барои худ беҳтаринро интихоб намоед. Дар хотир дошта бошед, ки бонк вазифадор аст, барои ҳар як навъи пасандозе, ки пешниҳод мекунад, маълумоти муфассалро дар сомонаи расмӣ ё саҳифа дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷой диҳад. Ҳангоми муқоиса, ба шартҳои зерин махсус диққат диҳед:

> **Фоизи номиналӣ ва даромади фоизӣ**
> **Мӯҳлат**
> **Асъор**
> **Давраи зиёд кардани даромаднокӣ**
> **Имконияти ҷамъ ё тарҳ кардани пул**
> **Шартҳои пеш аз мӯҳлат гирифтани пасандоз**

## "ФОИЗИ ОДДИИ ПАСАНДОЗ" ВА "ДАРОМАДИ ФОИЗӢ" ЧИСТ?



Меъёри оддии фоизи пасандоз дар асоси бузургии меъёри фоизии пасандоз. Даромаднокии фоизи солонаи пасандоз нишон медиҳад, ки пасандози гузошташуда дар натиҷаи зиёд шудани пардохтҳои ҳатмӣ ва фоизҳои маблағи асосии гузошташуда чӣ манфиат меоранд.

Дар нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки ҳарду сарчашма якхелаанд. Дар ҳақиқат, пасандози II бештар муфид аст, зеро агар Шумо ҳар моҳ меъёри фоизи пасандозро зиёд кунед, даромади иловагӣ ба даст меоред, дар ҳоле ки дар пасандози I фоизҳо танҳо дар охири сол пардохт мешаванд. Ҳар қадаре, ки пасандоз ба бонк бештар гузошта шаванд, ҳамон қадар фоизи солонаи пасандоз зиёд мешавад. Аммо, ба он бояд диққат дод, ки даромади солонаи фоизҳоро бо меъёри фоизҳо омехта накунед. Ҷадвал нишон медиҳад, ки дар назари аввал пасандозҳо дар асл даромаднокии гуногун доранд.

| Нишондиҳандаҳо | Пасандози I | Пасандози II |
|---|---|---|
| Маблағҳои озод | 100 000 | 100 000 |
| Фоизи номиналӣ | 12% | 12% |
| Мӯҳлат | 24 моҳ | 12 моҳ |
| Капитализатсияи фоизҳо | солона | ҳармоҳа |
| Даромади фоизӣ | 11,3% | 12,01% |

## МАҲСУЛОТҲОИ ПАСАНДОЗИИ БАЪЗЕ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРӢ БАРОИ МАЪЛУМОТ ПЕШНИҲОД МЕГАРДАНД.

## БОНКИ ДАВЛАТИИ АМОНАТГУЗОРИИ “АМОНАТБОНК”

АМОНАТБОНК
Бонки давлатии амонатгузорӣ
Ҷумҳурии Тоҷикистон

### ПАСАНДОЗИ “МӮҲЛАТНОК”

Барои нигахдорӣ: шиноснома (нусхаи шиноснома). Мӯҳлати нигаҳдорӣ: 3 моҳ, 6 моҳ, 1 сол, 2 сол ва 3 сол. Маблағи камтарин 50 сомонӣ, 3000 рубли русӣ, 100 доллари ИМА, 100 евро. Дар шакли исми ва рамзӣ. Бо роҳи нақдӣ ва ғайринақдӣ.

**Меъёри фоизи солона:**

| Бо арзи миллӣ | | Бо доллари ИМА | | Бо Евро | | Бо рубли русӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 моҳ | то 6 % | - | - | - | - | - | - |
| 6 моҳ | то 7 % | 6 моҳ | то 2 % | 6 моҳ | то 2 % | 6 моҳ | то 2 % |
| 1 сол | то 11 % | 1 сол | то 3 % | 1 сол | то 3 % | 1 сол | то 3 % |
| 2 сол | то 11 % | 2 сол | то 4 % | 2 сол | то 4 % | 2 сол | то 4 % |
| 3 сол | то 11 % | 3 сол | то 5 % | 3 сол | то 5 % | 3 сол | то 5 % |

*Эзоҳ: Бо хоҳиши амонатгузор фоизҳои ҳармоҳа пардохта мешавад.*



### ПАСАНДОЗИ “МӮҲЛАТНОКИ ҶАМЪШАВАНДА”

Барои нигахдорӣ: шиноснома (нусхаи шиноснома). Муҳлати нигаҳдорӣ: 3 сол. Маблағи камтарин 500 сомонӣ, 3000 рубли русӣ, 100 доллари ИМА, 100 евро. Дар шакли исмӣ. Бо роҳи нақдӣ ва ғайринақдӣ.

**Меъёри фоизҳои солона:**

| Бо пули миллӣ | | Бо доллари ИМА | | Бо Евро | | Бо рубли русӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 сол | то 13% | 3 сол | то 5% | 3 сол | то 5% | 3 сол | то 5% |

*Эзоҳ: Ҳар сол фоизҳо ба маблағи асосӣ ва фоизҳои соли гузашта ҳисоб карда мешавад.*

### ПАСАНДОЗИ «МӮҲЛАТНОК БО ПАРДОХТИ ИЛОВАГӢ»

Барои нигахдорӣ: шиноснома (нусхаи шиноснома). Муҳлати нигаҳдорӣ: 1 сол ва 3 сол. Маблағи камтарин 500 сомонӣ, 3000 рубли русӣ, 100 доллари ИМА, 100 евро. Маблағи камтарини пардохти иловагӣ 100 сомонӣ, 1000 рубли русӣ, 50 доллари ИМА, 50 евро. Бо роҳи нақдӣ ва ғайринақдӣ.

**Меъёри фоизҳои солона:**

| Бо пули миллӣ | | Бо доллари ИМА | | Бо Евро | | Бо рубли русӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 сол | то 13 % | 1 сол | то 5 % | 1 сол | то 5 % | 1 сол | то 5 % |
| 3 сол | то 15 % | 3 сол | то 5 % | 3 сол | то 5 % | 3 сол | то 5 % |

*Эзоҳ: Маблағи иловагӣ дар ҳолати аз 6 моҳ камтар 2% солона ва зиёда аз 6 мох ва камтар аз 1 сол 50% меъёри солонаи шартномавӣ пардохта мешавад.*

### ПАСАНДОЗИ “ИМКОНИЯТ”

Барои нигахдорӣ: шиноснома (нусхаи шиноснома). Муҳлати нигаҳдорӣ: зиёда аз 3 моҳ то 3 сол. Маблағи камтарин 50 сомонӣ. Бо роҳи нақдӣ ва ғайринақдӣ.

**Меъёри фоизҳои солона:**

| Муҳлат | Бо пули миллӣ |
|---|---|
| аз 1 моҳ то 3 моҳ | то 2 % |
| аз 3 моҳу як рӯз то 6 моҳ | то 5 % |
| аз 6 моҳу як рӯз то 9 моҳ | то 8 % |
| аз 9 моҳу як рӯз то 1 сол | то 12 % |
| аз 1 солу як рӯз то 3 сол | то 13 % |

## ҶСК “ОРИЁНБОНК”

## ПАСАНДОЗИ “МУҲЛАТНОК”

Ин пасандози муқаррарӣ (классикӣ) бо муҳлатҳои қулайи гузоштани маблағҳо ва меъёри фоизии баланд мебошад. Меъёри фоизӣ аз муҳлати нигоҳдории пасандоз вобаста аст.

**Шартҳо:** Пасандоз бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ қабул карда мешавад. Андозаи камтарини аввалияи пасандоз баробар аст ба: бо пули миллӣ 500 сомонӣ, бо асъори хориҷӣ 100 доллари ИМА, 100 евро ва ё 5 000 рубли русӣ. Ворид намудани маблағи иловагӣ ба пасандоз ғайриимкон аст. Меъёри фоизи муқарраршудаи пасандоз доимӣ буда, дар давраи амали шартнома бетағйир мемонад.

**Меъёри фоизи солона аз рӯи муҳлати пасандоз:**

| Муҳлат | Пули миллӣ | Асъори хориҷӣ |
|---|---|---|
| аз 91 то 180 рӯз | то 8% | то 3% |
| аз 181 то 270 рӯз | то 9% | то 4% |
| аз 271 то 360 рӯз | то 10% | то 5% |
| аз 361 то 720 рӯз | то 11% | то 6% |
| аз 721 то 1080 рӯз | то 12% | то 7% |
| аз 1081 то 1800 рӯз | то 13% | то 8% |

## ПАСАНДОЗИ МУҲЛАТНОКИ “ДАРОМАДНОК”

Имконияти беназири ба даст овардани фоизҳои баландтар нисбат ба дигар намудҳои пасандозро, ки ба муҳлатҳои яхела гузошта шудаанд, медиҳад.

**Шартҳо:** Пасандоз бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ қабул карда мешавад. Андозаи камтарини аввалияи пасандоз баробар аст: бо пули миллӣ 1000 сомонӣ, бо асъори хориҷӣ 100 доллари ИМА, 100 евро ва ё 6000 рубли русӣ. Ворид намудани маблағи иловагӣ ба пасандоз ғайриимкон аст. Меъёри фоизи муқарраршудаи пасандоз доимӣ буда, дар давраи амали шартнома бетағйир мемонад.

**Меъёри фоизи солона аз рӯи муҳлати пасандоз:**

| Муҳлат | Пули миллӣ | Асъори хориҷӣ |
|---|---|---|
| аз 271 то 360 рӯз | то 13 % | то 7% |
| аз 361 то 720 рӯз | то 14 % | то 8% |
| аз 721 то 1080 рӯз | то 15 % | то 9% |

## ҶСП “СПИТАМЕН БОНК”

## ПАСАНДОЗИ “САХОВАТ”

Пасандоз дар “Спитамен Бонк” ин на танҳо даромади иловагӣ, балки кафолати таъмини амнияти пулҳои Шумо дар яке аз бонкҳои пешбари кишвар аст. Дар Бонк Шумо имконият доред бо пули миллӣ ва ё доллари ИМА пасандоз гузоред.

| Асъор | Маблағи камтарин | То 6 моҳ | аз 6 то 12 моҳ | аз 12 то 24 моҳ | аз 24 то 36 моҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| TJS | Бе пардохти аққалӣ | 0% | 1% | 2% | 3% |
| USD | | | 0,50% | | 1% |

*Фоизҳои пасандоз баъд аз нигоҳдории андози даромад, дар ҳаҷми 12%-и маблағи фоизҳои ҳисобшуда, дода мешаванд.*

## ПАСАНДОЗИ «ТИФЛИ ЗАРРИН»

Аксари волидайн ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ҳаёти фарзанд дар фикри оянди ӯ мешаванд. Зеро дар оянда, пеш аз ҳама, барои гирифтани таълими хуб, эҳтимоли зарур шудани маблағҳои калон зиёд аст. Бинобар ин, волидайн кӯшиш мекунанд, то ки таҳкурсии молиявиро хеле барвақт гузоранд.

Бо гузоштани пасандоз дар бонк, Шумо метавонед ҳам аз зиёдшавии кафолатноки воситаҳои пулиатон боэътимод бошед ва ҳам аз амнияти пулҳои фарзандатон, ки дар яке аз бонкҳои устувору рушдкунандаи кишвар – “Спитамен Бонк” нигоҳ дошта мешаванд, дилпур бошед.

**Меъёри фоизи солона аз рӯи муҳлати пасандоз:**

| Асъор | Маблағи камтарин | То 6 моҳ | аз 6 то 12 моҳ | аз 12 то 24 моҳ | аз 24 то 36 моҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| TJS | 100 | 0% | 1% | 2% | 3% |
| USD | 20 | | 0,50% | | 1% |

*Фоизҳои пасандоз баъд аз нигоҳдории андози даромад, дар ҳаҷми 12%-и маблағи фоизҳои ҳисобшуда, дода мешаванд.*

# ҶСК “БОНКИ ЭСХАТА”

## ПАСАНДОЗИ “ДАРОМАДИ УСТУВОР”

БАНК ЭСХАТА

Ин намуди пасандоз барои онҳое, ки маблағҳои озод доранд ва барои гирифтани даромади ҳармоҳа ҳавасманд мебошанд, пешбинӣ шудааст.

**Шартҳои пасандоз:** Пур кардани суратҳисоб то нисфи мӯҳлати шартнома мумкин аст. Фоизҳо ҳар моҳ ҳисоб карда шуда, пардохта мешаванд.



**Меъёри фоизӣ:**

| Ҳадди ақали маблағи пасандоз | Асъор | аз 31 то 90 рӯз* | аз 91 то 180 рӯз* | аз 181 то 365 рӯз | 365 рӯз |
|---|---|---|---|---|---|
| 500 | Сомонӣ | 4% солона | 5% солона | 8% солона | 13% солона |
| 100 | Доллари ИМА | 0% солона | 1% солона | 2% солона | 4% солона |
| 100 | Евро | 0% солона | 1% солона | 2% солона | 2% солона |
| 3000 | Рубли русӣ | 0% солона | 1% солона | 2% солона | 4% солона |

**Фоизҳои дар ин мӯҳлат пешбинишуда, танҳо барои тамдиди шартномаҳои амалкунанда истифода бурда мешавад.*

Пасандозҳои Шумо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» суғурта карда мешаванд.

## ПАСАНДОЗИ “ХАРИДИ ФОИДАНОК+”

Ин намуди пасандоз барои шахсоне, ки аз ҳисоби маблағҳои ҷамъшуда хароҷоти калонро дар нақша доранд пешбинӣ карда шудааст. Аз ҳисоби капитализатсияи моҳонаи фоизҳо имконияти гирифтани даромади калон мавҷуд аст.

Шартҳои амонат: Пур кардани амонат имконнопазир аст. Фоизҳои ҳисобшуда ба маблағи асосӣ ҳар семоҳа ҷамъ карда мешаванд. Мӯҳлати шартнома - 370 ё 731 рӯз.

**Меъёри фоизӣ:**

| Ҳадди ақали маблағи амонат | Асъор | Фоизи пасандоз барои мӯҳлати 370 рӯз | Фоизи пасандоз барои мӯҳлати 731 рӯз |
|---|---|---|---|
| 500 | Сомонӣ | 14% солона | 15% солона |
| 100 | Доллари ИМА | 5% солона | 6% солона |
| 100 | Евро | 3% солона | 4% солона |
| 3000 | Рубли русӣ | 5% солона | 6% солона |

## ПАСАНДОЗИ “ЗАХИРАШАВАНДА”



Ин намуди амонат барои онҳое, қулай аст, ки хоҳиши гузоштани маблағ ва дар охири мӯҳлат аз ҳисоби фоизҳои ҷамъшуда гирифтани даромади калонро доранд.

**Шартҳои пасандоз:** Фоизҳо моҳе як маротиба ҳисоб карда шуда, дар оғози ҳар моҳ ба маблағи асосӣ ҷамъ карда мешаванд. Пур кардани суратҳисоб ғайриимкон аст.

**Меъёри фоизӣ:**

| Ҳадди ақали маблағи амонат | Асъор | аз 31 то 90 рӯз* | аз 91 то 180 рӯз* | аз 181 то 365 рӯз | 365 рӯз |
|---|---|---|---|---|---|
| 500 | Сомонӣ | 4% солона | 5% солона | 8% солона | 13% солона |
| 100 | Доллари ИМА | 0% солона | 1% солона | 2% солона | 4% солона |
| 100 | Евро | 0% солона | 1% солона | 2% солона | 2% солона |
| 3000 | Рубли русӣ | 0% солона | 1% солона | 2% солона | 4% солона |

**Фоизҳои дар ин мӯҳлат пешбинишуда, танҳо барои тамдиди шартномаҳои амалкунанда истифода бурда мешавад.*

Пасандозҳои Шумо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» суғурта карда мешаванд.

## ҶСК "ТАВҲИДБОНК"

TAWHID Islamic Innovative Bank

### МУЗОРАБА

**Амалиётҳо аз рӯи шартномаи МУЗОРАБА (МУДАРАБА)** – аҳди шарикии ба боварӣ асосёфта мебошад. Бо мақсади гирифтани фоида яке аз шарикон сармояи худ (маблағҳои пулӣ) ва шарики дигар донишу малакаи соҳибкории худро пешниҳод менамоянд. Тарафе, ки сармоя пешниҳод менамояд - сармоягузор (рабб-ул-мол) номида мешавад ва тарафе, ки донишу малакаи соҳибкории худро пешниҳод менамояд–соҳибкор (музориб) номида мешавад. Фоида байни тарафҳо аз рӯи меъёри дар шартнома зикргардида тақсим мегардад.

Намуди аҳдҳо аз рӯи шартномаи МУЗОРАБА.

**МУЗОРАБАИ МАҲДУД** – шартномаест, ки аз рӯи он муштарӣ соҳа ва объекти маблағгузориро ҳамчун сармоягузор (рабб-ул-мол) мувофиқи рӯйхати пешниҳоднамудаи Бонк муайян менамояд.

Аз рӯи шартномаи Музораба муштариён маблағҳои пулии худро бо шарти иштирок дар фоида ва зарар, ки Бонк аз ҳисоби истифодаи маблағҳо дар маблағгузорӣ бо принсипҳои исломӣ ба даст меорад, пешниҳод менамоянд.

Андозаи тақсимоти фоида ва зарар пешакӣ аз рӯи таносуби 30:70, 40:60, 20:80 ва ғ. муайян карда мешавад.

**НИЗОМИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ**-Аз моҳи июли соли 2014 пас аз мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" дар ҷумҳурӣ асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти бонкии исломӣ муайян гардида, шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти бонкии исломӣ фароҳам оварда шуд.

**МУЗОРАБАИ НОМАҲДУД** - аҳди шарикии ба боварӣ асосёфта мебошад. Бо мақсади гирифтани фоида яке аз шарикон сармояи худ (маблағҳои пулӣ) ва шарики дигар донишу малакаи соҳибкории худро пешниҳод менамоянд.

Фоида байни тарафҳо аз рӯи меъёри дар шартнома зикргардида тақсим мегардад.

**БАЪД АЗ ГУЗОШТАНИ ПАСАНДОЗ**

Ҳамаи нусхаҳои ҳуҷҷатҳоеро, ки ба пасандози шумо дахл доранд, дар ҷойи боэътимод нигоҳ доред. Бонк беруннависи ҳар як нусхаи ҳисоберо барои муддати на камтар аз 30 рӯз ба шумо пешниҳод менамояд. Беруннависи бонкии худро санҷед. Агар ягон носаҳеҳӣ пайдо кардед, фавран ба бонки худ хабар диҳед. Дар аризаҳои пештараи шумо маълумоти шахсӣ дар бораи пасандозатон мавҷуд аст, бинобар ин онҳоро пеш аз партофтан пок кунед. Агар сифати хизматрасонии пешниҳодшуда қаноатбахш набошад, ба бонки худ муроҷиат кунед. Ҳуқуқҳои шумо дар суд метавонад ҳамчун як миёнарави низоми молиявӣ ҳимоя карда шаванд.

## ҶСК "Алиф Бонк"

алиф

### ПАСАНДОЗИ МУҲЛАТНОК

| Маблағи фоизи пардохташаванда | |
|---|---|
| бо сомонӣ | 25% аз даромади фоизӣ барои пасандозҳои 3 моҳа |
| | 35% аз даромади фоизӣ барои пасандозҳои 6 моҳа |
| | 60% аз даромади фоизӣ барои пасандозҳои аз 1 сола боло |
| бо долл. ИМА | 10% аз даромади фоизӣ барои пасандозҳои 3 моҳа |
| | 20% аз даромади фоизӣ барои пасандозҳои 6 моҳа |
| | 40% аз даромади фоизӣ барои пасандозҳои аз 1 сола боло |
| | 50% аз даромади фоизӣ барои кудакони ятим |

### ПАСАНДОЗИ ДАРХОСТӢ

| Маблағи фоизи пардохташаванда | |
|---|---|
| бо сомонӣ | 10% аз даромади фоизӣ |
| бо долл. ИМА | 5% аз даромади фоизӣ |

### ШАРТҲОИ ПАСАНДОЗ

Шумо имконият доред, ки муҳлати беҳтаринро барои худ интихоб намуда, пасандоз кушоед. Имконияти кушодани пасандоз ҳам бо доллари ИМА ва ҳам бо сомонӣ. Шумо метавонед барои худ беҳтарин варианти тақсими даромадро тибқи принсипҳои бонкдории исломӣ интихоб намоед. Барои аз нав саҳм гузоштан ба дафтари мо омадан зарур нест. Хизматрасонӣ ба таври худкор фаъол карда мешавад.

Маблағро аз хазинаи мо бидуни комиссия бигиред ё бо роҳи интиқол ба суратҳисоби дигар дастрас намоед. Барои пасандозҳои аз яксола боло пур кардан ба истисноеи 3 моҳи охир иҷозат дода мешавад.

### КАФОЛАТ

Ҳама амонатҳо дар Алиф Бонк бо амволи манқул ва ғайриманқули гарав суғурта карда мешаванд. Аз соли 2016, Алиф Бонк узви Фонди суғуртаи пасандозҳои инфиродӣ мебошад. Мониторинг аз ҷониби ташкилотҳои аудиторӣ ҳар сол гузаронида мешавад.

Инчунин, баъзе аз ин ташкилотҳо дар Алиф Бонк пасандоз кушоданд, ки ин солимии сандуқи қарз ва масъулиятро нишон медиҳад. Ҳар як муштарӣ ҳуқуқ дорад аудити худро гузаронад.

***Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ.***


МегаФон
Тоҷикистон
алиф
salom.megafon.tj
АЗС
алиф салом
МегаФон
РАССРОЧКА
НА ВСЁ
ПОКУПАЙ ВСЁ В РАССРОЧКУ С КАРТОЙ «САЛОМ»
ОТ «МЕГАФОН ТАДЖИКИСТАН»
И ПОЛУЧАЙ БОНУСЫ
ИҶОЗАТНОМАҲОИ ҶСП «ТТ мобайл»: №14-234-ҶТ №0000234 №15-270-ҶТ №0000270
№16-343-ҶТ №0000343 №16-344-ҶТ №0000344 №16-345-ҶТ №0000345
№16-346-ҶТ №0000346 №16-347-ҶТ №0000347 №16-361-ҶТ №0000361.
ИҶОЗАТНОМАИ ҶСК «Алиф Бонк», НБТ №0000114 аз 3 январ 2020 сол.

## Анатолий Изюмников:
# “Мо ҳамчун ширкати нововар, бисёр хизматрасониҳои навинро аввалин шуда ҷорӣ мекунем”



**Хизматрасониҳои рақамии молиявӣ дар Тоҷикистон танҳо ба наздикӣ дастрас гардиданд, лекин онҳо аллакай ба ҷузъи муқаррарии ҳаёт табдил ёфтаанд. Айни замон ҳатто операторони мобилӣ кортҳои кобрендингии бонкӣ, имконияти идоракунии маблағҳо ё пардохтнамоии маблағи харидҳоро бо ёрии смартфон пешниҳод менамоянд. Дар ин ҷода “МегаФон Тоҷикистон”, бегумон, ширкати пешсаф ба ҳисоб меравад, зеро он худро чун оператори имкониятҳои нави рақамӣ муаррифӣ кардааст. Доир ба имкониятҳои хизматрасониҳои муосири молиявӣ мо бо директори иҷроияи ин ширкат Анатолий Изюмников суҳбат оростем.**

**- “МегаФон Тоҷикистон” аллакай тӯли чандин сол ба пешниҳоди хизматрасониҳои рақамӣ машғул мебошад. Чӣ сабаб пеш омад, ки Шумо бо истифода аз технологияҳои QR-рамз ва ҳамёнҳои электронӣ ба анҷомдиҳии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ шурӯъ намудед?**

-Ширкати мо ҳамеша кӯшиш мекард, ки дар бозори алоқа имкониятҳои муосиртаринро роҳандозӣ намояд, то ки муштариён ҳамеша интихоби васеъи хизматрасониҳои қулайро дошта бошанд. Дар ин ҷода ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ хеле осон карда шудаанд, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки пардохтҳо дар дилхоҳ вақт ва дилхоҳ макон анҷом дода шаванд. Комилан табиист, ки самти FinTech инчунин низоми иқтисодии хизматрасониҳои рақамии моро пурра намуд.

**-Айни замон “МегаФон Тоҷикистон” якҷоя бо ҶСК “Алиф Бонк” ва Ташкилоти қарзии “Ҳумо” кортҳои “Лаҳза” ва “Салом”-ро баровардааст. Чаро танҳо як намуди корт нею, якбора ду намуд пешниҳод гардид?**

- Базаи муштариёни мо хеле васеъ аст, он мизоҷон аз сегментҳои мухталифи дорои талаботи гуногунро дарбар мегирад. Барои ҳамин мо кортҳои гуногунро пешниҳод менамоем. Дар асл онҳо аллакай сетоанд, зеро якҷоя бо ҶСП “Бонки Байналмилалии Тоҷикистон” мо корти кобрендингии “UnionPay Platinum”-ро низ баровардем. Он корти мукофотӣ буда, дар 175 кишвари олам амал мекунад.

**- Фарқ байни кортҳои “Лаҳза” ва “Салом” дар чист?**

-“Салом” барои харидҳо ба



насия пешбинӣ шудааст. Бо ёрии ин корт метавон аз 800 шарикони барнома зиёдтар дар Душанбе ва Хуҷанд молу хизматрасониҳоро ба мӯҳлати то 12 моҳ дастрас намуд. Корти “Лаҳза” бошад, дар бозори молиявии Тоҷикистон як корти нодир маҳсуб меёбад, зеро тариқи он якбора якчанд хизматрасониҳои бонкӣ расонида мешаванд: он имкон медиҳад, ки қарзҳо ба маблағи то 3 000 сомонӣ ба мӯҳлати то 30 рӯз ба даст оварда шуда, пасандозҳои мизоҷон бо меъёри 6% солона зиёд карда шаванд. Дар баробари ин, тариқи ин корт метавон интиқолҳои пулиро аз Федератсияи Россия қабул намуд.

**- Ин кортҳо танҳо барои шахсони истифодакунандаи хизматрасониҳои ширкати “МегаФон Тоҷикистон” дастрас мебошанд ё ҳамаи одамон онҳоро дастрас карда метавонанд?**

- Онҳо танҳо барои муштариёни мо пешбинӣ гардидаанд.

**- Барои дастраскунии корти “Лаҳза” чӣ миқдор маблағ лозим аст?**

- Ягон миқдор маблағ зарур нест. Кофист, ки бо худ шиносномa дошта бошед. Кортҳои “Лаҳза” ройгон ба расмият даровapда шуда, хизматрасонӣ мешаванд.

**- Оё ҳангоми интиқоли маблағ ё гирифтани қарз тариқи ин кортҳо маҳдудияте вуҷуд дорад? Масалан, чӣ миқдор маблағро метавон аз Русия ба Тоҷикистон интиқол дод?**

- Интиқоли маблағ аз Русия ба корти “Лаҳза” ягон маҳдудият надорад. Ҳаҷми зиёдтарини қарзе, ки метавон дастрас намуд – 3000 сомониро ташкил медиҳад. Ба воситаи корти “Салом” бошад, ба насия дастрас




намудани маблағ дар ҳаҷми то 50 000 сомонӣ имконпазир аст.

**- Оё метавон ҳаҷми қарзи муқарраршударо зиёд намуд ва барои ин хизматрасонӣ чӣ миқдор комиссия ситонида мешавад?**

- Дар сурати паст будани қобилияти пардохтии мизоҷ, ҳангоми барасмиятдарории корти “Лаҳза” меъёри қарз дар ҳаҷми 100 сомонӣ муқаррар карда мешавад. Вале меъёри қарзиро метавон то 3000 сомонӣ зиёд намуд. Комиссия дар ҳаҷми 3% якбора баъди истифодаи қарз гирифта мешавад.

**- Мӯҳлати истифодаи корти “Лаҳза” 18 моҳ мебошад. Оё ин мӯҳлат, ба назари Шумо, барои хизматрасонии бонкӣ кифоя аст?**

- Ин меъёри мӯҳлати кӯҳнашавии корти пластикӣ ба ҳисоб меравад. Баъди ба поён расидани он кортро метавон дар давоми як рӯз аз нав баровард.

**- Шумо чӣ тавр муштариёнро ба дастраснамоии ин кортҳо ҳавасманд мекунед? Ва оё “МегаФон Тоҷикистон” барои соҳибони кортҳо бонусҳо пешбинӣ менамояд?**

- Ба дорандагони корти “Салом” барои ҳар як хариди анҷомдодашуда 60 хол медиҳем. Ҳамчунин, ҳангоми дастраснамоии корт низ 60 хол пардохт карда мешавад. Корти “Лаҳза”-ро бошад, муштариён метавонанд дар “Ҳамён”-и замимаи “МегаФон Life” ба қайд гирифта, бо ёрии замима харидҳоро анҷом диҳанд ва барои ҳар як хариди анҷомдодашуда вобаста ба маблағи харид бонусҳоро ба миқдори аз 15 то 300 хол ба даст оваранд. Ин холҳоро сипас метавон ба хизматрасониҳои гуногуни алоқа иваз намуд. Масалан, бар ивази 20 хол метавон 10 дақиқаи зангҳоро ба рақамҳои Ӯзбекистон , ки дар он ҷой дӯстону хешовандони бисёри муштариён зиндагонӣ мекунанд, дастрас намуд. Дар асл, онҳо даъватҳои байналмилалианд! 1 Гб трафики интернети мобилӣ бошад, ба 210 хол баробар аст. Дар баробари ин, феҳристи пурраи мукофотҳо вуҷуд дорад, ки дар доираи барномаи садоқатмандии “Раҳмат” амал мекунад. Ҳамин тариқ, метавон аз феҳрист маҳз он хизматрасониеро интихоб кард, ки ба шахси муайян зарур мебошад.

**- “МегаФон Тоҷикистон” тӯли солҳои охир дар бозори молиявӣ мақоми назаррасро соҳиб шудааст. Шумо фаъолияти худро чӣ тавр баҳогузорӣ менамоед?**

- Аз рӯйи теъдоди истифодабарандагони хизматрасониҳои FinTech метавон гуфт, ки мо дар самти дуруст ҳаракат дорем. Чунин хизматрасониҳо натанҳо дар шаҳрҳои калон, балки дар дигар минтақаҳо низ рӯз ба рӯз маъмултар мешаванд. Акнун дар ҳамаи минтақаҳое, ки он ҷой интернети мобилии мо дастрас мебошад, қобили қайд аст, ки ба қатори ин маҳалҳо ноҳияҳои баландкӯҳ низ дохил мешаванд, метавон аз “Ҳамён”-и “МегаФон Life” кор гирифт. Ин хеле роҳату осон аст ва тавре аллакай қайд




кардам, мо ҳамеша дар фикри боз ҳам осонтар гардонидани имкониятҳои муштариёнамон ҳастем.

**- Айни замон хизматрасониҳои ширкати Шумо воқеан анқариб дар ҳамаи ноҳияҳои кишвар дастрас мебошанд, онҳоро қисми назарраси шаҳрвандони Тоҷикистон истифода мебаранд. Ба андешаи шумо барои чӣ мардум “МегаФон”-ро интихоб мекунанд?**

- Сабабҳо зиёданд. Сабаби якум он аст, ки шабакаи мо аз ҷумлаи шабакаҳои тараққикардатарин ба шумор меравад. Дар бисёр нуқтаҳои дурдасти аҳолинишин то айни замон танҳо як оператор – “МегаФон Тоҷикистон” муаррифӣ карда шудааст. Ва алоқаи мо бо сифати баланди худ фарқ мекунад. Дуюм ин, ки мо тарофаҳои мувофиқу дастрасро омода менамоем, яъне дар силсилаҳои тарофаҳои мо ҳар як муштарӣ бастаи маҳз ба талаботи ӯ мувофиқаткунандаро пайдо карда метавонад. Сеюм, чунин доираи васеи хизматрасониҳои иловагие, ки дар шабакаи мо мавҷуд аст, шояд дар ягон ширкати дигари телекоммуникатсионӣ вуҷуд надошта бошад. Мо ҳамчун ширкати наовар, бисёр хизматрасониҳои навинро аввалин шуда ҷорӣ мекунем ва дӯстдорони технологияҳои баланди рақамӣ иқдомҳои моро қадр мекунанд.

**- Буҳрони молиявии бар асари пандемия бамиёномада ба фаъолияти ширкати шумо таъсири манфӣ расонидааст ва оё ташкилоти шумо дар ин давраи душвор ба мизоҷони худ кумак кардааст?**

-Агар Шумо тағйирёбии ҳаҷмҳои даромадро дар назар дошта бошед, гуфта метавонам, ки бинобар сабаби пандемия анҷомдиҳии даъватҳо ва истифодаи интернети мобилӣ аз ҷониби муштариён камтар нашуда, истифодаи хизматрасониҳо дар сатҳи пешина боқӣ мондааст. Вобаста ба ёрӣ расонидан ба муштариён, табиист, ки мо онҳоро дар ҳалли баъзе масъалаҳо бе дастгирӣ гузошта наметавонистем. Ҳамин тариқ, дар моҳи май иқдоми “Дар хона бимон” ҷорӣ карда шуд, ки дар доираи он ба муштариён имконияти нигоҳ доштани муошират бо наздикон ҳангоми ҷой доштани мушкилиҳои вобаста ба воридкунии саривақтии пардохти абонентӣ пешниҳод карда мешуд. Ҳатто ҳангоми ба поён расидани маблағ дар ҳисоб ба мизоҷони мо имконияти дар давоми 72 соат ройгон истифода намудани бастаи хизматрасониҳое, ки ба он 100 Мб интернет, 10 дақиқа зангҳо дар дохили шабака ва ирсоли паёмакҳо ба Viber ва WhatsApp дохил мешуданд, пешниҳод мегардид. Чунин баста дар давоми як моҳ на зиёда аз як маротиба пайваст карда мешуд. Ба ғайр аз ин, тартиби автоматие ҷорӣ карда шуд, ки бо ёрии он ба осонӣ қарз гирифтани маблағи зарурӣ барои воридкунии пардохти абонентӣ имконпазир мебошад. Тартиби мазкур бо ёрии хизматрасонии “Пардохти боваршуда+” амалӣ мегардад. Ин иқдомҳо ба он хотир пеш гирифта шуданд, то ки муштариёни мо бо ҷорӣ гардидани реҷаи канорагирӣ худро ба хатар гирифтор накарда, аз хона камтар бароянд.

Хеле пештар аз оғози пандемия мо аллакай инкишофи шабакаҳои мувофиқи худхизматрасониро, ки дар ҳалли масоили “мобилӣ” бидуни муроҷиати алоҳида ба толори алоқа мусоидат менамоянд, оғоз карда будем. Масалан, харидани смартфон дар мағозаи интернетии мо имконпазир аст, дар ин ҳолат моли харидашуда ба хонаи мизоҷ расонида мешавад. Дар робита ба толорҳои фирмавие, ки мизоҷ барои барасмиятдарории ҳуқуқии баъзе хизматрасониҳо бояд шахсан ба онҳо муроҷиат намояд, мо кӯшиш мекунем аз рӯйи принсипи “дар наздикии хона ё кор” кушоем. Дар ин ҳолат ба бисёр мизоҷони мо зарурат пеш намеояд, то ки фосилаҳои зиёдро тай карда, ба нуқтаҳои фурӯши мо ҳозир шаванд. Дар вазъияти махсуси соли 2020 чунин тарзи ташкили кор нисбати ба роҳ мондани ҷараёни хизматрасонӣ самараи худро нишон дод. Зеро он на танҳо осону бароҳат, балки инчунин барои саломатии мизоҷони МегаФон бехавф мебошад.

*Мусоҳиб:*
*Аслам Мӯминов,*
*хабарнигори “БТҶ”*

# Бозгашти таварруми бузург имкон дорад?

Баъди чандин соли мавҷуд будани сатҳи пасти таваррум дурнамои аз 5 то 10% баланд шудани он боварнокардани ё аз ҳақиқат дур ба назар мерасад. Вале вақте дар фаъолияти иқтисодиёти ҷаҳон дигаргунии бузург ба амал меояд, дурнамои ба ин андоза баландшавии таваррум он қадар аз ҳақиқат дур наменамояд.

Муҳаррири “The Banker» Брайан Кэплен чанде пеш дар блоги худ навишт, ки бонкҳои марказӣ доимо аз иҷрои мақсадҳои таваррумии худ баромада наметавонанд ва бартарияти ҳикмат дар он аён мегардад, ки сенарияи феълии таварруми паст ва меъёрҳои пасти фоизӣ дар ҳамин ҷо боқӣ мемонанд. Бонкдорон кайҳо боз аз умед бастан ба ин ки даромади баланди софи фоизӣ дар мубориза барои ба даст овардани фоида ба онҳо кумак мерасонад, даст кашидаанд. Вале ба ин нигоҳ накарда, ба қавли ҳадди ақал ду нафар мутахассисони соҳаи иқтисодиёт, иқтисоди ҷаҳон дар арафаи тағйироти тектоникӣ қарор дорад, ки ин ҳолат ба андозаи 5-10% дар як сол боло рафтани сатҳи таваррум дар мамлакатҳои мутараққӣ оварда мерасонад.



*Брайан Кэплен-муҳаррири “The Banker».*

Масалан, собиқ узви кумитаи Бонки Англия оид ба сиёсати пулию қарзӣ Чарлз Гудхарт ва собиқ директори иҷроияи Morgan Stanley Маной Прадхан китоберо таҳти унвони “Табаддулоти бузурги демографӣ: ҷомеаҳои пиршаванда, нобаробарии рӯ ба таназзул ва эҳёи таваррум” эҷод ва ба чоп расониданд. Далели шахсони номбурда дар он ифода мегардад, ки омилҳои калидӣ, ки ба давраи феълии таварруми паст асос гузоштаанд, аз қабили – болоравии бозори ҷаҳонии меҳнат бар асари рушди Хитой, аз ҷониби иттифоқи касаба аз даст додани қобилияти баланд кардани музди меҳнат, тақвияти ҷаҳонишавӣ ва рақобат, ки ба паст шудани нархҳо оварда расониданд, ба охир расида истодаанд ва ҳатто ба самти муқобил ҳаракат доранд.

Ба андешаи муаллифи мақола, дар давоми 20-30 соли оянда Хитой ва

кишварҳои Ғарб бо бӯҳрони пиршавии аҳолӣ, ки онро болоравии зиёди коеффитсиенти тайёрхӯрон ҳамроҳӣ менамояд, рӯ ба рӯ мешаванд ва дар ниҳояти кор ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки ҳар як аъзои аҳолии коркунанда маҷбур мешавад теъдоди нафахӯрони пиронсолро нигаҳбонӣ кунад. Махсусан дар мамолики Ғарб аллакай мушкилоти зиёд дар мавриди чӣ гуна пардохт намудани хароҷоти иловагии тиббӣ ва нафақавии ҷомеаи пиршаванда ҳанӯз то оғози пандемияи Covid-19 ба миён омада буданд.

Иқтисоддонон ба инанд, ки осори пандемияи феълӣ ва бӯҳрони пиршавии аҳолӣ дар маҷмӯъ бори сангин ва гарони қарзи давлатӣ хоҳад буд. Ба замми ин, ҷаҳонишавӣ ба самти муқобил ҳаракат мекунад, зеро ширкатҳо ба мушкилоти занҷираи таъминоти пандемия эътино мекунанд ва макони истеҳсолотро дигар менамоянд. Шумораи ками кормандон, ки кори бештари коргаронро анҷом медиҳанд, аз он ҷумла нигоҳбонии одамони пиронсол ва кор дар бахши истеҳсолоти ба ҷойи дигар кӯчонидашуда ҳаҷми музди меҳнатро зиёд, нобаробариро маҳдуд ва тавaррумро ба амал меорад.

Бино ба андешаи муаллифони китоб, дар ҳолатҳои дигари шартҳои баробар бонкҳои марказӣ дар муқобили таварруми бамиёномада меъёрҳои фоизиро баланд мекунанд. Вале зери таъсири ҳукуматҳо ва ширкатҳо, ки аз бори сангини қарз меларзанд, ин кор аз лиҳози сиёсӣ ғайриимкон хоҳад буд. Ба ҷойи ин, сарпӯшаки наҷотдиҳандии иқтисодӣ суръати таварруми аз 5% то 10% метавонад бошад, ки тақрибан як сол баъд аз барқароршавӣ аз пандемияи Covid-19 оғоз мешавад.

> Иқтисоддонон ба инанд, ки осори пандемияи феълӣ ва бӯҳрони пиршавии аҳолӣ дар маҷмӯъ бори сангин ва гарони қарзи давлатӣ хоҳад буд.

Дар робита ба ин, саволе ба миён меояд, ки дар чунин вазъият аҳволи бонкҳо чӣ гуна мешавад? Муаллифон бар инанд, ки дар сурати ба амал омадани чунин вазъият ҳамааш аз қобилияти бонкҳо дар самти зиёд кардани фоидаи софи фоизӣ дар давраи идомаёбандаи меъёрҳои пасти фоизӣ ва то чӣ андоза муфлисшавии корпоратсияҳо вусъат меёбад, вақте ки меъёрҳо дар ниҳояти кор баланд мешаванд, вобаста мебошад. Маълум аст, ки дар ҳолати таварруми муътадил онҳо эҳтимол аз ҳозира дида, хубтар кор мекунанд, вале хатари таварруми дар он зоҳир мегардад, ки вай аз таҳти назорат баромада, дар охири кор зарари бузурги иқтисодӣ ба бор меорад.

Нуктаи муҳим ва ё аломати асосӣ дар кори илмии Чарлз Гудхарт ва Маной Прадхан – технология ба шумор меравад. Оё рушди ақли сунъӣ ва техникаи роботӣ ихтисори зиёди ҷойҳои кориро ба миён меорад ва оё афзоиши ҳосилнокии меҳнатро боигарии нав, ки бӯҳрони қарзи давлатиро ҳал менамояд, таъмин мекунад? Ба андешаи Брайан Кэплен-муҳаррири “The Banker», ин саволҳо барои фаъолияти минбаъдаи ширкату ташкилотҳо ниҳоят муҳим ба шумор мераванд ва гумон аст, ки иқтисоддонҳо дар мавриди онҳо ба як фикри ягона биёянд. Барои ба даст овардани фикри ягона ва дуруст баҳсу талошҳои зиёди олимон ва мутахассисони зарур аст ва онҳо ҳатман баргузор мешаванд.

*Таҳияи*
***Абдуғаффор Курбонов,***
***“БТҶ”.***

# ТАДЖИКСКИЕ ИВЕНТЫ

## Этнофестиваль «Крыша Мира»



«Крыша мира» – ежегодный музыкальный фестиваль в Хороге, который собирает тысячи любителей этнической музыки не только со всего Таджикистана, но и ближнего и дальнего зарубежья. Этот фестиваль проводится один раз в год на Памире, то есть в регионе, где горы соприкасаются с небом, а звезды опускаются на землю. Это место выбрано не случайно, ведь музыка является неотъемлемой частью жителей Памира и сопровождает их повсюду.

Здесь очень сложно найти человека, который бы не умел петь и танцевать, играть на музыкальных инструментах. Ежегодно на фестивале свое искусство представляют музыканты из Афганистана, Германии, Казахстана, Кыргызстана, США, Узбекистана. Участники получают возможность обмениваться культурными традициями и погружаться в музыкальную культуру других народов.

## Почему ваханский танец считается лучшим на Памире



Ваханский танец уходит своими корнями в древность. Для того, чтобы увидеть его и понять смысл движений в танце, мы отправились в кишлак Вранг Ишкашима, чтобы встретиться со знаменитым танцовщиком Баходуром Рахматшоевым и его односельчанами, которые не только рассказали о философии и истории танца, но и показали, каким он должен быть. Сохранить то, что было.По словам руководителя центра культуры и отдыха во Вранге Мирзо Сафармамадова, у танца в Ваханской долине древняя история. «Сколько существует наш народ, столько и живет танец. Он достался в наследство от наших предков и в этом танце демонстрируется смелость и отвага, сила их духа», – говорит он.

# ТАДЖИКСКИЕ ИВЕНТЫ



## 4-летний мальчик из Таджикистана стал моделью крупных брендов в Китае

Мустафо Юсупов уверенно позирует на фотосъемках и получает за это немалые гонорары. До сегодняшнего дня Мустафо снялся для многих крупных китайских и некоторых английских, японских, немецких и итальянских брендов. В будущем он мечтает одновременно стать политиком, спортсменом и моделью.

## Банк Эсхата» вошел в список наиболее безопасных банков мира

Финансовый журнал Global Finance опубликовал очередной рейтинг «Самые надежные банки мира (World’s Safest Banks 2020: Country Winners). Аналитики Global Finance в нынешнем году впервые включили в исследование банков Таджикистана вместе с банками Руанды и Каймановых островов. Рейтинг составлен для каждого региона мира в отдельности. «Банк Эсхата» расположился среди 21 самых надежных банков Центральной и Восточной Европы и бывшего Советского Союза. Среди стран Центральной Азии в списке также оказались Банк развития Казахстана и Национальный банк Узбекистана. Из российских банков к наиболее безопасным банкам отнесен Сбербанк России.



# Тартиби истифодаи банкомат ва POS-терминал аз ҷониби нафақахӯрон

**РАҲНАМО**

Пайвастшавӣ ба **SMS-паёмак** барои нафақахӯрон ройгон буда, Шумо метавонед ба рақамҳои телефоне, ки дар корти пластикӣ навишта шудааст, дар тамос шуда, ба **SMS-паём** пайваст шавед!

## SMS - паёмак

Ба телефони Шумо SMS - паёмак оид ба ворид шудани нафақа ба корти нафақавӣ дохил шуд







**Пас аз ворид шудани SMS паёмак оид ба дохил шудани нафақа ба корти нафақавӣ Шумо метавонед онро бо 2 роҳ гиред:**

## 1. Истифода бурдани банкомат

**Барои иҷрои амалиёт дар банкомат, амалҳои зеринро анҷом диҳед:**

1. Навори магнитии корти пардохтиро ба поён карда, ба банкомат дохил кунед. Нишонаи рамзии Бонк бояд дар кунҷи болоии тарафи рости/чапи корти пардохтӣ ҷой гирифта бошад;



2. Бо истифода аз тугмачаҳои канории экрани банкомат забони зарурии амалиётро интихоб намоед: тоҷикӣ, англисӣ ё русӣ.



3. Пас аз интихоби забон, банкомат аз Шумо дархост менамояд, ки Рақами мушаххаси худ (ПИН-код)-ро ворид намоед. Пас, онро бо пахш кардани тугмачаи «ENTER», ки дар клавиатураи банкомат ҷойгир аст, тасдиқ намоед;



!
- ✓ Рамз (PIN-код)-и худро азёд намуда, онро махфӣ нигоҳ доред. Ба бегонагон (ҳатто онро ба кормандони Бонк) ҳам нагӯед.
- ✓ Шумо то се маротиба кӯшиши хато даровардани рақами мушаххасро доред. Пас аз се кӯшиши бебарори даровардани рақами мушаххас, банкомат корти шуморо мусодира менамояд ё онро бозмедорад!
- ✓ Шумо метавонед рамз (PIN-код)-и худро бо истифода аз банкомат иваз намоед!

4. Дар экрани банкомат амалиёти “Гирифтани пул”-ро, интихоб карда, тугмачаи “Enter” – ро пахш намоед.



5. Дар экрани банкомат номгӯи ҳаҷми маблағ (андозаи маблағ)- ро интихоб намоед.



Агар маблағи дархостшавандаи Шумо дар экран набошад, пас тугмачаи “Дигар маблағ”-ро пахш намуда, рақами маблағи мехостагии худро рақамчинӣ намоед.
Ҳангоми ворид намудани маблағи зарурбуда ба ин диққат диҳед: аз рӯи қоида он бояд ба миқдори яклухт баробар бошад, (яъне он бебақия тақсим шавад): 50 сомонӣ, 100 сомонӣ, 500 сомонӣ ва ғ.
Дар сурати чидани рақами нодурусти маблағ, банкомат онро қабул намекунад, барои ислоҳи он Шумо адади дурустро бичинед.

Пас аз анҷоми амалиёт гирифтани маблағ ва кортро фаромӯш накунед. Ба телефони Шумо SMS - паёмак оид ба маблағи гирифташуда ворид мешавад.



**Шумо ҳамчунин имкон доред ва метавонед бо истифода аз корти нафақавии худ арзиши харидро дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ ғайринақдӣ пардохт намоед.**

## 2. POS - терминал



Кортро бо шиноснома гирифта ба МХБ ва филиалҳои БДА “Амонатбонк” рафта, амалҳои зеринро иҷро намоед:

1. Кортро ба нозир ё хазинадори филиал ё МХБ-и ташкилотҳои қарзии молиявӣ диҳед.
2. Аз Шумо хоҳиш карда мешавад, ки барои гирифтани маблағи дархостӣ пин-код (рақамҳои махфӣ)-ро ворид намоед
3. Ба телефони Шумо SMS - паёмак оиди маблағи гирифташуда ворид мешавад.







! **Шумо метавонед аз дигар банкомат ва Pos-терминалҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ низ истифода баред! Вале дар хотир дошта бошед, ки гирифтани маблағи нафақа ё санҷиши бақия аз онҳо ройгон нест.**

# ХОНАНДАГОНИ АЗИЗУ ГИРОМӢ!

**Ба маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ", ки нашрияи Бонки миллии Тоҷикистон ба шумор меравад, обуна шуданро аз ёд набароред!**

Зеро маҷаллаи "БТҶ" ягона нашрияи ранга бо мазмуну мундариҷаи баланди мавзуъҳои низоми бонкӣ ба шумор рафта, имкониятҳои васеъ ва воқеии огоҳ шудан бо тамоми навгонию дигаргуниҳо, бурду бохти соҳаро бароятон муҳайё месозад.
Чандест, ки маҷаллаи "БТҶ"дар фазои иттилоотии мамлакат худро ба ҳайси нашрияи иттилоотию таҳлилӣ, ҳисоботиву бонкӣ ва инъикосгари комёбиҳои нав ба нави низоми бонкӣ кишвар муаррифӣ кардааст.

Бешубҳа, маҷаллаи "БТҶ"вазъи воқеии низоми бонкии ҷумҳуриро инъикос менамояд, мақолаҳои хонданибоби иқтисодию бонкиро нашр мекунад ва барои амалӣ шудани сиёсати пулию қарзӣ саҳми назаррас мегузорад.
Имрӯз маҷаллаи "БТҶ" ба минбари озоди ибрози андешаи олимони соҳаи иқтисод ва бонкӣ, мутахассисон ва коршиносони бонкӣ табдил ёфта, мақолаҳои илмӣ ва амалии онҳоро дар саҳифаҳои нашрия нашр менамояд.
Ва ниҳоят, нашри мунтазами ҳисоботи нишондиҳандаҳои асосии омории бонкҳои ҷумҳурӣ, маҷаллаи "БТҶ"-ро ба сарчашмаи боэътимоди омори бонкии кишвар табдил додааст.




Суроғаи маҷалла:
734025 ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 23/2,
email: majalla@nbt.tj,
тел: (992) 44 600-32-49,
(992) 44 620-05-37